ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 3.7.033(575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

ГАДОЕВ НУСРАТУЛЛО ЗУВАЙДУЛЛОЕВИЧ

СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ

(таҳлили сиёсӣ – иҷтимоӣ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси

23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

Роҳбари илмӣ: н.и.ф.,

дотсент МУҲАБАТОВ А.

Душанбе – 2023

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо…….. 3

Муқаддима…….. **4**

Тавсифи умумии таҳқиқот……. **13**

БОБИ I. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ…….. **19**

1.1. Таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва амалии рушди соҳаи маориф……. **19**

1.2. Омилҳои ташаккул ва инкишофи низоми маориф дар раванди дигаргуншавии ҷомеа……. **49**

БОБИ II. РАВАНДИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ…….. 79

2.1. Мақом ва нақши сиёсати давлат дар инкишофи маориф.. **79**

2.2. Раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф……. **102**

2.3. Ҳолат ва дурнамои рушди низоми маориф дар шароити ҷомеаи тағирёбанда..... **133**

ХУЛОСА..... **165**

НОМГӮИ АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА..... **175**

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ВМ ва И ҶТ- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

СМИМ дар ҶТ - Стратегияи миллии инкишофи маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

ОМ – Осиёи Марказӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

СҲШ – Созмони Ҳамкориҳои Шанхай

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

КХИ– Корхонаҳои хурди инноватсионӣ

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

ЮНЕСКО – яке аз муассисаҳои СММ, ки ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг машғул аст

ТИК – технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Масъалаи маориф яке аз масъалаҳои калидӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Рушди он ба тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, пажӯҳиши соҳаи маориф дар давраи дигаргуншавии ҷомеа яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад. Дар робита бо ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Э. Раҳмон қайд менамояд: «Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи маориф мебошад» [18, с.302].

Аҳамияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои пешрафта талош меварзад, ки ҳуҷҷатҳои давлатӣ, стандартҳо, консепсияҳо ва барномаҳои худро дар соҳаи маориф таҳия намуда, рушди онро ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ созад. Ҳукумати кишвар муҳимияти ин соҳаро ба назар гирифта, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” – ро қабул кард. Қонун имконият медиҳад, ки мувофиқ ба талаботи ҷомеаи демократӣ соҳаи маориф инкишофу рушд намояд.

Муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин дар он аст, ки вобаста ба талаботи давраи гузариш ҷиҳатҳои муҳимтарини раванди зина ба зина гузаштани таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқ шаванд, ки зарурияти омӯзиши он дар Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хеле мушаххас баён шудааст.

Зарурияти дигари таҳлилу таҳқиқи мавзуи интихобшуда инчунин дар он аст, ки раванди модернизатсионӣ дар соҳаи маориф вобаста ба суннатҳои миллӣ ба монанди руҳияи миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанги гузашта ва таъсири онҳо дар ташаккули шахсияти нав мавриди таҳлилу таҳқиққарор гирифтааст.

Аз тарафи дигар, аҳамияти таҳлили илмӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшуда дар он аст, ки дар ҷаҳони муосир раванди навсозии соҳаи маориф идома дорад. Ислоҳот дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар низоми сиёсии

Тоҷикистон сурат мегирад. Барои навсозии бомуваффақияти низоми таълим иштироки фаъолонаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва худи шаҳрвандон зарур аст. Бинобар ин, сиёсат дар бораи маориф, на танҳо хусусияти соҳавӣ, балки хусусияти умумимиллӣ дошта, зарурияти омӯзиш ва таҳқиқоти илмию назариявии мукаммалро талаб менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки масъалаи инкишофи ҷомеаи муосир аз сатҳи донишҳои техникию технологӣ вобастагии амиқ дорад. Бесабаб нест, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои дурнамои худро дар саноатикунонии ҷомеа мебинад, ки он бе пешрафти илму маориф ғайриимкон аст. Аз ин ҷо, зарурияти омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас дар вохӯрӣ ва мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» эълон карда шуд. Чуноне ки маълум аст, вазифаҳои дар боло гузошташуда имконият медиҳанд, ки ҳадафи чоруми дурнамои рушди Тоҷикистон - саноатикунонии мамлакат тавассути ин мақсад бомуваффақият амалӣ гардад.

Рушди соҳаи маориф дар самти тарбия ва таълими босифат аз кӯдакистон, макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва коллеҷу донишкадаву донишгоҳҳои кишвар вобастагии амиқ дорад. Гузашта аз ин, соҳаи маориф ҳамчун силсилаи боэътимод дар ташаккулёбии маърифат, худшиносӣ, камолот ва болоравии маънавиёти инсон хизмат мекунад. Бесабаб набуд, ки соҳибназарони Ғарб ва Шарқ таҳаввулоти ҷомеаро дар маорифпарварӣ, соҳиби хату савод ва дар маҷмӯъ маънавиёту маърифат будан медиданд. Онҳо итминон онро доштанд, ки маҳз илму маориф метавонад ҷаҳолатро аз ботини инсонҳо дур кунад ва онҳоро ба роҳи росту дуруст ҳидоят намоянд.

Дар замони муосир ва бахусус дар раванди ҷаҳонишавӣ аҳамияти таҳқиқи масъалаи маориф дар он ифода меёбад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон кӯшиш менамояд, ки санадҳо, меъёрҳо ва барномаҳои давлатии худро дар соҳаи маориф тағдид ва таҳия намуда, самтҳои инкишофи онро бо низоми меъёри ҷаҳонии маориф мувофиқ гардонад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаи ташаккул ва амалӣ намудани самти сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаи маориф дер боз диққати муҳаққиқони гуногуни илмро ба худ ҷалб намудааст, зеро тамоми соҳаҳои ҳаёт аз рушди минбаъдаи маориф дар шароити имрӯзаи ҷомеа ва дурнамои он вобаста аст**.** Моҳияти асосии диссертатсияро ба ду самти асосӣ: омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили асосҳои назариявию методологии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва самти дуюми онро дар раванди амалишавии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ҷудо карда, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додан мумкин аст.

Дар рафти таҳлили мавзуи диссертатсионӣ таҳқиқоти пажӯҳишгарони соҳаи маорифро дар солҳои қаблӣ ва имрӯз ба як чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи якум сарчашмаҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва сиёсие марбут мешаванд, ки муносибатҳои гуногунро дар соҳаи маориф ба танзим даровардаанд. Аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва дигар қонун ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [1; 2; 3; 4; 6; 7; 8]. Аз таҳлили ин санадҳои меъёрӣ маълум мегардад, ки ба ин мавзуъ таҳқиқотчиёни соҳаҳои гуногуни доираҳои илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, паҳлӯҳои гуногуни мавзуи мазкурро таҳлилу таҳқиқ намудаанд.

Ба гурӯҳи дуюм таҳқиқотҳои илмии баённамудаи доираи васеи олимони хориҷӣ нисбат дода шудааст, ки соҳаи маорифро аз паҳлӯҳои гуногун таҳлил намуда, зарурати омӯзиши онро исбот карда, асарҳои зиёди илмӣ таълиф

намудаанд. Дар байни онҳо саҳми муҳаққиқоне, ки соҳаи маорифро аз мақоми иҷтимоӣ таҳлил намудаанд, хеле назаррас мебошад. Хусусан, асарҳои муҳаққиқони зерини хориҷӣ: Э. Тоффлер, Д. Форрестер, Ф. Фукуяма, Э. Гидденс, Э. Дюркгейм, Т. Парсонс, Б. Саймон, Р. Дарендорф, Д. Дюи, Л. А. Козер, Ф. Г. Кумбс [71; 72; 74; 75; 38; 42; 66; 67; 69; 39; 41; 48; 51] ва дигарон, ки асарҳои таълифнамудаи онҳо диққати аксари муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудаанд.

Ф. Фукуяма дар асари худ “Ҷудоии азим” масъалаҳои иҷтимоиро мавриди таҳлил қарор дода, тағйиротҳои фаврии аз соли 1965 инҷониб ба амал омадаро бо меъёрҳои иҷтимоӣ баҳогузорӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, тағйиротҳо бо арзишҳое, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд, пайвандии ногусастанӣ доранд. Масалан, ӯқайд менамояд, ки тағйиротҳои куллӣ дар фарҳанги оила ба андешаи ман, метавон онҳоро бо ду омил шарҳ дод. Омили аввал умумист, ки ба тағйирёбии хусусияти меҳнат ба амал омадаанд ва ҷомеа аз иқтисодиёти асри индустриалӣ ба иқтисодиёти иттилоотӣ гузаштааст; омили дуюм мушаххас аст, ки навгониҳои (инноватсия) технологӣ ба монанди таъсири доруҳо дар раванди таваллуд ва дигар муносибатҳои оилавӣ, ки ин сабабҳои мушаххаси худро дорад, яъне таъсири илм ба ҳаёти ҳаррӯзаи мардум хеле зарур аст, вале аз сабаби қашшоқӣ илм ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа дастрас нест. Ӯ сабаби “Ҷудоии азим”-ро дар камбизоатӣ ва нобаробарии ҷомеа медонад. Ҳатто вайроншавии оилаҳо, камбизоатӣ, ҷиноятқорӣ, нобоварӣ, парокандагии иҷтимоӣ, нашъамандӣ, бесаводӣ ва сармояи пасти иҷтимоиро аз сатҳи пасти маориф донистааст [75, с.64-67].

Муҳаққиқ Э. Тоффлер дар асари худ “Мавҷи сеюм” таҳлили муқоисавиро пеш гирифта, бештар мавҷи сеюмро бо мавҷи дуюм муқоиса намуда, раванди ташаккулёбӣ ва демократикунононии ҷомеаро нишон додааст. Ӯқайд менамояд, ки дар айни замон, миллионҳо одамон аз сабаби бесаводӣ аз бозори меҳнат берун карда мешаванд. Дар ҷаҳони мавҷи дуввум қобилияти хондан

малакаи одитарин буда, дар ҳар як идора онро мустақилона талаб менамуд [71, с.124].

Олими дигар Д. Форрестер дар асараш “Динамикаи чаҳонӣ” муносибати ақли инсонро бо низоми муҳити атроф таҳлилу таҳқиқ намуда, ӯ ақли инсонро ҳамчун воситаи муҳим дар эҷоди назарияҳо медонад. Нуқтаи муҳимми дигаре, ки ӯ дар ин асар зикр мекунад ин дониши инсон мебошад. Маҳз ба воситаи дониш инсон низоми атрофашро муайян мекунад [74, с.45-46]. Масъалаи дигаре, ки ӯ дар ин асар ҷонибдорӣ менамояд, ба вуҷуд омадани баҳсҳои илмӣ байни мутахассисон аст. Аз ҷумла, ӯ таъкид менамояд, ки мутахассиси соҳаи муайян бояд бо як гурӯҳи одамони дорои дониши он соҳа мубоҳисаҳои шадидро оғоз кунад [74, с.55].

Олими дигари Ғарб Энтони Гидденс боби 16-уми асараш «Сотсиология» - ро ба соҳаи маориф бахшидааст. Ӯ дар ин асар аввалин шуда, шакли таҳсили фосилавиро ба таври дақиқ баррасӣ намудааст, ки имрӯз мо гуфтаҳои ин муҳаққиқро дар амалияи пешрафти маорифи Тоҷикистон низ дида истодаем [38, с.427].

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки муҳаққиқони мазкур дар рисолаҳои илмию таҳқиқотии худ ба масъалаи пешравии илму маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, роҳҳои татбиқи амалии онро бо мисолҳои мушаххас нишон додаанд.

Ба гурӯҳи сеюм пажӯҳиши мавзӯи таҳқиқшаванда, муҳаққиқони русро номбар кардан мумкин аст, ки онҳо солҳои охир ба масъалаҳои умумии ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Муҳиммият ва дурнамои соҳаи маориф, таҳлили фишангҳои ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар таҳқиқотҳои А. Л. Андреев, Н. Ф. Дианова, В. И. Жуков, М. Ф. Кузнетсов, Ф. Г. Зихтдинова, А. Е. Кузмин, А. Г. Бермус, Д. А. Ягофаров, Ж. Т. Тошенко [32; 40; 43; 50; 44; 126; 35; 122; 81; 73] ва дигарон мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар байни ин зумра олимон тадқиқоти муҳаққиқ А. Е. Кузьмин хеле аҳамияти муҳими илмию назариявӣ дорад. Дар рисолаи илмии ӯ мафҳумҳои «сиёсати маориф», «сиёсат дар соҳаи маориф», «сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф» арзёбӣ шудаанд [126].

Муҳаққиқ А. Г. Бермус дар рисолаи худ ҳангоми баррасии низомҳои стандартикунонии саноатӣ, ки дар асоси онҳо стандартҳои муосири давлатии таълим ба вуҷуд омадаанд, онҳоро ба чор навъи нисбатан мустақили миллӣҷудо кардааст: амрикоӣ, аврупоӣ, русӣ ва японӣ [122].

Муҳаққиқ Д. А. Ягофаров диққати бештари олимонро ба худ ҷалб намудааст. Ӯ дар асараш “Правовое регулирование системы образования” сиёсати таълим ва талаботи асосии системаи маорифро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таҳлил кардааст. Муҳаққиққайд мекунад, ки сиёсати давлат дар соҳаи маориф ин маҷмӯи фаъолияти давлат оид ба таъмин ва рушди низоми таҳсилоти миллӣ буда, унсурҳои гуногуни худро дорост ва дар байни онҳо масъалаҳои сиёсӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, ташкилӣ, идоракунӣ ва инчунин масъалаҳои моддию техникӣ, молиявӣва иқтисодӣмавқеи махсусро ишғол менамоянд. Аз ҷониби дигар, дар таҳқиқоти ӯ се муқаррароте вуҷуд доранд, ки мустақиман ба сиёсат оид ба маориф марбут мебошанд.

Якум, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба як қатор талабот, аз ҷумла ба талаботи роҳбарикунанда такя мекунад, ки дурнамо ва мақсадҳои наздики сиёсати маорифро дар марҳилаи мушаххаси таърихии рушди ҷомеа ва оянда муайян мекунанд.

Дуюм, ин талаботҳо дар қонунгузории амалкунанда, ки ҷанбаҳои гуногуни соҳаи маорифи миллиро танзим мекунанд, алоқаманданд ва пеш аз ҳама, дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд.

Сеюм, чунин робитаи байни талаботи сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки маориф яке аз масъалаҳои афзалиятнок дониста мешавад [81].

Муҳаққиқ Ж. Т. Тошенко вазъи таҳсилоти аҳолии Россияро дар асоси таҳлилҳои оморӣ дар шакли дастаҷамъона таҳлил намуда, таҳсилотро ҳамчун омили муҳимми танзими масъалаҳои иҷтимоӣ, муҳимтарин шарти табақабандии ҷомеа ва ҳаракатнокии иҷтимоии шахс дар ҷомеа номидааст. Ҳамчунин нақши ҷомеашиносон Е. А. Кабо, Л. Е. Минтс ва В. С. Овчинниковро оид ба тарбияи коргароничавон, зиёиёни нав ва татбиқи барномаи маҳви бесаводии аҳолӣ хуб арзёбӣ намуда ва пешниҳодҳои мушаххаси онҳоро овардааст [73].

Ба гурӯҳи чорум суханрониҳо ва асарҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Э. Раҳмон дохил мешаванд. Ӯ дар тамоми вохӯриҳо бо зиёиёни кишвар, дар ҳар як Паёми солонаи худ, ки сиёсати давлатиро дар соҳаҳои мухталиф аз ҷумла дар соҳаи маориф муайян намуда, роҳи ҳалли масъалаҳоро баён намаудааст. Дар баробари ин, дар асарҳои илмиашон [12; 13; 14; 15; 16; 17; 18] ба масъалаи маориф диққати махсус додаанд. Аз ҷумла дар китоби машҳури худ "Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён" оид ба маориф чунин зикр менамояд: "Соҳаи маориф, яке аз соҳаҳои афзалиятнок аст, ки дар он тадричан тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд меояд. Мактабҳо фаъол мегарданд, сифати тарбияи муаллимон низ нисбат ба солҳои 90-ум ва ибтидои соли 2000-ум рӯ ба беҳбудӣ овардааст" [16, с.311].

Ба гурӯҳи панҷум таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватаниро дохил кардан мумкин аст. Муҳаққиқони зиёди ватанӣ соҳаи маорифро мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода, ҷанбаҳои мухталифи онро таҳлилу таҳқиқ намудаанд. Дар асарҳои олимон А. Н. Муҳаммад, С. Ш. Бозорова, Ш. Шоисматуллоев, Р. Назаров, А. Ш. Қурбонов, Г.Н. Зокиров, А.М. Муҳабатов, Ш.Ҷ. Ҳасанова, Х. У. Идиев, Н.Н. Шаъбонов, Б. С. Амондуллоев, И. А. Алимов, И. Фархудинов, У. Н. Атакуллаев, Н. Сангинов, Р. Р. Мирзоев, С. Қ. Ҳакимзода, Б. Нуралӣ, Т.Р. Муҳамадҷон, Р. М. Имомалиева, Т. Г. Каримов [58; 120; 79; 80; 62; 99; 53; 45; 61; 98; 46; 47; 78; 31; 85; 118; 131; 119; 109; 128; 133; 121; 129; 124; 125] ва

дигарон паҳлӯҳои гуногуни мавзуи мазкур мавриди таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Дар байни ин гурӯҳи муаллифон, махсусан андешаҳои муҳаққиқ А. Ш. Қурбонов оид ба таҳаввули низоми маориф дар давраи истиқлолияти давлатӣ аҳамияти калони илмию назариявиро соҳиб аст. Муаллиф дар асари худ “Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” дар бораи мазмуну муҳтавои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, нақши маориф дар таъмини амният ва боҳамалоқамандии он бо амнияти миллиро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар баробари ин, вазъи ниҳодҳои маорифро дар замони истиқлолияти давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода, макотиби олиро ҳамчун омили рушд ва таҳкими иқтидори илмию техникии кишвар донистааст. Ҳамчунин роҳҳо ва усулҳои самарабахши амалисозии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Дигар муҳаққиқи ватанӣ Р. Назаров дар асараш “Фалсафаи сифати таҳсилот дар Тоҷикистон” сифати таълимро аз нигоҳи фалсафию таърихӣ таҳлил намуда, раванди инкишофи маорифро хеле васеъ баррасӣ намудааст. Дар ин асар муаллиф соҳаи маорифи кишварро даврабандӣ намуда, қайд менамояд, ки соҳаи мазкур аз тамаддуни ориёӣ оғоз ёфта, дар даврони шӯравӣ такмилу рушд гардида, ҳоло дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон шакли сифатан нави аврупоӣ ва миллиро ба худ касб намудааст.

Муҳаққиқ Р.Р. Мирзоев оид ба масъалаи гузариш ба системаи нави таълими кредитӣ дар соҳаи маориф рисолаи илмӣ навишта, бурду бохти ин системаро мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.

Қобили қайд аст, ки дар илми сиёсатшиносии ватанӣ то ҳанӯз таҳқиқоти илмӣ оид ба соҳаи маориф кам ба назар мерасад. Як қатор муҳаққиқон дар таҳқиқоти худ ҷиҳатҳои алоҳидаи масъалаи таҳқиқшавандаро баррасӣ намудаанд, ки дар шароити феълии Тоҷикистон ин таҳқиқоти анҷомдодашуда кофӣ нестанд. Ҳол он ки ин масъала ба таври мушаххас аз тарафи муҳаққиқони

дигар соҳаҳои илм, ба монанди таърихнигорон, файласуфон, ҳуқуқшиносон, педагогҳо ва дигарон мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта истодааст.

Масалан, муҳаққиқи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ Бахтовари Нуралӣ дар рисолаи худ муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон дар соҳаи илм ва маорифро мавриди таҳлил қарор додааст [121].

Муҳаққиқ Р.М. Имомалиева рушди маорифро таҳлили иҷтимоию фалсафӣ намуда, боби дуюми рисолаи илмии худро ба соҳаи маориф бахшидааст, ки дар он тамоюлҳои асосии рушди маориф дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистонро мавриди пажӯҳиш қарор дода, инчунин мавқеи ниҳодҳои соҳаи маорифро дар замони муосир таҳлилу таҳқиқ кардааст [124].

Муҳаққиқ Т.Г. Каримов дар боби аввали рисолаи илмии худ масъалаҳои ғайримарказикунонии идоракунии соҳаи маорифро мавриди омӯзиш қарор дода, самтҳои навсозӣ ва дурнамои идоракунии маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст [125].

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Тоҷикистон дар раванди дигаргуниҳои сиёсии ҷомеа ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ» барои солҳои 2016-2020 иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот – муайян намудани хусусиятҳои инкишоф ва дурнамои рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар шароити дигаргуншавии ҷомеа маҳсуб меёбад. Ҷиҳати ноил шудан ба мақсади гузошташуда, вазифаҳои зерин бояд роҳи ҳалли худро ёбанд:

Вазифаҳои таҳқиқот:

– таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва методологии рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

– муайян намудани омилҳои ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар давраи гузариши ҷомеа;

– таҳлили амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

– арзёбии раванди таҳкими модернизатсионии сиёсати давлатии соҳаи маориф дар Тоҷикистон;

– баррасии дурнамои инкишофи соҳаи маориф дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот: сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф.

Предмети таҳқиқот: раванди татбиқи навоварии соҳаи маориф дар марҳилаи гузариш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Фарзияи таҳқиқот. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, ки ба навсозӣ ва баланд бардоштани сифати низоми таълим нигаронида шудааст, бо як қатор чолишҳои иҷтимоию сиесӣ, ки ҳам аз хусусиятҳои дохилии кишвар (мушкилоти иқтисодӣ, омилҳои демографӣ, анъанаҳои фарҳангӣ) ва ҳам аз таъсири беруна (ҷаҳонишавӣ, стандартҳои байналмилалии таълимӣ) вобастаанд, рӯ ба рӯ мешавад. Тахмин меравад, ки самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз дараҷаи мутобиқати он ба ниёзҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, баҳисобгирии хусусиятҳои фарҳангӣ ва таърихӣ, инчунин аз сатҳи иштироки ҷонибҳои гуногуни манфиатдор дар раванди таҳия ва татбиқи ислоҳоти таълимӣ вобаста аст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои илмӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводҳои мизҳои мудаввар, конференсияҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ташкил мекунанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Дар рафти таҳқиқ ва таҳлили мавзӯи баррасишаванда ва ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда аз методҳои таърихӣ, системанокӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ ва оморӣ истифода шудааст. Методҳои зикршуда ҷиҳати баррасии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нақши калидӣ доранд. Дар такя ба ин методҳо, паҳлӯҳои гуногуни раванди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро муайян кардан мумкин аст. Зимни таҳқиқот дар рисола инчунин аз методҳои ташхис, синтез, эмпирикӣ, ояндабинӣ низ истифода шудаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот: Дар ин кори илмӣ таҳлил ва тадқиқот гузаронида мешавад, ки чӣ гуна таҳсилот пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ рушд кардааст. Инчунин дар тадқиқот хусусиятҳои хоси ин раванд ошкор карда мешаванд. Вобаста ба тадқиқ ва таҳлили мавзӯи пажӯҳишшаванда навгониҳои зерин муайян карда шудаанд:

- зарурияти илмию назариявии таҳқиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф муайян карда шуд;

- ташаккули раванди таҳаввули соҳаи маориф дар давраи гузариш тадқиқу таҳлил гардид;

- тағйири сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ватанӣ ба роҳ монда шудааст;

- роҳҳои татбиқи равандҳои инноватисонӣ ва модернизатсионӣ дар соҳаи маориф муайян карда шуданд;

- раванди мутобиқнамоии омилҳои мусбати маорифи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар таҷрибаи морифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

Раванди навсозӣ ва таҳаввулоти системаи таълимӣ бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисод, иҷтимоиёт, сиёсат ва фарҳанг зич алоқаманд аст.

Ин ҷанбаҳо дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ ва таҳлил карда шуданд.

1. Маориф яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Маҳз сиёсат дар ин соҳа ҳамкории институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро муайян мекунад. Аз самаранокии он сатҳ ва сифати дониши насли наврас ва аз ин рӯ сифати зиндагии шаҳрвандон дар маҷмуъ вобаста аст. Аз ин ҷост, ки раванди ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба яке аз роҳҳои муҳимми амалишавии ислоҳот дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Чунон ки маълум аст, дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, соҳаи маориф низ дар ҳамин марҳила ба дигаргуниҳои куллӣ ниёз дорад. Зикр кардан бамаврид аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои сиёсию ҳуқуқии соҳаи маорифро дар иртибот бо таҳаввулоти дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада асоснок карда, якчанд қонунҳо, қарорҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар бораи инкишофи маориф қабул намудааст, ки саривақтӣ мебошанд.

2. Дар натиҷаи дигаргун шудани сохтори сиёсии ҷомеа зарурат пайдо шуд, ки тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дурнамои рушди инкишофи маориф дар иртибот ба арзишҳои миллӣ дар шакл ва мазмуни нав қабул карда шаванд ва ҷиҳати татбиқи амалии онҳо корҳои зиёде иҷро гарданд. Аз ҷумла, вазъи демография дар кишвар нигаронкунанда аст. Агар чораҳои муассири ҳуқуқӣ ва сиёсӣ андешида нашаванд, Ҳукумати Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Аз ин хотир, вазъи демографиро ба назар гирифта, сохтмони муассисаҳои таълимиро бештар гардонидан зарур аст.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло ҳамчун кишвари рушдкунанда дар давраи гузариш қарор дорад, вазифадор аст, ки инкишофи соҳаи маорифи мамлакатро дар асоси имкониятҳои мавҷуда бо истифодабарӣ аз таҷрибаҳои бою пешқадамтарини ҷомеаи ҷаҳонӣ ва меъёрҳои байналмилалии он мутобиқ намуда, ҷиҳатҳои миллию равонии онро ба инобат гирад. Аз ҷумла, ҷалби шаҳрвандон барои иштирок дар ҷомеа ва гуногунии манбаъҳои маблағгузории

таҳсилот бо назардошти афзалиятҳои миллӣ ва давлатӣ метавонад ба ҳалли ин мушкилот мусоидат кунад.

4. Дар асоси ба инобат гирифтан ва афзудани талабот ба дигаргунсозии шакл ва мазмуни сиёсати соҳаи маориф, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим омад, ки самтҳои асосии инкишофи сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян намояд. Аз ин ҷо зарур аст, ки маориф ҳамчун асоси дониш ва болобарандаи маърифати инсонӣ бояд ба яке аз ҳадафҳои муҳимми дурнамои сиёсати иҷтимоию сиёсии ҷомеаи имрӯзи Тоҷикистон табдил дода шавад.

5. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси давлати соҳибистиқлол дар раванди таҳаввулот дар сиёсати соҳаи маориф роҳи модернизатсиониро пеш гирифта, мақсад гузошт, ки шаклу намудҳои пешқадами таълимро дар тамоми шаклҳои маълумотгирии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ татбиқ намояд. Дар раванди татбиқи ин мақсад ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гашт, ки ба дастовардҳои назаррас ноил гардад. Аммо ҳанӯз дар раванди татбиқи сифати таълим норасоиҳое вуҷуд доранд, ки он мазмун ва моҳияти таълим ва тарбияро то андозае халалдор менамояд ва дар ин самт бояд корҳои зиёд анҷом дода шаванд, аз ин рӯ, дар рисола ҷиҳатҳои мазкур пешниҳод гардидаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Таҳқиқоти мазкур дар асоси истифодаи дақиқ ва таҳлили сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин омӯзишу пажӯҳиши раванди инкишофи сиёсати давлатӣдар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди он мавриди баррасӣқарор дода шудааст. Муҳиммияти таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки он яке аз мавзуҳои муҳимму инъикоскунандаи рушди ҷомеа ва ташаккулёбии инсон дар давраи муосир ба ҳисоб рафта, сиёсати давлатӣ онро низ фаро мегирад. Соҳаи маориф ҳамчун самти бартаридоштаи сиёсати давлатӣ, сарчашмаи асосии инкишофи ҷомеаи муосир эътироф карда шудааст, зеро раванди ташаккулёбии он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро мерасонад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Дар диссертатсия масъалаҳои амалии инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар давраи гузариши ҷомеа мавриди баррасӣқарор дода шудаанд. Махусусан, роҳҳою воситаҳои раванди ислоҳот ва навовариҳо дар соҳаи маориф таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Соҳаи маориф аҳамияти амалии бузурге дорад, зеро дар як шакли муайяне он ба тамоми шаҳрвандон алоқаманд аст. Масъалаҳое, ки дар соҳаи маориф ба вуҷуд меоянд, аллакай тамоми оилаҳои ҷумҳурӣ аз он огоҳ мешаванд, чунки оилае нест, ки муҳассилин дар мактаб ва ё донишҷӯ дар донишгоҳе надошта бошанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқотро метавон дар фаъолияти ниҳодҳои идоракунии маориф, дар раванди ислоҳот дар соҳаи мориф, коркарди воситаҳои таълим, маводҳои лексионӣ оид ба фанҳои ҷомеашиносӣ, хусусан сиёсатшиносӣ ва истифодаи технологияи сиёсӣ дар замони муосир, маводҳои аёнӣ тавассути тахтаҳои электронӣ ва ҳамчунин барои пешрафти минбаъдаи соҳаи маориф мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ таҳия гардидаанд. Инчунин, муаллиф дар асоси таҳлили равандҳои модернизатсионӣ, инноватсия ва ислоҳоти соҳаи маориф бо санадҳои оморӣ тавсияҳои амалии худро манзур намудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи “Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)” бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 2-юми шиносномаи ихтисоси мазкур “Сиёсат ва идораи давлатӣ” ва “Шаклҳои сиёсати давлатӣ” барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири

маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Ғояҳои асосии таҳқиқот, дар конференсияи ҷумҳуриявӣ, ки 5-6 январи соли 2017 дар шаҳри Душанбе, дар мавзӯи «Тоҷикистон дар роҳи истиқлолият ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ», конференсияи ҷумҳуриявӣ, ки 12-уми декабри соли 2018 дар шаҳри Душанбе, дар мавзӯи «Нақши ниҳодҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ» ва конференсияи ҷумҳуриявӣ, ки 24.02.2021 дар ш. Душанбе дар мавзӯи «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд» (маводҳои семинарӣ, илмию амалии ҷумҳуриявӣ) ва маҷмӯаи илмии «Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон» ифодаи худро ёфтаанд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар чор мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмие, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, дарҷгардидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст.

Сохтори таҳқиқот. Таҳқиқот аз муқаддима, ду боб, ки панҷ зербобро дар бар мегирад, хулоса ва номгӯи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст.

БОБИ I. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

1.1. Таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва амалии рушди соҳаи маориф

Маориф яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, он ба тамоми муносибатҳои ҷамъиятии он таъсири ҷиддӣ мерасонад ва дар асоси он дар ҳаёти ҷамъиятӣ тағйиротҳои сифатан нав ба амал меоянд. Аз инҷост, ки маориф маҳаки муҳиммест, ки соҳаи истеҳсолоти моддиро фаро гирифта, дар тавлиди маҳсулоти моддӣ низ саҳми беназир дорад. Аз ҷониби дигар маҳсулоти иттилоотӣ дорои арзиши умумисоҳавӣ буда, дастрасӣ ба он аз нуқтаи назари технологӣ бемаҳдуд аст. Дар чунин асос маориф соҳаи калидӣ ба ҳисоб рафта, дар он: мутахассисе омода карда мешавад, ки метавонад дар соҳаи марбут ба коркард ва интиқоли иттилоот самаранок кор кунад; чунин малакаҳои корманд тавассути таҳсилоти иловагӣ барои калонсолон, аз ҷумла тағйир додани самти касбӣ, такмили ихтисос ва гирифтани ихтисоси нав дастгирӣ ва инкишоф меёбанд; ба даст овардан ва аз худ кардани дониш ва иттилооти мавҷуда бо эҷоди донишҳои нав (таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ дар соҳаи истеҳсолот, таҷрибаҳо ва ғайра) алоқаманд аст.

Дар ҷаҳони муосир, ки дар он иттилоот нақши калидӣ дорад, таҳқиқоти илмӣ қисми ҷудонашавандаи раванди таълим мегардад. Марҳилаи ибтидоии ин раванд дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ сурат мегирад. Дар ҷомеаҳои пешрафта ва устувор, таҳсилот нишондиҳандаи муҳимми мақоми иҷтимоӣ ва воситаи муваффақ шудан дар ҷомеа мебошад. Баланд бардоштани дастрасӣ ба таҳсилот ва беҳтар кардани сифати он ба равандҳои иҷтимоӣ таъсири назаррас расонида, онҳоро озод мекунад ва ба рушди онҳо мусоидат менамояд [80, с.122].

Дар давраи соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш мекард, ки ба фазои таълимии ҷаҳонӣ

ворид гардад. Барои ноил шудан ба ин мақсад ҳуҷҷатҳои асосӣ таҳия, қабул ва татбиқ карда шуданд, ки барои рушди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олӣ замина гузоштанд. Талаботҳои умумии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи маълумоти олии касбӣ ва пас аз дипломӣ» ва ғайра таҷассум гардидаанд. Дар баробари ин зиёда аз 150 санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, муқаррароти муассисаҳои таълимӣ коркард гардида, бешубҳа, тамоми ин қонунҳо ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣҷавобгӯянд [62, с.182].

Ин санадҳои қонунгузорӣ самти рушди низоми таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, омили асосии муваффақият мебошанд. Онҳо мерос ва анъанаҳои бойро дар соҳаи маориф аз як тараф ва мушкилоти ҷомеаи иттилоотиро дар шароити ҷаҳонишавӣ аз тарафи дигар муттаҳид мекунанд. Маориф ба соҳае табдил меёбад, ки ба захираҳои худ такя карда, ба ҷомеа дар рафъи бӯҳрон кӯмак мекунад. Ҷомеаи иттилоотӣ ба унвони яке аз мафҳумҳои асосӣ ва падидаҳои муҳимми илмҳои ҷомеашиносӣ гардида истодааст. Чуноне Г.Г. Нодирхонов дар мақолаи худ зикр менамояд: «Консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳолати рушд аст, ки бевосита ба инкишофи технологияи иттилоотӣ робита дорад. Назариётчиёни консепсияи ҷомеаи иттилоотӣқайд мекунанд, ки дар инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ пешравии муҳим ба чашм мерасад ва дар натиҷа иттилоот ба унсури ҷудонашавандаи алоқамандии байни онҳо табдил ёфтааст» [101, с.144].

Аз як ҷониб иттилоот барои инсоният омили муҳим гардад, аз ҷониби дигар муҳимияти он аз соҳаи маориф вобастагии воқеъӣ дорад. Аз ин ҷо маориф яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ эътироф гардида, маҳз сиёсат дар ин соҳа унсури асосии ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ мегардад, зеро аз самаранокии он сатҳ ва сифати ҳаёти шаҳрвандон дар тамоми кишвар вобаста аст. Дар раванди таҳияи стратегияи давлатӣ дар соҳаи маориф, ки ба

воқеиятҳои муосир мувофиқат мекунад, масъалаи ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ин раванд ба миён меояд. Барои беҳтар кардани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҳамкорӣ бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳо ва иштироки худи шаҳрвандон зарур аст. Ба инобат гирифтани қудрати воқеии иҷтимоию сиёсии ниҳодҳои манфиатдори ҷомеаи шаҳрвандӣ, барои ташаккули мақсадҳои асосии соҳаи маориф ва амалӣ намудани ислоҳоти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, аз он ҷумла дар соҳаи маориф хеле муҳим аст.

Дар даврaҳои мухталифи инкишофи тамаддуни инсонӣ, файласуфон, таърихнигорон, сиёсатмадорон ва дигар намояндагони илм, дар корҳои худ масъалаи таълим ва тарбияро баррасӣ намуда ва таълимотҳои худро нисбати ин мавзуъ баён намудаанд. Ҳатто ҷараёни махсус бо номи маорифпарварӣ ба миён омад, ки дар мақом ва нақши барҷаста доштани он ҷойи шубҳае нест. Мафҳуми маорифпарварӣ бори аввал аз тарафи маорифпарварони Ғарб Волтер ва Гердер истифода шудааст. Асосгузори идеологияи маорифпарварӣҶон Локк ба шумор меравад. Дар таърихи таълимоти сиёсӣ андешаҳои ӯ мақоми махсус пайдо намуда буд [45, с.173-174]. Баъдтар раванди маорифпарварӣ яке аз нишонаҳои асосии худшиносию худогоҳии миллатҳои мутамаддин ба ҳисоб мерафт. Таърихи башарият гувоҳ аст, ки инкишофи маориф зербинои аслии пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангии давлатҳои пуриқтидор шудааст. Камтарин манфиати рушди маориф ташаккули маърифату ҷаҳонбинии илмии афроди ҷомеа мебошад. Ҷараёни маорифпарварӣ ба Осиёи Миёна низ роҳ пайдо намуда ва бо номи Аҳмади Дониш зич алоқаманд мебошад. Маҳз ӯ бори аввал ғояҳои маорифпарвариро дар ин минтақа тарғиб намудааст [31, с.6].

Маълум аст, ки маълумот чизе нест, ки дарҳол истеъмол карда шавад ва натиҷа диҳад, балки он ҳамчун сармоягузорӣ барои ояндаи инсон аст. Аксари олимон инро тасдиқ менамоянд, ки тамоми сайъу кӯшиши анҷом додаи инсон дар гузашта, дар оянда ҳамчун подош бар мегардад. Табиист, ки подош ба

сармоягузорӣ бояд мувофиқ бошад. Албатта чунин вазъият, нобаробарии одамонро ба вуҷуд меорад, зеро онҳо воситаҳои нобаробарро дар фаъолияти худ харҷ намудаанд. Аз ин хотир тамоми миллатҳо барои пешрафти худ вобаста ба шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ ба маориф, таҳсилот ва маълумот рӯ овардаанд.

Таҳқиқоти олимоне, ки соҳаи маорифи замони Шӯравиро таҳлил намудаанд, нишон медиҳад, ки соҳаи маорифи Шӯравӣ барои маҳвнамоии бесаводӣ, омӯзонидани ҷавонони коргар ва тайёр намудани зиёиёни нав равона гардида буд. Ҳамчуноне, ки А. Л. Андреев соҳаи маорифи он замонро баррасӣ намуда, зикр менамояд, ки дар адабиёти Шӯравӣ инқилоби фарҳангӣ одатан ҳамчун натиҷаи инқилоби Октябр, дониста мешуд ва тамоми имкониятҳои иҷтимоию таърихии он замон барои мустаҳкам ва амиқгардонидани натиҷаҳои инқилоб баррасӣ мегардиданд. Дар идома қайд менамояд, ки аз солҳои 20-ум навсозии соҳаи маориф дар Шӯравӣ ба таври назаррас шиддат гирифт. Босуръати баланд муассисаҳои таълимӣ ва шумораи донишҷӯён афзоиш ёфт, ин соҳа, соҳаи афзалиятнок дониста шуда ва бо маблағгузории хеле хубе таъмин карда мешуд. Маблағгузорие, ки дар соҳои 1926 – 1930 барои донишгоҳҳо ҷудо гардида буд, 9 маротиба зиёдтар аз солҳои қабл буд. Дар маҷмӯъ, хароҷоти буҷетӣ барои соҳаи маориф пеш аз ҷанг ва даҳсолаҳои аввали пас аз ҷанг дар сатҳи 5,5 - 6,5% боқӣ монданд, дар ҳоле ки дар кишварҳои асосии аврупоӣ то миёна ва ҳатто то охири солҳои 50-уми асри XX аз 2% зиёд набуданд [32, с.113]. Ин муҳаққиқ кори худро идома дода, қайд мекунад, ки дар тули даҳсолаҳо пас аз анҷоми ҷанг бо навсозии системаи таълимӣ дар дигар ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи Русия низ тағйироти назаррас ба амал омадааст. Дар давраи баъд аз ҷанг, шумораи шаҳрвандоне, ки маълумоти миёна ва олӣ доранд, тақрибан дар ҳар 10 сол ду баробар меафзуд. То миёнаи солҳои 70-ум дорандагони маълумоти миёна ва олӣ аз 22 миллион нафар гузашт. Агар дар соли 1913 ҳиссаи ашхоси ба ин гурӯҳ мансуббуда даҳҳо фоиз ҳисоб карда шуда бошад, пас дар соли 1975

қариб ҳар даҳумин шаҳрванди Шӯравӣ маълумоти олӣ ё миёнаи махсусро соҳиб гардида буданд. Дар байни аҳолӣҳиссаи одамони дорои ҳадди аққали маълумоти миёна тақрибан 77% -ро ташкил медод [32, с.114].

Таҳқиқотҳое, ки дар солҳои 70-80-уми асри XX гузаронида шуданд, барои пайдоиши самтҳои нави таҳлил ва омӯзиш дар сотсиологияи маориф, аз ҷумла барои пайдоиши субъектҳои нав дар соҳаи маориф шароити мусоид фароҳам оварданд. Дар марҳилаи аввал, таълимотҳое паҳн гардиданд, ки мувофиқи онҳо (то солҳои 60-уми асри XX) соҳаи маориф, асосан, ҳамчун воситаи иҷтимоигардонии инсон баррасӣ карда мешуд. Дар ин давра, нуқтаи назари муносибати функсионалӣ нисбат ба маориф ҳукмрон буданд, ки ба ақидаҳои Э. Дюркгейм такя менамуданд [42, с.160].

Солҳои 50-уми асри XX дар адабиёти назариявӣ натиҷаи таҳқиқотҳо ва далелҳои оморӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Таҳқиқотҳои иҷтимоии ин давра нишон доданд, ки нобаробарии синфӣ дар соҳаи маориф вуҷуд доранд, ки бояд ислоҳ карда шаванд. Аз ин рӯ, барои ҳалли мушкилот, қарор шуд, ки вазъияте ба вуҷуд ояд, ки кӯдаконро аз рӯйи қобилиятҳои худ ба гурӯҳҳо тақсим кунад. Инчунин пешниҳод карда шуд, ки муассисаҳои ягонаи таълимӣ таъсис дода шаванд ва маълумоти иловагӣ пешниҳод карда шаванд, ки ба ҳамоҳангсозии равишҳо дар соҳаи маориф мусоидат мекунанд.

Дар замони муосир маориф ҳамчун инъикосгари вазъияти имрӯзаи ҷомеа, баҳогузорӣ ва самаранокии гузаришҳои пас аз Шӯравӣ баррасӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, вазифаи муҳимми дастгирии давлатӣ дар низоми маълумоти олӣ, махсусан маълумоти сиёсӣ, пешниҳод мешавад, ки яке аз шартҳои асосии бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккули инсони сиёсӣ яке аз вазифаҳои муҳимми давлат ба ҳисоб, аз ин рӯ маълумот аз ҷумлаи арзишҳое мебошад, ки манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои иҷтимоию сиёсиро таҷассум менамоянд. Дарки ин вазифа ба таври ногузир ба сиёсигардии мазмуну мундариҷаи маълумот оварда мерасонад. Тадқиқотҳо нишон медиҳад, шавқу рағбати ҷавонон нисбат ба илмҳои сиёсӣ боло рафта

истодааст, ки он дар шароити имрӯз пешбинӣ мегардид ва омодагии лозимро талаб менамояд. Инчунин ба назар мерасад, ки таълимотҳои сиёсӣ барои омода намудани мутахассисон дар замони муосир хуб кумак менамояд ва дар баробари ин, масъалаи мазкур яке аз талаботҳои бозори меҳнат низ ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои охир дар доираи илмҳои сиёсӣ, сиёсати иҷтимоӣ аҳамияти бузургро касб намуда истодааст, ки он дар корҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳлил карда шудаанд. Дар бораи ин таҳқиқотҳо мо муфассал дар муқаддимаи диссертатсия қайд карда будем.

Бешубҳа, назария ва амалияи сиёсати иҷтимоӣ дар кишварҳои муосир, аз рӯйи сатҳи инкишофи муносибатҳои шаҳрвандӣ фарқ менамояд. Дар адабиёти кунунии илмӣ-назариявӣ таснифоти гуногуни сиёсати иҷтимоӣ мавҷуд аст, ки вобаста ба шароити мухталифи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа дар давраи Шӯравӣ ва давраи пас аз Шӯравӣ пешниҳод гардидаанд, ки аз ҳамдигар хеле фарқи калон доранд, зеро ҳар як давр хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Аз ин хотир муҳаққиқи ватанӣ Шоисматуллоев Ш. ин хусусиятҳоро ба назар гирифта таъкид менамояд, ки: «тамоми самти инкишофи маориф, таълимот (консепсия), мундариҷа, сохтор ва ташкили он, бояд дар асоси таҳлили фарҳанги умумии ҷомеа ва дурнамои инкишофи он ба роҳ монда шаванд» [80, с.137]. Ин масъаларо аз мавқеи назарияи идоракунӣ, равандҳои сиёсӣ, қабули қарорҳо оид ба илм ва маориф, ҳамоҳангсозӣ барои таъмини сиёсати иҷтимоие, ки дар ин соҳа зоҳир мегарданд, ҳал намудан зарур аст.

Инкишофи соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти касбиро бидуни ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, сохторҳои идоракунандаи соҳаи маориф, ниҳодҳои иҷтимоии мавҷуда, ташкилоту созмонҳои хоҷагидорӣ, соҳибкорон, доираҳои васеи илмӣ ва ҷамъиятӣ ояндадор ҳисобидан ғалат аст. Дар айни замон, таҳияи консепсияҳо ва стандартҳои муосир дар соҳаи маориф равишҳои инноватсионии идоракуниро талаб мекунад, ки метавонанд ба беҳтар шудани сифати раванди таълим мусоидат намоянд.

Таъмини ташкили ягонагӣ ва мундариҷавии сиёсати давлатии таҳсилот дар ҳудуди тамоми кишвар зарур аст. Барои ҳалли масъалаҳои муҳимми Тоҷикистони муосир, инкишофи маориф ба таври табиӣ ба таъмини амнияти кишвар, ба бунёди имкониятҳои муфид барои инкишофи устувори ҷомеа ва худамалинамоии шаҳрвандони он алоқаманд аст.

Вазифаи муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф таъмини шароите ба ҳисоб меравад, ки дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ муассисаҳои таълимии худмухтор ва ба бозор самтгирифта ба манфиати ҷомеа ҷавобгӯ бошанд, инчунин вазъияти молиявии худро бо масъулияти бузург ва шаффофияти он пешниҳод намоянд. Вақте сухан дар бораи самтгирии бозор меравад, мақсад – бозори меҳнат ва ҷои кор мебошад. Зеро дар он самт ба мутахассисони нав ниёз доранд ва омода намудани ин мутахассисон ба дӯши соҳаи маориф аст, ки он сиёсатгузории хоси худро талаб менамояд. Инчунин таъмини инкишофи устувори соҳаи маориф дар радифи масъалаҳои дурнамои миллӣ вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад. Шакли нави ҳамкории байни муассисаҳои таълимӣ ва давлат зарур аст. Дар чунин ҳолат давлат мақсад ва дастовардҳои муассисаҳои таълимиро муайян ва баҳогузорӣ карда ва диққати асосиро ба натиҷаҳо равона менамояд.

Таҳлили дастовардҳои байналхалқӣ ва ватанӣ дар соҳаи идоракунӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф, инчунин асосҳои методологии ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои зикргардида аз ҳалли пурраи худ хеле дуранд. Дар чунин ҳолат талаботҳои зерин бояд амалӣ карда шавад: сифати таҳсилот ба маънои васеъ ба ташаккули сифатҳои инсонӣ равона гарданд. Таълимотҳо, муқаррароти ҷадид ва назарияҳое қабул карда шаванд, ки тарҳи сифати инсон на танҳо натиҷаи зоҳирии маълумоти мақсаднок, балки сифати инсон дар асоси хусусиятҳои тамаддунии шароити таърихии он муайян карда шавад. Яъне раванди таҳсил тавре бошад, ки инсон дар навбати аввал худро пайдо намояд ва дар асоси арзишҳо ва бо маърифати комил роҳи илмии худро идома диҳад.

Яке аз вазифаҳои мактаби олӣ дар он зоҳир мегардад, ки баробарии имкониятҳоро барои намояндагони гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ кафолат медиҳад ва давлат ҳамчун кафили адолати иҷтимоӣ баромад менамояд. Нақши маориф дар он зоҳир мегардад, ки ба таври доимӣ хазинаи фаъоли донишҳоро бунёд ва мукаммал намуда, натиҷанокии онро баланд бардорад. Омӯзиши мутахассисон бо фаъолияти илмӣ алоқаманд аст ва донишгоҳҳо ва институтҳо ҳамчун марказҳои калидӣ ва ёрирасони илм ва идоракунӣ амал мекунанд. Агарчи, иқтисоди қавӣ сабаби рушди илм ва маориф мегардад, дар ин шакке нест, вале бояд қабул намуд, ки ташаккули захираҳои инсонӣ ва зеҳнии ҷомеа низ омили асосиест барои пешравии соҳаҳои гуногуни ҷомеа ба хусус соҳаи иқтисод. Дар чунин ҳолат натиҷаи маълумоти ба даст овардашуда дорои хусусияти дарозмуддат буда, бо қонеъ намудани талаботҳои ҷории ҷомеа маҳдуд намегардад ва ба соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳангии кишвар дар давоми даҳсолаҳои оянда асар мегузорад.

Инқилоби маориф, ки дар охири асри XX ва аввали асри XXI мушоҳида карда мешавад, дорои хусусияти тамаддуниву иттилоотӣ мебошад. Вазифаи асосии стратегияи давлатӣ иборат аз он аст, ки таҳсилот аз хароҷоти дуюмдараҷа ба соҳаи афзалиятнок табдил дода шавад, ки метавонад даромад ба даст орад ва қисми пешбар ва бонуфузи ҷомеа ва давлат гардад. Стратегияи рушди маориф ба он нигаронида шудааст, ки ба ҷомеа ва давлат таълимоти аз ҷиҳати илмӣ асоснок, санҷидашуда ва тасдиқшуда оид ба ҳалли мушкилот, баҳисобгирии талабот, истифодаи имкониятҳо ва роҳҳои рушди минбаъдаи системаи маориф дар мамлакати мо пешниҳод карда шавад.

Масъалаҳои асосие, ки дар соҳаи маориф мавҷуданд ва бартараф намудани онҳо зарур аст, ба ақидаи мо чунинанд:

- ташкил нагардидани марказҳои амалии илмӣ, яъне поркҳои илмӣ, ки донишҷӯён фаъолияти амалӣ намоянд;

- нокифоягии базаи моддӣ - техникии мактабҳои олӣ на танҳо дар натиҷаи сиёсати сусти молиявӣ дар кишвар, балки дар натиҷаи парокандагии тамоми соҳаҳои мактабҳои олӣ ба назар мерасад;

- сатҳи пасти самаранокии истифодаи қудрати зеҳнӣ - фарҳангии ҷомеа дар муассисаҳои таълимӣ, қафомонӣ дар истифодаи технологияи муосир ва усулҳои нави омӯзишӣ ва таълимӣ;

-пешгирии беандеша ворид намудани таҷрибаи хориҷӣ дар муҳити кишвар дар тамоми соҳаҳо ба хусус дар соҳаи маориф;

- аз ҳама муҳимтар беангезагии кормандони соҳаи маориф, хусусан нисбати масъалаҳои рӯзмарра аз қабили ошноии бештар ба соҳаи нави таҳсил - таҳсилоти кредитӣ ва чандин масъалаҳои дигар.

Дар баъзе кишварҳо донишгоҳҳо дар бунёди иншоотҳои муҳимми давлатӣ саҳмгузор буда, аз ин тариқ сармояи бузургро ба ҳисоби донишгоҳҳои худ ворид менамоянд ва дар ин самт рақобатҳо байни донишгоҳҳо ба вуҷуд меояд.

Олими ватанӣ Н. Сангинов омили муҳимми таъмини рақобатпазирии соҳаи миллии маорифро ба таври умумӣ механизми сифати таҳсилот мешуморад [109, с.17-18]. Механизми сифати таҳсилот ин маҷмуи чорабиниҳои ташкиливу идоракунӣ, меъёрӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, педагогӣ ва психологӣ ба ҳисоб меравад, ки метавон онро дар маорифи кишварҳои Ғарб мушоҳида намуд.

Таҳлили назариявӣ-методологии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба талаботҳои умумӣ ва ошкор намудани муҳиммияти маълумот такя намуда, дар қатори дигар масъалаҳое, ки хоси Тоҷикистон аст, ин рушд наёфтани заминаҳои моддиву техникии соҳаи маориф дар сатҳи зарурӣ мебошад. Дар робита ба ин масъала муҳаққиқи ватанӣ С.Ш. Бозорова таъкид менамояд, ки: «дар ин раванд манфиатҳои давлатро дар доираи таҳлилҳои назариявию методологии сиёсати миллӣ ба назар гирифта дар ҷои аввал худи инсонро бояд гузошт» [120, с.11].

Дар робита ба ин, дар Тоҷикистон таҳсилоте, ки ба ташаккули шахси нав ва таъсиси ҷомеаи нав равона шудааст, фаъолона рушд мекунад. Дар солҳои охир дар кишвар дар соҳаҳои гуногуни сиёсати давлатӣ тағйироти назаррас ба амал омадааст. Заминаи ҳуқуқӣ таъсис дода шуд, ки ба либерализатсияи ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат кард. Дар системаи арзишҳо низ тағйирот ба амал омад ва илму маориф ба самтҳои афзалиятнок табдил ёфтанд. Ба ақидаи муҳаққиқи ватанӣ Х.У. Идиев: «дар кишвар солҳои охир низоми нави идоранамоӣ ташаккул ёфта истодааст, ки он шароитро барои инкишофи ниҳодҳои иҷтимоӣ беҳтар мегардонад» [46, с.115]. Аз ин сабаб аст, ки имрӯз ба асосҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф тағйиротҳои ҷиддӣ ворид гардида, маориф ҳамчун унсури калидии тамоми фаъолияти ҳаётии кишвар баррасӣ карда мешавад.

Бо мақсади бадастории самаранокӣ ва сифати таҳсилот аз миёнаи солҳои 90-ум амалӣ намудани барномаҳои ислоҳотӣ оғоз гардид, ки метавон онро ба се давраи алоҳида ҷудо намуд [120, с.13].

Давраи якум: аз соли 1996 то 2000.

Дар ин давра сиёсати миллии давлатӣ ба бунёди заминаҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ равона гардида, барои ислоҳоти низоми маълумоти олӣ, низоми бисёрзинагии тайёр намудани мутахассисон дар мактабҳои олӣ омода гардонида мешуд.

Давраи дуюм: аз соли 2000 то 2005.

Заминаҳо барои ғайримарказонидани низоми идоракунӣ ва пешниҳоди сатҳи муайяни мухторият барои муассисаҳои таълимии олӣ, барои васеъ намудани раванди таҳсилот дар асоси шартномавӣ ва барои барқарор намудани муносибатҳои шарикӣ бо муассисаҳои таълимии олии кишварҳои хориҷа ва хусусан кишварҳои ИДМ, гузошта шуд.

Шакли нави ташкили таҳсилоти олӣ низоми дузинагии маълумоти олӣ дар муассисаҳои таълимии олӣ ба ҳисоб меравад, ки бо Декларатсияи Болон ба имзо расидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди аксарияти кишварҳои Осиёи Марказӣ тарзи додани дипломҳо оид ба маълумоти олиро мутобиқи

тавсияҳои раванди Болон аз нав дида баромад. Инчунин имкониятҳо ва шароити зарурии ворид гардидани Тоҷикистон ба раванди Болон муайян карда шуданд. Сипас, панҷ муассисаи таълимии олии Тоҷикистон (тиҷоратӣ, технологӣ, педагогӣ, иқтисодӣ ва донишгоҳи забонҳо) бевосита бо тартиби санҷишӣ ин раванди таҳсилотро дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монданд.

Соҳаи маорифи имрӯзаи Европа, ки таҷассумгари раванди сифати баланди омӯзиш ба ҳисоб меравад ва ба талаботи имрӯзаи пешрафтаи илмӣ-техникӣҷавобгӯ аст, бартарии сифатии худро нисбат ба дигар низомҳои маорифи ҷаҳонӣ нишон додааст.

Асоснокнамоии соҳаи ягонаи маориф, талаботи раванди имрӯзаи ҷаҳонишавии илмӣ-техникии иқтисодиёт ва бозори ҷаҳонии меҳнат ба ҳисоб меравад ва ин бояд дар оянда самти асосии соҳаи маорифи тамоми кишварҳои ҷаҳон гардад.

Барои дар амал татбиқ намудани раванди Болон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ақидаҳои олимон, мутахассисон ва омӯзгорони мактабҳои олии кишвар ба назар гирифта шавад ва бо назардошти хусусиятҳои миллии мо ва бо барномаҳои илман асоснокшуда мутобиқ гардонида шавад.

Давраи сеюм.

Соли 2006 раванди ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ оғоз ёфт, ки ба баланд бардоштани мустақилияти донишгоҳҳо, тайёр кардани мутахассисони серталаб, ҳамгироии низоми таҳсилоти Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ, фароҳам овардани шароит барои такмили ихтисоси мутахассисон ва дигар вазифаҳо нигаронида шудааст.

Муҳаққиқи ватанӣ Р. Назаров дар мақолаи худ қайд менамояд, ки: «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2006 гузариш ба ислоҳотро ба низоми нави ҷаҳонӣ, аниқтараш низоми аврупоии таълим оғоз намуд. Оид ба мушкилиҳо, масъалаҳо ва роҳи ҳалли воридшавии маорифи Тоҷикистон ба Аҳдномаи Болон (Низоми аврупоии таълим) дар мақолаҳои сершумор ақидаҳои худро баён намудем ва ба мақомотҳои дахлдор пешниҳодҳо низ кардем» [99, с.187].

Бояд қайд кард, ки барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии мутахассисон дар раванди ислоҳот дар соҳаи маориф ниҳодҳои гуногуне бояд таъсис дода шавад, ки низоми маорифро аз паҳлӯҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Яке аз чунин муассисаҳои таълимӣ Донишкадаи давлатии ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф мебошад, ки бо такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф машғул аст. Нақши он дар раванди ислоҳот ва рушди касбии мутахассисони соҳаи маориф хеле назаррас аст. Шуъбаҳои ниҳоди мазкур дар шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа, Кӯлоб ва Хоруғ фаъолиятҳои худро ба роҳ монда ва солона 21 то 23 ҳазор кормандони соҳаи маорифро аз рӯи 58 барномаи таълимӣ машғулиятҳо мегузаронанд [56, с.6].

Таъкид кардан муҳим аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад стратегияи рушди системаи маорифро дар кишвар мустақилона муайян намояд. Дар асоси ин стратегия Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар ҳуҷҷатҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ қарор доранд. Боҳамоӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ суръати хело болое гирифтааст, ки онро дар тамоми соҳаҳо мушоҳида намудан мумкин аст.

Маориф яке аз масъалаҳои умумисайёравӣ дар асри XXI ба ҳисоб рафта, бунёди фазои ягонаи иттилоотиро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардааст. Ба қавли муҳаққиқи ватанӣ Р. Назаров: «ҷомеаи иттилоотӣ имрӯзҳо дар ҷаҳон инқилобҳои бузургеро дар соҳаи илм, маориф, иқтисод, фарҳанг, иҷтимоёт ва сиёсат ба вуҷуд овардааст. Он раванди ҷаҳонишавии олами муосир рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳои оламро тезонида истодааст» [99, с.185]. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатиро ба имзо расонидааст, ки онҳо тағйирот ва мукаммал намудани маъно ва мазмуну мундариҷаи таҳсилотро талаб менамоянд.

Дар айни замон таваҷҷуҳ ба маънавиёт ва малакаҳои касбӣ афзоиш меёбад. Дар робита ба ин, системаи маориф бояд навсозӣ карда шавад, то он

ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба мусоидат кунад. Мазмуни таълим бояд ба рушди тафаккури мантиқӣ, масъулият, маънавиёт ва эҷодкорӣ равона карда шавад.

Давлат ба инкишофи бемайлони соҳаи маориф манфиатдор аст, зеро бо ин восита, на танҳо масъалаи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, балки инкишофи бомуваффақияти иқтисодиёт, хайрияи иҷтимоии миллат, амнияти миллӣ, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ бо он алоқаманд мебошанд.

Мафҳуми муосири сиёсат дар соҳаи маориф, ки дар таълимотҳои муҳаққиқони хориҷӣниз ифода ёфтааст, ки таснифотҳои гуногунро фаро мегирад. Муҳаққиқ Ҷ. Лоуи чунин мешуморад, ки: «сиёсат дар соҳаи маориф ҳамчун яке аз вазифаҳои идоракунии давлатӣ баромад менамояд» [94, с.24]. Р. Мертон бошад: «сиёсатро ҳамчун механизми қабул ва амалӣ намудани қарорҳои давлатӣ» [136], Ҷ. Марч ва Ҷ. Олсен соҳаи маорифро: «ҳамчун маҷмӯи ҳодисаҳо, ки амалӣ намуданро аз тарафи ҳукумат талаб менамояд» [137], тавсиф намудаанд.

Муҳаққиқи рус А.Е. Кузмин бошад, мафҳуми «сиёсати маориф» - ро дар шакли зерин тасниф намудааст: «мафҳуми сиёсати маориф - маҷмӯи ҷораҳоеро дар бар мегирад, ки давлат, мақомоти гуногуни он, ҳизбҳои сиёсӣва дигар субъектҳо оид ба таҳсилот ҳамчун як муассисаи иҷтимоӣ, ки дар минтақаҳои муайян барномарезӣ ва амалӣ карда мешавад» [126, с.16]. Ба андешаи ӯ: «мафҳуми “сиёсат дар соҳаи маориф” - илова бар ин, ҷузъҳои таълимӣ ва таъсири тарбиявии дигар соҳаҳои сиёсати давлатиро (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва ғ.) – ро дар бар мегирад. Мафҳуми “сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф” - пешбинӣ менамояд, ки роҳи умумии рушди соҳаи маориф ҳамчун раванди таъсири идоракунии ниҳодҳои қонунгузор ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба соҳаи маориф, ифода меёбад» [126, с.16-17].

Дар адабиёти ватанӣ бошад, дар мавзӯи мазкур олимони зиёде аз ҷумла А. Ш. Қурбонов ақидаронӣ намудааст. Ба андешаи ӯ: «сиёсати давлат дар соҳаи маориф чун хати махсуси банақшагирии стратегии фаъолияти давлатро

инкишоф медиҳад, ки таввасути маҷмӯи андешаҳо ва кӯшишҳои ҳаракатҳои иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ нисбат ба фаъолият ва рушди низоми маориф ба таври умум ва зернизомҳои алоҳидаи он зоҳир мешавад» [53, с.74].

Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки биниши муаллифони зикршуда дар дарки сиёсати давлат дар соҳаи маориф ҳамчун маҷмӯи мураккаби амалҳо, хусусияти фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва таъсири онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятии ин ё он соҳа ба ҳисоб меравад. Ин, пеш аз ҳама, раванди саҳеҳи ҳокимияти идоракунии танзимшуда ба ҳисоб меравад, ки дар маркази он ниҳодҳои давлатӣ – парламент, ҳокимияти иҷроия ва муҳити таълимӣҷой гирифтаанд. Баррасии таъсири онҳо дар сиёсати давлатӣ, дар доираи назорати конститутсионӣ ба ташаккул ва инкишофи соҳаи маориф оварда мерасонад. Аҳамияти муносибати анъанавӣ ва меъёриро дар сиёсати давлат таъкид намуда, маҳдудияти онро дар шароити муосири Тоҷикистон эътироф намудан зарур аст. Дар шароити кунунӣ, вақте, ки Тоҷикистон дар раванди гузаронидани ислоҳот қарор дорад, ноустувории муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, тағйирёбии ниҳодҳо, меъёрҳо ва арзишҳо мушоҳида карда мешаванд. Масалан, дар раванди ислоҳот дар соҳаи маориф ин қадар тағйирот бо суръати баланд ба роҳ монда мешавад, ки кормандони соҳаи мазкур, хусусан омӯзгорон онро дуруст сарфаҳм нарафта ва ё он қадар зуд корношоям мегарданд, ки зуд масъалаи ҷадид ба миён меояд, ҳатто як масъалаҳои ҷузъӣ ба монанди холгузорӣ ва тарзи қабули имтиҳонҳо аксари устодонро ноумед кардааст.

Ҳамин тариқ, соҳаи маориф объекти танзими ҳуқуқӣ, на танҳо бо амалӣ намудани ҳуқуқҳои конститутсионӣ оид ба маълумот ва дигар ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд алоқаманд аст, балки соҳаи иқтисодиёт, ки аз бисёр ҷиҳат, ояндаи давлат ба он вобаста аст, дар асоси маорифи босамар рушд меёбад. Ҳамчунин соҳаи маориф яке аз таркиби аслии ҳаёти иҷтимоӣ - фарҳангии ҷомеа баромад намуда, омили амнияти миллӣ низ ба ҳисоб меравад.

Дар системаи маориф якчанд самтҳо мавҷуданд, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонун «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрӣ танзим карда мешаванд. Яке аз чунин самтҳо таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад. Ҳадафи он қонеъ кардани ниёзҳои мардум ба таҳсилоти миёнаи касбӣ ва тахассусӣ мебошад. Илова бар ин, таҳсилоти миёнаи касбӣ ба рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва маънавии шахс мусоидат мекунад ва инчунин ҷомеаро бо мутахассисони дорои маълумоти миёнаи касбӣ таъмин менамояд.

Таҳсилоти олии касбӣ марҳилаи ниҳоии тайёр кардани мутахассисон мебошад, ки дастовардҳо ва таҷрибаи системаи муосири ҷаҳонро ба назар мегирад. Он дар асоси бунёди шароити муфид, дастрасии раванди таҳсилот дар самтҳои афзалиятноки инкишофи илм ва техника, аз нав тайёр намудани мутахассисон, мукаммал намудани ихтисосҳо, ҳамоҳангсозӣ ва ягонагии мазмуну мундариҷаи маълумот, муттасилӣ ва пайдарпаии раванди таълиму тарбия, таҳқиқотҳои илмиро муайян менамояд ва дар ин самт ҳамкориҳо дар сатҳҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Масалан, дар таърихи 22-23 ноябри соли 2018 дар пояи ДМТ – XII ҳафтаи таҳсилоти СҲШ ба унвони «Таҳсилоти бидуни марз» баргузор гардид, ки дар он намояндагони 24 – донишгоҳҳои хориҷӣ ва 10 донишгоҳи дохилӣ иштирок ва суханронӣ намуданд. Инчунин нақшаи чорабиниҳои асосии донишгоҳҳои СҲШ – ро барои соли 2019 – 2020 тасдиқ намуданд [28].

Барои дастгирии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, давлат аз буҷа маблағгузорӣ мекунад, стипендия таъин мекунад, қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро бо шартҳои имтиёзнок пешниҳод мекунад ва мустақилияти молиявӣ ва дигар чораҳоро таъмин мекунад. Ин барои ҳифзи иҷтимоии донишҷӯён, аспирантҳо ва докторантҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Давлат инчунин ба рушди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ мусоидат мекунад. Барои ин Маркази миллии тестӣ таъсис дода шуд, ки шаффофияти қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҳама шаклҳои моликиятро таъмин

мекунад. Дар соли 2013, марказ аксари довталабонро бо фаъолияти худ қаноатманд кард, аммо ба ҳар ҳол ба дастгирии иловагӣ ниёз дорад.

Дар сиёсати давлатии соҳаи таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон дар ҳамаи муассисаҳои таълимии дорои хусусияти илмӣ ва дунявӣ баҳсҳои динӣ ва ихтилофоти сиёсӣ роҳ дода намешаванд. Арзишҳои умумиинсонӣ ва анъанаҳои миллӣ эътироф гардида, демократикунонии соҳаи маориф, ба хусус ба идоранамоии он диққати хос дода мешавад. Дар доираи ин ташаббус ҳамгироӣ ба фазои ягонаи иттилоотӣ, азхудкунии технологияҳои нав ва амиқтар фаҳмидани системаи нави қарзӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин қабули ҷавонон ва духтарон дар асоси квотаҳои президентӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоию иқтисодии кормандон ва омӯзгорон, маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаи маориф, рушди заминаи моддию техникӣ ва афзоиши буҷети давлатӣ пешбинӣ шудааст. Илова бар ин, давлат, бо риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ба гирифтани маълумот, баланд бардоштани сифати таълим ва таълими занону духтарон дар ҳама намудҳои муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунад. Барои рушди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Умуман, давлат корҳоро оид ба таҳлил ва омодасозии тағйирот дар системаи ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдории маълумот, инчунин мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳо дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, анҷом медиҳад. Илова бар ин, давлат идоракунии самаранокро дар соҳаи маориф таъмин менамояд. Қарорҳои заруриро барои бунёд, азнавсозӣ ва ё барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣқабул менамояд ва тартиби додани иҷозатнома, аттестатсия ва акредитатсияи муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбиро муайян менамояд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ давлат ба ноил шудан ба ҳадафҳои асосӣ мусоидат мекунад, яъне: мутахассисони соҳибкорро тайёр мекунад, ки дар соҳаи худ дониши амиқ доранд; барои таъмини кадрҳои баландихтисос шароит фароҳам меорад; ба беҳтар шудани вазъи кормандони маориф ва

донишҷӯён мусоидат мекунад; муносибатҳои байналмилалиро рушд медиҳад ва системаи маорифро бо стандартҳои ҷаҳонӣ ҳамоҳанг мекунад; ба рушди таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тибқи қонун мусоидат мекунад.

Мақомоти давлатӣ, аз ҷумла вазорату идораҳо, инчунин маъмурияти маҳаллӣ, ташкилотҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки муассисаҳои таълимии сатҳи миёна ва олии касбӣ доранд, бояд барои таъмин ва рушди ҳамаҷонибаи ин муассисаҳо фаъолона кор кунанд.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Дар кишвар донишгоҳҳо, академияҳо, институтҳо, коллеҷҳо, техникумҳо, донишкадаҳо ва филиалҳои онҳо ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он пайдо шуданд. Ин муассисаҳои таълимӣ дар идоракунӣ мустақил гардида, бо тайёр кардани мутахассисон машғуланд. Аксари ин муассисаҳои таълимӣ тавонистанд ба шароити иқтисоди бозорӣ бомуваффақият мутобиқ шаванд ва ҳам аз ҳисоби буҷет ва ҳам дар асоси шартнома тайёр кардани мутахассисонро таъмин кунанд. Дар оянда ин муассисаҳои таълимӣ бояд ба тайёр кардани мутахассисон ва фароҳам овардани шароит барои истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ диққати махсус диҳанд. Ҳамчунин шароити ҷалби донишҷӯёнро аз хориҷи кишвар ба роҳ монда ва заминаи ба даст овардани акредитатсияи байналхалқиро омода созанд. Хусусан баъди хуб гардидани муносибатҳо бо Ҷумҳурии Узбекистон тасдиқи ин гуфтаҳост. Зеро дар он кишвар шахсоне, ки мехоҳанд дар Тоҷикистон идомаи таҳсил намоянд, хеле зиёданд, аз ин фурсат бояд истифода намуд, агар чи шурӯъ шудааст, вале кофӣ нест. Ҳамчунин, бояд аз дигар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон раванди қабули донишҷӯён ба роҳ монда шавад.

Барои он, ки муассисаҳои таълимии кишвар дар фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ҷой гиранд, онҳо бояд заминаи моддию техникӣ таъсис диҳанд, усулҳои пешрафтаро дар раванди таълим ҷорӣ кунанд ва заминаи меъёрию ҳуқуқиро барои тайёр кардани мутахассисон дар сатҳҳои гуногун таҳия кунанд. Имрӯз

маориф на танҳо дастовардҳои барҷастаи илмиро нишон медиҳад, балки дар бозори меҳнат низ нақши калидӣ дорад. Ҳатто таҳсилоти панҷсола ва ё сатҳи мутахассис ва ҳамчунин аспирантиро низ бояд фаъол нигоҳ доштан лозим аст ва нагузорем, ки он низоми анъанавӣ аз байн равад. Зеро баъзе аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ шояд таҳсилоти се зинагиро қабул надошта бошанд, аз ин хотир дар оянда мо тавонем аз дигар кишварҳо донишҷӯ ва аспирантонро қабул намоем. Беҳтарин, осонтарин ва бе харҷтарин роҳ барои боло бардоштани обрӯ ва нуфузи давлати миллии Тоҷикистон ва ҳатто барои нуфузи минтақавию байналмилалӣ пайдо намудан, ин шоҳроҳи илм ва маориф ва тайёр намудани мутахассисон мебошад. Дар тӯли таърих «бренд»-и асосии миллати тоҷик ин илм, маориф ва устодӣ аст, ки ин инкорпазир нест. Дар ин асос, ҳуҷҷатҳо – бо намунаҳои давлатии маълумоти миёна ва олии касбӣ, бо назардошти намунаҳои байналхалқӣ ва кишварҳои тараққикарда, ҳамчунин арзишҳои миллии худ нақшаҳои таълимиро тайёр намоем. Зеро чуноне, ки ба ҳамагон маълум аст, самти стратегии инкишофи соҳаи маълумоти миёна ва олии касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян менамоянд.

Дар ояндаи наздик самтҳои асосии инкишофи муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ бояд саҳеҳ ва дақиқ муайян карда шаванд. Ба ақидаи мо муҳимтарин корҳое, ки бояд иҷро гарданд, инҳоянд:

- таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ, ба даст овардани маълумот ва дар асоси он тартиб додани тарҳҳои нав ва гуногун бо ба назар гирифтани арзишҳои миллӣ барои тайёр намудани мутахассисон дар муассисаҳои миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаронидани таҳлили муқоисавии меъёрҳои ҳуқуқии тайёр намудани мутахассисон дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва дар ин асос тартиб додани талаботҳои муосир нисбат ба ихтисосҳо ва самтҳо;

- коркарди нишондиҳандаҳои тарбияи мутахассисон, ки дар бозори меҳнати озоди ҷаҳонӣ устуворанд;

- коркарди маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии замонавие, ки ба гирифтани маълумоти миёна ва олии касбӣ мусоидат намоянд;

- коркарди ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ оид ба кор қабул намудани хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ дар асоси озмуни озод ва васеъ намудани имкониятҳо дар ин раванд;

-ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи низоми маълумоти миёна ва олии касбӣ, низомномаҳо ва ғайра, хусусан дуруст ба роҳ мондани қабули имтиҳонҳои академӣ ва интиқоли донишҷӯён.

Бояд қайд намуд, ки раванди тағйирёбӣ дар соҳаи маориф хеле нигаронкунандааст. Мувофиқи ақидаи як қатор олимон - С. В. Рогачевский, Т. Н. Байбардин, Л. В. Нищенко дар асрҳои XX - XXI дар кишварҳои собиқ Шӯравӣ масъалаи сифати маълумот хеле муҳим гардидааст. Дар сатҳи ҷаҳонӣ низ дар солҳои охир диққати олимони зиёдеро ба худ ҷалб намудааст, ки он далелҳои хоси худро дорад. Зеро агар пештар мукаммал гардидани донишҳо дар сайёра ҳар 20-30 сол амалӣ мегардид, имрӯз онҳо соле 20% ба пуррагӣ иваз мегарданд, яъне ҳар панҷ сол тағйироти куллӣ ба вуҷуд меояд, дар баъзе соҳаҳои дигари илм бошад аз ин ҳам босуръаттар мукаммал мегарданд [108, с.101-102]. Дар шароити тағйироти босуръати мундариҷаи донишҳо, мукаммал гардидани доимии онҳо, истифодаи фаъоли технологияҳои нав дар таҳсилот ва ғайра дар тамоми кишварҳо амалӣ гардида истодааст. Ислоҳоти мактаби олӣ, ки самтҳои асосии он доимӣ, инсондӯстӣ, демократикунонӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд, ки барои аксари кишварҳо чунин аст ва фазои ягонаи соҳаи маорифро ба вуҷуд оварда истодааст.

Таҳлили асосҳои илмию амалии соҳаи маориф дар асоси таҳлилҳои раванди инкишофи низоми маълумоти олӣ ва пас аз дипломии касбии кишварҳои пешрафта шаҳодат медиҳанд, ки тарҳи сезинагии тайёр намудани кадрҳо самаранок мебошад. Тарҳи сезинагии маълумот тариқи бакалаврият, магистратура ва докторантура мебошад, ки дар низоми таҳсилоти кредитӣмавҷуд аст ва ин тарҳ нисбатан паҳнгардида ва эътирофгардида ба

ҳисоб меравад. Ин низоми таҳсилот, ки дархости хатмкунандагонро таъмин менамояд ва дар шароити тағйирпазирии бозори меҳнат нисбатан ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Мақсади асосии гузариш ба тарҳи бисёрзинагӣ тайёр намудани кадрҳо, омода намудани мутахассисони навъи нав ба ҳисоб меравад, ки бо доштани сатҳи баланди касбӣ, дорои чунин сифатҳо ба монанди қобилияти эҷодкорӣ, таҳлил, салоҳиятнокӣ, роҳҳои устувории тафаккур ва самаранокии навоварӣ бошанд.

Соҳаи бисёрзинагии маълумоти олӣ дар доираи раванди Болон чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад:

Зинаи якум, бояд азхуднамоии салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ то сатҳи имконияти истифодаи онҳо дар шароити гуногун оварда расонида шавад.

Зинаи дуюм, баъди азхуднамоии зинаи якум, бояд салоҳиятро то ба сатҳе расонад, ки имконияти машғул гардидан ба фаъолияти эҷодӣ дар касби интихобшуда таъмин гардад.

Зинаи сеюми маълумоти олӣ, бояд ба ташаккули салоҳиятҳои корманди илмӣ оварда расонад.

Соҳаи маорифи Тоҷикистон бо фазои маорифи ҷаҳонӣпайваст гардида, бо назардошти хусусиятҳои фардӣ, миллӣ, омӯзишӣ, бунёди имконияти эҷодӣ ба истифодаи озод ва амалии дониш, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва ба шукуфоии қобилиятҳо равона карда шудааст.

Таҳлили асосҳои илмию амалии соҳаи маориф имрӯзҳо бо раванди модернизатсиякунонии соҳаи мазкур хеле алоқаманд гардидааст. Модернизатсияи соҳаи маориф ҳамчун талаботи инкишофи ҷомеаи муосир, маънои мусбиро касб намуда ва бо маълумоти анъанавӣ илова гардида, раванди таҳсилотро ба мазмуну мундариҷаи нав комил мегардонад. Модернизатсияи маориф дар Тоҷикистон бо мукаммал намудани мақсадҳо, мундариҷа, шакл ва методҳои он алоқаманд аст. Тарҳҳои нави маълумот аз маълумоти анъанавӣ бо тарзи нишондодани

маълумот, мазмуну мундариҷа, методҳои дарсӣ фарқ мекунад.

Дигаргуниҳои бисёрсола, ки таҳти шиори модернизатсия дар соҳаи маориф дар кишвар амалӣ мегарданд, ба таври ҷиддӣҷиҳатҳои хуби маълумоти олии ватаниро нигоҳ дошта, бо қабули як қатор тарҳҳо, услубҳо, усулҳо ва воситаҳо аз кишварҳои пешрафта гирифта шуда ва мавриди истифода қарор дода мешаванд. Раванди модернизатсия на танҳо раванди ғарбигардонӣ ба ҳисоб меравад, давлатҳои алоҳида метавонанд дар вобастагӣ аз хусусиятҳои фарҳангӣ ва миллии худ онро тағйир диҳанд, ки Тоҷикистон ба ин раванд ҳамроҳӣ карда истодааст. Лекин, чӣ тавре ки таҷрибаи давлатҳои дар давраи гузариш қарордошта нишон медиҳад, дигаргуниҳо дар ҷомеа бе мушкилӣ амалӣ намегарданд [60, с.181].

Маориф ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми иҷтимоӣ шавқу рағбати назарраси ҷомеаи ҷаҳониро ба миён овардааст. Зеро маҳз бо ёрии он, умеди раҳоӣ аз бӯҳрони фарҳангиро дар қалбҳо зинда нигоҳ доштааст. Ин бӯҳронҳои фарҳангӣ дар асоси тағйиротҳои бунёдӣ, ки босуръат дар ҷомеа дар асри XXI пайдо шудааст, ба вуҷуд омадаанд.

Ояндаи ин соҳа аз натиҷаҳои таҳқиқоти гуногуни илмӣ ва амалӣ ва таҳлил дар соҳаи маориф муайян карда мешавад. Эҳтимол ин ба ислоҳот ва навоварӣ дар системаи таълимии кишвар вобаста аст. Зарурати беҳтар гардидани вазъи таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба ин ду раванд, яъне ислоҳот ва навоварӣ сахт вобаста мебошад, ки онро аксари муҳаққиқон ҷонибдорӣ менамоянд. Ба шаклҳои гуногуни маълумот такя намуда, ба таври умумӣ маълумотҳои навовариро ба назар гирифта, қайд намудан зарур аст, ки дар асоси баланд бардоштани маҳорат, қобилият ва дигар хислатҳо ба монанди пешбининамоӣ, ояндабинӣ, самтгирӣ дар шароити мураккаби ҳаёт дар донишҷӯён зоҳир мегардад. Фаъолгардии муассисаҳои таълимии олӣ заминаи инкишофи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Навовариҳо оид ба маълумоти олии касбӣ бо маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

Фаъолияти навоварии муассисаҳои таълимии олӣ маҷмӯи пурраи чорабиниҳои ташкилӣ, илмӣ, технологӣ, молиявӣ ва тиҷоратиро дарбар мегирад, ки ба натиҷаҳои навоварӣ оварда мерасонад. Комёбиҳои тиҷоратии навоварӣ бо ташаккули ниҳодҳои махсус, ки навовариҳоро дар заминаи донишгоҳҳо ба вуҷуд меоранд, вобастааст.

Дар муассисаҳои таълимии олӣ пеш бурдани навовариҳои илмӣ (инноватсионӣ) хеле зарур аст, зеро ниҳодҳои илмӣқобилияти зеҳнии афрод ё гурӯҳҳои илмиро дар бозори навовариҳои илмӣ-техникӣ хусусияти тиҷоратӣ дода ва барои рушди илм имкониятҳои бузургеро фароҳам менамояд. Масалан, дар Россия Қонуни федералии № 217, қабул гардидааст, ки дар он оид ба бунёди корхонаҳои хурди навоварӣ (КХИ) дар назди муассисаҳои таълимии олӣ ва ниҳодҳои академиявӣ оварда шудааст, ки имрӯз дар назди муассисаҳои таълимии олӣ ва ниҳодҳои илмӣ 400 корхонаҳои хурди навоварӣ бунёд карда шудаанд [116]. Чунин корхонаҳои хурди навоварӣ дар дигар кишварҳо низ вуҷуд дорад. Масалан дар Ҷумҳурии исломии Эрон зиёда аз 4500 марказҳои донишбунёд фаъолият менамояд, ки дастовардҳои худро ба ширкатҳои хусусӣ ва давлатӣ чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар ба фурӯш мегузоранд ва фоидаҳои бузурги иқтисодӣ барои ниҳодҳои худ ба даст меоранд. Бартарии кори онҳо аз он иборат аст, ки ширкатҳое, ки ба навоварии истеҳсолӣ ниёз доранд, ба онҳо муроҷиат менамоянд. Кормандони ин марказҳои донишбунёд низ супориши онҳоро қабул намуда, ба ин масъала ҳамчун кори илмӣ нигоҳ карда ва онҳоро чун корҳои дипломӣ ва ё диссертатсионӣ анҷом медиҳанд.

Аз нигоҳи идоранамоӣ, муовини раиси ҷумҳур оид ба илм ин сохторро назорат ва роҳнамоӣ менамояд. Аз ин рӯ, шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии ин кишвар ба 2200 расид ва шумораи донишҷӯён ба 5 миллион нафар расид, ки 7%-и тамоми аҳолиро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат 65 % донишҷӯён занону духтарон мебошанд. Зеро ҳукумати Ҷумҳурии исломии Эрон ба таҳсилоти занон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд ва ҳеҷ маҳдудияте

вуҷуд надорад, магар ин ки сабабҳои муайяне вуҷуд дошта бошад. Масалан, дар соҳаи муҳандисӣ, беш аз 70 фоиз мутахассисонро занон ташкил медод, аз ин хотир каме маҳдудият ҷорӣ намуданд, то мардон низ ба ин соҳа рӯ биёранд. Вале бояд қайд намуд, ки аз он 5 миллион донишҷӯ як миллиони он дар соҳаи тиб таҳсил менамоянд [53, с.37].

Мақсади маълумоти навоварӣ (инноватсионӣ) - ин тайёр намудани мутахассисоне мебошад, ки дорои қобилияти баланди илмӣ дар тамоми соҳаҳо, хусусан дар самти нави фаъолият, яъне лоиҳакашӣ ва менеҷментӣ тавонотар бошанд. Ба андешаи М.К. Файзуллоев: «Дар ҷараёни бунёд, азхуднамоӣ ва паҳнгардидани навоварӣ (инноватсия) дар соҳаи маориф, заминаи наверо ба вуҷуд меорад, ки соҳаи маориф дар замони муосир – ҳамчун эҷодкунандаи тафаккури баланд, бунёдкунандаи дониш, пешниҳодкунандаи маълумоти бефосила барои инсон дар давоми тамоми ҳаёт ташаккул меёбад» [114, с.39]. Раванди таҳсилоти бефосила дар замони муосир яке аз талаботи асосии соҳаи маориф ба ҳисоб меравад, ки дар аксар кишварҳои пешрафта аз он истифода меноянд. Чуноне, ки муҳаққиқ Э. Гидденс дар асри илмии худ «Социология» қайд менамояд, то солҳои наздик тасаввур кардани чунин имконият хеле душвор буд, ки агар дар раванди таълим тамосҳои шахсӣ бо ҳамкурсон ва муаллимони худ мулоқот накунанд, чӣ мешавад? Гарчанде, ки курсҳои ғоибона кайҳо боз ба одамон имконият медод, ки берун аз шароити расмии муассисаҳои таълимӣ маълумот гиранд. Вале дар мисоли Донишгоҳи Кушода, ки соли 1971 дар Британияи Кабир таъсис ёфта буд, ки бо истифодаи телевизион таълими фосилавӣ мегирифтанд. Ба андешаи ӯ: «Барномаҳои Донишгоҳи Кушода аз ҷониби шабакаи телевизионии Би-Би-Си субҳи барвақт ва бегоҳтар пахш мегардид. Донишҷуён ин шакли таълими фосилавиро бо омӯзиши адабиёти илмӣ, мукотиба бо муаллимон ва мулоқоти ру ба ру бо мураббӣ, инчунин дар курсҳои тобистона ва ғайра истифода менамуданд. Ҳамин тариқ онҳо метавонанд дар хона ва аксар вақт дар ҷойи кор лексияҳои мутахассисони баланихтисосро гуш кунанд. Донишгоҳи Кушода ба

бузургтарин донишгоҳ дар Шоҳигарии Муттаҳида табдил ёфта ва онҳо то ҳол аз интернет бештар истифода мебаранд ва ҳамчунин мулоқотҳои муаллимон бо донишҷуёни худ идома дорад. Дар идомаи таҳқиқоти худ намунаи дигари насли нави муассисаҳои таълимиро нишон медиҳад, ки аз қудрати интернет дар раванди инқилоби таҳсилот истифода мебаранд, ки он Донишгоҳи Феникси ИМА мебошад. Донишгоҳи Феникс соли 1989 таъсис ёфта ва ҳоло бузургтарин Донишгоҳи аккредитатсионӣ дар ИМА ба ҳисоб меравад, вале он аз аксари донищгоҳҳои ИМА фарқ дорад. Он соҳиби шаҳраки сарсабз, китобхонаи азим, дастаи футбол ва ё маркази донишҷуён нест, 68 000 донишҷуёни ин донишгоҳ асосан тавассути интернет-шаҳраки онлайнии Донишгоҳи Феникс- бо беш аз 50 «марказҳои омӯзишӣ», ки дар шаҳрҳои бузурги Америкаи Шимолӣҷойгиранд, муошират мекунанд» [38, с.427]. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар солҳои охир тасмим гирифтааст, ки раванди таҳсилоти бофосиларо дар тамоми донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ба роҳ монад.

Соли 2011 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2029» - ро тасдиқ кард. Дар ин ҳуҷҷат маълумоти инноватсионӣ яке аз самтҳои асосӣ номида шуда, дурнамои рушди системаи маорифро дар ҷумҳурӣ дар асри XXI муайян мекунад.

Фаъолияти навоварӣ дар муассисаҳои таълимии олӣ ба иҷрои вазифаҳои зерин равона карда шудааст:

- инкишоф ва мукаммал гардонидани низоми иноватсионии миллӣ;

- истифодаи самараноки захираҳои зеҳнӣ;

- ташаккули қудрати устувори зеҳнӣ, ки лоиҳаҳои иноватсиониро дар сатҳҳои гуногун амалӣ менамояд;

- васеъ намудани доираи ҷойҳои кор ва базаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва аспирантон дар асоси бунёди ширкатҳо ва корхонаҳо дар шакли якҷоя;

- баланд бардоштани сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ ва тайёр намудани кадрҳои ихтисосманд дар соҳаи тиҷорати навоварӣ (иннватсинӣ).

Барои самаранокии барномаҳои зикргардида амалӣ намудани «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ барои солҳои 2011-2015» зарур гардид. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия равшан аст. Онҳо ба мукаммал гардидани маҳорат ва қобилият мусоидат намуда, ба самаранокии раванди таҳсилот имконият медиҳанд. Ҳамчунин шавқу рағбати донишҷӯёнро ба фанни таълимӣ баланд мебардорад ва фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро фаъол мегардонад.

Имрӯз дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои гуногуни таҳсилот, аз ҷумла шакли европоии таҳсилот, шакли туркии таҳсилот (литсейҳои якҷояи тоҷикӣ-туркӣ), шакли таҳсилоти Оғохон ва шакли таҳсилоти олмонӣ мавҷуданд. Инчунин навъҳои нави мактаб: литсей, гимназия, коллеҷ ва низомҳои миёнаи касбӣ ва омӯзишӣҳамчун навоварии муосир пайдо шуданд.

Инкишофи технологияҳои иттилоотӣ, зарурати инкишофи қобилияти худомӯзии бефосилаи хонандагон дар давоми тамоми ҳаёт, мувофиқ гардонидани таҳсилот ба шароити муосир, маҷбур месозад, ки технологияҳое, ки дар раванди таълим истифода мешаванд, аз нав дида баромада шаванд. Вақте зарурати технологияҳои иттилоотӣ пайдо мешавад, ки баланд бардоштани самаранокии сифати таълим, таъмини фаъолияти мустақили маърифатӣҳамчун ҳадафи бузург шинохта шавад. Дар баробари манфиатҳои бузурги технологияҳои иттилоотӣ, инчунин мушоҳида мегардад ва тачриба низ нишон дода истодааст, ки истифодаи нодуруст ва ноҷои онҳо чӣ гуна таъсири манфии худро дар шаклҳои гуногун расонида истодааст.

Дар соҳаи маорифи ватанӣ ба қадри имкон ворид гардидан ба раванди таҳсилоти нав идома дорад, ки донишҷӯро дар маркази раванди таълимӣқарор медиҳад ва ӯро аз шунавандаи ғайрифаъол ба иштирокчии фаъоли ин раванд мубаддал мегардонад. Ба ин раванд сатҳи истифодабарии техникаи муосири

компютерӣ ва таъминоти барномавӣ низ мусоидат менамоянд. Худи ин раванд донишҷӯро маҷбур менамояд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотиро хуб ва зуд аз худ намояд.

Бо мақсади мукаммал гардонидани раванди таълим дар муассисаҳои таълимии кишвар технологияҳои пешрафта, аз ҷумла технологияҳои таҳсилоти интерактивӣ (ҳамеша дар ҳолати омодагӣ) ворид карда мешаванд. Истифодаи технологияҳои интерактивӣ дар раванди таълим нақши омӯзгорро низ дигаргун менамояд. Онҳо ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки раванди азхуднамоии маводи таълимиро ба донишҷӯён намоиш диҳад. Дар асоси он навъҳои мухталифи иттилоот дар як нақшаи барномавӣ, ҳам навъҳои анъанавӣ: матн, ҷадвал, тасвир ва ҳам навъҳои инкишофдиҳанда: нутқ, мусиқӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Ин технология сатҳи нави таҳсилоти интерактивии инсон ва компютерро амалӣ менамояд, ки дар он истифодабаранда метавонад аз як объект ба объекти дигар гузарад, тартиби саволу ҷавобро ташкил намояд. Яъне дар баробари доштани дониши баланд, як навъ бояд донишҷӯҳамеша дар ҳолати омодагии зеҳнӣқарор дода шавад. Дар робита ба ин, масъулият барои ташаккули малакаҳои касбӣ ба дӯши хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ вогузор карда мешавад. Онҳо бояд қодир бошанд, ки вазъиятҳоро самаранок таҳлил кунанд, баҳо диҳанд ва дар муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ қарорҳои дуруст қабул кунанд. Иттилоотгароӣ, ки дар раванди таълим ворид карда мешавад ва нақши асосӣ низ дорад, истифодаи фаъоли доимии қудрати зеҳнии ҷомеаро таъмин менамояд ва зеҳнҳоро ба фаъолияти истеҳсолоти илмӣ ва дигар навъҳои фаъолият ҷалб ва роҳнамоӣ менамояд. Дар таълимоти нави маълумоти олӣ донишҷӯ аз муносибати маҳдуд ба таҳсилоти тахассусӣ, ки инкишофи гуногунсамтаи умумифарҳангӣ ва ташаккули шахсиятро доро мебошад, мегузарад.

Бо истифодаи бартариҳои захираҳои иттилоотӣ мушкилиҳо низ мавҷуданд. Дастрас будан, васеъ гардидани доираи корҳои илмӣ дар омода намудани маърӯзаҳо, рефератҳо, корҳои курсӣ ва ҳатто рисолаҳои хатм

аксаран халал ворид менамояд. Рубардор кардани корҳои илмӣ зиёд мегардад, ки он заминаи рушди тафаккури эҷодии донишҷӯро аз байн мебарад. Ин масъала бояд дуруст дарк карда шавад, мушкили дар саводнокии комютерии хонандагон ва донишҷӯён нест, балки муносибати дурустро дар раванди таълим талаб менамояд. Дар ғайри ин сурат ҷомеаи донишҷӯён аз китоб, китобхонӣ ва китобхона дур мешаванд ва ба таври оддӣ фосила мегиранд. Чуноне, ки дар амалия мебинем, санъати суханварии донишҷӯён дар сатҳи хеле поён қарор дорад, қариб, ки фикри шахсии худро дар мавзӯи муайян дар шакли илмӣ баён карда наметавонад.

Дар байни муносибатҳои натиҷабахши маълумот, шӯҳратмандии васеъро муносибати салоҳиятнокӣ касб намудааст. Мафҳуми салоҳиятнокӣ на танҳо бо иҷроиши вазифаҳо дар асоси донишҳо ва маҳорати бадастомада, балки боҷараёнҳои муайяни эҳсосотӣ ва муносибатҳои дигар низ алоқаманд мебошад. Чуноне, ки муҳаққиқи ватанӣ Р. Назаров «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» - ро масъалаи асосӣ донистааст. Ба ақидаи ӯ: «мафҳумҳои мазкур дар забони байналмилалӣ «компетент» ном гирифтааст» [99, с.187]. Дар идома меорад, ки ин истилоҳро аввалин маротиба файласуфи машҳури Америка Ҷон Дюи дар асараш бо номи «Демократия ва маориф» ҳамчун мафҳуми калидии таълиму тарбия пешниҳод намудааст. Ба ақидаи Ҷ. Дюи: «қобилияти мағзи инсон бе маҳдуд аст. Вазифаи мураббӣ, муаллим, устод, мактаб, маориф ва волидайн бедор кардани қобилияти кӯдакон ва хонанда ва дар хонанда ба вуҷуд овардани салоҳиятнокӣ мебошад. Таълимгиранда бояд на танҳо қобилияти аз худ кардани маводи сершумори таълимӣ, балки салоҳияти ҳалли мустақилонаи муаммоҳо ва ҳалли мустақилонаи мушкилиҳои зиндагӣ ва истеҳсолиро дошта бошад» [99, с.187]. Ба қавли Ҷ. Дюи: «танҳо шахси салоҳиятнок дар зиндагӣ муваффақ хоҳад шуд» [99, с.187].

Тарҳи салоҳиятнокии маълумоти олӣ дар худ дараҷабандии касбӣ, сифатҳои асосии шахс, масъулиятнокӣ, боваринокӣ, суботкорӣ, қобилият ва маҳорати ҳамаҷониба ва ташаккулёфтаро фаро мегирад. Ҳамин тариқ, воситаи

афзалиятноки таҳсилот нерӯи омӯзгор ва хонанда ба ҳисоб меравад. Чӣ тавр омӯзгор метавонад ба донишҷӯ тарзи қабул намудан, азёд кардан, дарк намудан, ҳатто ақидаронии танқидӣ доштан ва дигар ҷараёнҳои зеҳниро омӯзонад, ки он ба фаъолияти самараноки донишҷӯ оварда расонад, ки як донишҷӯи ғайри фаъолро ба донишҷӯи фаъол ва тавоно мубаддал намояд, ки ин ҳама аз раванди таълим вобаста аст. Муносибати салоҳиятнокӣ талаб менамояд, ки олами ботинии донишҷӯ бояд бедор карда шавад, дар ин вақт донишҷӯ дарсро хуб мефаҳмад. Мо донишҷӯе пайдо намекунем, ки пешравӣ ва донистанро нахоҳад, ҳатто донишҷӯёни камфаъол, вале мушкилӣ дар он аст, ки донишҷӯ бедор нест ва дар дарс бегонавор иштирок менамояд. Азин хотир донишҷӯе, ки барномаи дохили донишгоҳӣ дошта бошад, хеле кам аст, шахсе, ки бо савол ба дарс биёяд, қариб, ки ёфтан ғайри имкон аст. Вале, мутаасифона, барномаҳои пас аз дарсии донишҷӯён аксаран барномарезишуда мебошад.

Ҳамин тариқ, ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии сиёсати давлат дар соҳаи маорифро таҳлил намуда, мо ба чунин хулоса омадем, ки дар соҳаи маорифи тоҷик дар шароити давраи гузариш тағйиротҳои зерини мусбӣ ба миён омадаанд:

1. Мақсад ва мундариҷаи маориф тағйир ёфта, он дар заминаи арзишҳо ва талаботҳои инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, бартарии арзишҳои умумиинсонӣ ташаккул ёфта истодааст;

2. Бунёди базаи меъёриву ҳуқуқии маориф комил гардида ва он ғайримарказонидани идора ва мукаммал намудани муассисаҳои таълимӣ ва ғайраро шомил аст.

3. Дар доираи стратегияи нави иқтисодӣ ва молиявӣ муносибати инноватсионӣ ба маблағгузорӣ таҳия карда шуд. Ислоҳот дар соҳаи маориф нишон медиҳанд, ки дигаргуниҳо ва тағйиротҳои рухдода мушкилоти наверо ба вуҷуд меоранд, ки бояд бартараф карда шаванд. Технологияи истифодаи ислоҳот дар соҳаи маълумоти олӣ набояд куркӯрона аз технологияҳои

давлатҳои пешрафта пайравӣ кунад, инчунин онҳоро бояд бо вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву психологӣ ва анъанаҳои кишвари мо мувофиқ гардонанд.

4. Дар шароити бозоргонӣ миқдори муассисаҳои таълимии олӣ зиёд шуда истодаанд, зеро талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони нав афзудааст. Масъалаи дигар он аст, ки бисёриҳо аз паси даромади тиҷоратӣ мегарданд, ки ба паст гардидани раванди қабули донишҷӯён оварда мерасонад. Дар натиҷа, миқдори хонандагон зиёд ва сифати таълим паст гардида, истисмори омӯзгорон бо сарбории таълимии зиёди бесифат бештар мегардад.

5. Дар бораи тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, истифодаи технологияҳои пешрафта ва дастовардҳои муосири илмӣ дар давлатҳои тараққикарда, дар соҳаи маориф бисёр гуфта мешавад. Лекин далеле, ки ин дигаргуниҳо аз тарафи инсон - омӯзгор ворид гардидааст, кам хотиррасон карда мешавад. Аз мақоми баланд доштани омӯзгорон, ҳуқуқ ва маоши пасти онҳо қариб, ки сухан ба миён оварда намешавад.

Соҳаи маориф ва сохтори ташкилии он дар асоси хусусиятҳои фарҳанги маъмуриву бюрократӣ ва этикаи авторитарӣ ташаккул ёфта истодааст. Дигаргуниҳои босуръати ҷаҳонии маориф тағйиротҳоро дар соҳаи маъмурӣ ва идоранамоии соҳаи маориф дар шакли дигар пешниҳод менамояд, ки дар асоси он муносибат бо кормандон ва дар фазои корӣ дар шакли комилан наверо талаб менамояд.

Ниҳоятан, соҳаи муосири маориф ҳамчун соҳаи иҷтимоӣ дар худ тамоми тағйиротҳои мусбӣ ва манфии ҷомеаро инъикос менамояд, ки аз рӯи онҳо ба таври доимӣ кор карда хусусиятҳои мусбиро бештар намудан зарур аст.

Асосҳои иҷтимою сиёсии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф таҳлил намуда, метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Маориф омили муҳимми модернизатсияи соҳаи иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, ба ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ мусоидат менамояд;

2. Амалӣ намудани ислоҳот дар соҳаи маориф ҳамчун рукни муҳимми иҷтимоӣ дар ташаккул ва инкишофи ҷомеа таъсири калон мерасонад;

3. Инкишофи маориф дар таъмини амнияти кишвар, устувории ҷомеа ва рушди тафаккури эҷодии тамоми шаҳрвандон мусоидат менамояд;

4. Давлат ҳамчун кафили адолати иҷтимоӣ, дар таъмини баробарии ҳамаи намояндагони гурӯҳҳои мухталиф бояд баромад намояд;

5. Амалӣ намудани ислоҳоти барномавии давлат, ки натиҷаи онҳоро метавон чунин арзёбӣ намуд:

а) бунёди базаи меъёриву ҳуқуқӣ барои гузаштан ба соҳаи бисёрзинагии тайёр намудани кадрҳо, хусусан тарҳи сезинагии маълумот, ки талаботи хонандагонро қонеъ намояд;

б) додани як қисми ваколатҳо дар соҳаи идоракунӣ ва додани дараҷаи муайяни мустақилият. Таъсиси ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва коллеҷҳои кишварҳои ИДМ ва дигар давлатҳо;

в) боҳамоӣ дар соҳаи маориф, пайваст гардидан ба фазои ҷаҳонии маориф, тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботҳои бозори меҳнат ва ғайра;

г) тағйирёбӣ ва мукаммал намудани маъно ва мундариҷаи маориф – пешбурди омили инсонӣ дар ҷои аввал ахлоқмеҳварӣ дар соҳаи маориф;

д) бунёди маркази ягонаи тестӣ бо мақсади бунёд ва таъмини шаффофияти қабули донишҷуёни сазовор;

е) таҳияи “Намунаи нави давлатии маълумот” бо назардошти тағйиротҳои нав;

6. Ташкили босалоҳияти равандҳои навсозӣ, дигаргунсозӣ ва навовариҳо дар соҳаи маориф, инчунин дигар ҷанбаҳои рушди системаи маориф, муайян кардани принсипҳо ва қонуниятҳои умумии ин равандҳо.

7. Коркарди лоиҳаҳои навоварӣ дар соҳаи маориф.

1.2. Омилҳои ташаккул ва инкишофи низоми маориф дар раванди дигаргуншавии ҷомеа

Дар доираи сиёсати дохилии ҳар як давлат маориф мавқеи муҳимро ишғол мекунад ва кӯшишҳо ба он равона карда шудаанд, ки он ба яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеа табдил ёбад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар баромади худ, махсусан дар яке аз вохӯриҳо бо кормандони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ таъкид намудаанд, ки: «соҳаи илму маориф ва самти таълиму тарбияи насли наврас фақат як рукни сиёсати давлат нест, балки он ҷавҳари тамоми сиёсати давлат аст» [63, с.156].

Чӣ тавре, ки маълум аст, дар оғози солҳои 90-ум маориф дар вазъияти буҳрони шадид қарор дошт ва зарурати коркарди фаврии самти инкишофи таҳсилот ба миён омад. Аз ин хотир, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул карда шуд, ки омили муҳимми инкишофи ҷамъиятӣ дар он давра ба ҳисоб мерафт. Ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз талаботҳои асосии сиёсати давлатро дар соҳаи маориф муайян намуд ва ба инкишофи минбаъдаи он мусоидат кард.

Мувофиқи моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад» [1, с.11].

Маълумоти муосир сатҳҳои зеринро фарогир аст: маълумоти томактабӣ, маълумоти мактабӣ, маълумоти ибтидоии касбӣ, маълумоти миёнаи касбӣ, маълумоти олии касбӣ, маълумоти касбии пас аз дипломӣ, маълумоти иловагии касбӣ, маълумоти ғайрикасбӣ ва худмаълумотгирӣ. Ҳоло дар мамлакат низоми чорзинагии таҳсилот барқарор карда шудааст, ки он маълумоти томактабӣ, миёна, миёнаи махсуси касбӣ-техникӣ ва олиро фаро мегирад.Тамоми сатҳҳои сохтори маълумот бо ҳам алоқаманд буда, вазифаҳои мухталифи иҷтимоиро иҷро менамоянд. Ба даст овардани ҳар яке аз сатҳҳои маълумот бояд мувофиқи он сатҳ бо ҳуҷҷатҳои муайян тасдиқ карда шавад.

Маълумот барои инсон омили муҳиммест, ки ба худинкишофёбӣ, дигаргун намудани шахсият ва тарбият намудани он равона гардидааст. Чуноне, ки муҳаққиқ Э. Тоффлер дар асараш “Третья волна” зикр менамояд, ки: «инсон бо суръати баланд дар бораи худ ва дунё иттилооти муфидро ҷамъоварӣ кардааст, ки он таърихи тӯлонӣ дошта ва он аз 10 000 сол бештар мебошад» [71, с.32].

Ҷаҳиши навбатии азим дар соҳаи дониш танҳо бо ихтирои матбаа дар асри XV рух додааст. Мувофиқи ҳисобҳои некбинона дар Европа солона 1000 номгӯи китоб нашр мегардиданд. Вале аз соли 1960 ва даҳсолаҳо баъд, як ҷаҳиши назаррас ба амал омад, ки кори садсоларо дар зарфиҳафтуним моҳ ба анҷом расонидааст. Дар миёнаи солҳои 60-ум, нашри китобҳо дар миқёси ҷаҳон, аз ҷумла Европа ба рақами ҳайратангези 1000 унвон дар як рӯз наздик шуд. Касе ба ин масъала баҳс надорад, ки ҳар як китоб пешрафти донишро афзоиш медиҳад. Дар идома қайд менамояд, ки метавон гуфт афзоиши илм бо суръат идома дорад ва бовар кардан мумкин аст, ки имрӯз шумораи маҷаллаҳо ва мақолаҳои илмӣ ба мисли истеҳсолоти саноатӣ дар кишварҳои пешрафта тақрибан дар ҳар 15 сол ду баробар зиёд мешавад. Имрӯзҳо танҳо ҳукумати ИМА солона беш аз 100 000 ҳисобот таҳия мекунад ва илова бар он 450 000 мақола, китоб ва таҳқиқотҳои дигарро анҷом медиҳад. Дар саросари ҷаҳон адабиёти илмӣ ва техникӣ соле тақрибан 6 000000 саҳифа меафзояд [72, с.24].

Муҳаққиқи ватанӣ А. Ш. Қурбонов дар таҳқиқоти худ хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро баррасӣ намуда, ду мафҳуми бо ҳам наздик, лекин аз рӯи андоза ва мундариҷа гуногунро ҷудо намудааст: «сиёсат дар соҳаи маориф» ва «сиёсати таҳсилотӣ». Ба андешаи ӯ: «Мафҳуми якум – маҷмӯи тадбирҳои қабулшуда ё банақшагирифтаи давлат, мақомоти он, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар субъектҳои фаъолияти сиёсиро нисбат ба маориф чун ниҳоди иҷтимоӣ фаро мегирад. Мафҳуми дуюм – ба ғайр аз ин, инчунин унсурҳои таҳсилот ва алоқамандии таҳсилот ба дигар самтҳои сиёсати дохилӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва ғайра)-ро низ дар бар мегирад. Маънои

амалии ғояи мазкур иборат аз он аст, ки сиёсатмадорон ва аз он ҷумла, худи қонунгузорон водор карда шаванд, ки зимни қабули қарорҳо доир ба масоили ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, ҷанбаи таълимӣ ва паёмадҳои таҳсилотро ба эътибор гиранд» [53, с.71].

Ислоҳоти мундариҷаи маълумот бо намунаҳои миллӣ дар тамоми сатҳҳо, мувофиқи талаботҳои байналхалқӣқабул гардида ва дар ин самт корҳои зеринро анҷом дода истодаанд:

а) ба таври ҷиддӣ аз нав дида баромадани мақсад ва мундариҷаи маълумот;

б) гузаронидани тағйиротҳои сохторӣ ба монанди:

- бунёди шаклҳои нави мактабҳо, литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо, маҷмааи «мактаб-боғчаи кудакона» ва ғайра як амри зарурӣ аст;

- ба роҳ мондани соҳаи бисёрзинагӣ дар муассисаҳои таълимии олӣ бо додани ихтисоси мутахассиси хурд - бакалавр, олии пурра магистр ва ё доктор PhD пешбинӣ шуда, амалӣ гардида истодаанд;

- омӯзишгоҳҳо ва коллеҷҳо ба сохтори муассисаҳои таълимии илмӣ мувофиқ ба сифати муассисаҳои олии худ маълумотнома дода мешаванд. Чун колеҷҳои тиббӣҳалқаи ибтидоии донишгоҳи тиббӣ, колеҷҳои техникӣҳалқаи ибтидоии донишгоҳи техникӣ ва ғайра мебошанд.

- бунёди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ва байнидавлатӣ дар як қатор бо муассисаҳои таълимии давлатӣ ба роҳ монда шудааст.

в) таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки фаъолияти тамоми муассисаҳои таълимиро чунин роҳнамоӣ намудааст:

- муқаррароти муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳо мукаммал гардонида мешавад;

- муқаррароти хизмати давлатии аттестатсионӣ бунёд карда шудааст;

- базаи ҳуқуқии аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатдиҳии муассисаҳои таълимӣ коркард ва тасдиқ гардидааст;

г) муайян намудани сиёсати нави иқтисодӣ ва молиявии соҳаи маориф:

- базаи ҳуқуқии маблағгузорӣ бунёд гардида, механизми ворид намудани он дар амалия коркард шудааст;

-икдомҳои аввал нисбати барқарор намудани меъёри маблағгузорӣ дар соҳаи маориф, хусусан аз буҷаи давлатӣ пешбинӣ гардидааст.

Ба таври муқоиса маблағгузории давлатиро дар соҳаи маориф барои солҳои 2000 то соли 2015 дар муҳлати 15 сол меорем, агарчӣ ин оморҳо кӯҳна шуда бошанд ҳам, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин соҳа то кадом андоза ба соҳаи афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мубаддал гардидааст.

Ба ҷадвали зерин нигоҳ намудан кифоя аст [95, с.237].

Сол	Маблағгузорӣ
2000	42 млн. сомонӣ
2005	268 млн. сомонӣ
2006	336 млн. сомонӣ
2014	2,5 млрд. сомонӣ
2015	3 млрд. сомонӣ

Аз сарчашмаҳои ғайрибуҷавӣ низ маблағгузорӣ мегардад, ба монанди бурсияҳо, воситаи волидайн, саҳмияҳои сарпарастӣ, шахсони хайрхоҳ, қарзҳо ва саҳмияҳои сармоягузорони байналхалқӣ ва ғайра. Масалан, дар соли 2006 ба таври умумӣ аз сарчашмаҳои мухталиф, аз он ҷумла аз Хазинаи Президент 402 млн. сомонӣҷудо гардида буд [95, с.237]. Ҳамчунин ҷалби соҳибкорони ватанӣ дар солҳои охир ба масъалаи сохт ва таъмири муассисаҳои таълимӣ бештар гардида истодааст, хушбахтона ин корро як амри хайр медонанд. Барои мисол як соҳибкори ватанӣ дар ду – се соли охир беш аз 100 миллион сомонӣ маблағгузорӣ карда барои 6200 толибилм ҷои таҳсилу шароити сатҳи баланди таълимӣ муҳайё кардааст [95, с.238]. «Ин амали хайр рӯз ба рӯз бештар гардида, 32 муассиса, қариб даҳҳазор ҷои нишаст аз ҳисоби соҳибкорону шаҳрвандони саховатпешаи кишвар ба маблағи 122 миллион сомонӣ бунёд шудааст» [95, с.238]. Ин омор дар дигар сарчашмаҳо низ оварда шудааст [64, с.141].

Дар шакли дақиқтар ба оморе, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2020 пешниҳод гардидааст, назар намоем, маълум мешавад, ки хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маориф нисбат ба солҳои қабл хеле афзудааст, ки онро чунин нишон додан мумкин аст:

Сол	Маблағгузорӣ
2015	2539,3 млн. сом.
2016	3093,8 млн. сом.
2017	3572,7 млн. сом.
2018	3702,6 млн. сом.
2019	4419,2 млн. сом.

Ин хароҷоти буҷети давлатиро агар бо буҷети умумии солонаи давлатӣ муқоиса намоем ва онро ба фоиз баргардонем, чунин нишондод муайян карда мешавад: соли 2015 – 15,6%, соли 2016 – 16,9%, соли 2017 – 16%, соли 2018 – 15,3% ва соли 2019 – 18,7%. Ин оморҳоро агар дар шакли дигар, яъне бо дар назар гирифтани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) пешниҳод кунем, натиҷааш чунин мешавад: соли 2015 – 5 %, соли 2016 – 5,6 %, соли 2017 – 5,5 %, соли 2018 – 5,2 % ва соли 2019 – 5,7% [5, с.9].

Ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналхалқӣ кӯшиш менамоянд, ки дастрасии маълумотро новобаста аз миллат, ҷинс, ҷои истиқомат, мавқеи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъмин намоянд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори муассисаҳои таҳсилотӣ дар тамоми сатҳ бештар гардида истодааст. Масалан, аз нигоҳи оморӣ то соли 2015 мактабҳои маълумоти умумӣ ба 3836 адад зиёд гардиданд, ки дар онҳо 1741628 хонанда таҳсил менамоянд. Миқдори муассисаҳои таълимии олӣ дар соли таҳсилии 2015-2016 то ба 38 адад расида буд, ки дар онҳо 176461 нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд [5, с.62]. Дар асоси нишондоди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2020 муассисаҳои таҳсилотиро дар тамоми сатҳ чунин нишон додаст:

- муассисаҳои таҳсилоти то мактабӣ дар соли 2015 – 578, соли 2016 – 602, соли 2017 – 615, соли 2018 – 636 ва соли 2019 – 662 адад;

- муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли 2015 – 3855, соли 2016 – 3874, соли 2017 – 3879, соли 2018 – 3877 ва соли 2019 – 3892 адад;

- муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар соли 2015 – 61, соли 2016 – 61, соли 2017 – 61, соли 2018 – 61 ва соли 2019 – 62 адад;

- муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 2015 – 66, соли 2016 – 67, соли 2017 – 67, соли 2018 – 70 ва соли 2019 – 74 адад;

- муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2015 – 38, соли 2016 – 39, соли 2017 – 39, соли 2018 – 39 ва соли 2019 – ба 40 адад расидаанд [5, с.8]. Дар соли 2020 бошад шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 41 адад расида шумораи донишҷӯёни он ба 285 ҳазор нафар расидааст, ки зиёда аз 40 ҳазор нафари он ҳамчун донишҷӯ, магистр ва аспирант дар хориҷи кишвар таҳсил менамоянд [23].

Раванди тармиму таъмири муассисаҳои таҳсилотӣ идома дорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки Тоҷикистон ҷашни 30 солагии худро бо дастовардҳои бузург дар соҳаи маориф пешвоз гирифт. Тибқи омори расмӣ: «Соли 2020 дар ҳаҷми 900 миллион сомонӣ, 181 муассисаи таҳсилоти умумӣ, барои 54 ҳазор ҷои нишаст пешбинӣ шудааст. То ҷашни истиқлолияти давлатӣ 128 муассисаи томактабӣ ва 338 муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд гардида, дар маҷмӯъ 1332 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ тармиму таҷдид карда мешаванд» [22].

Яке аз масъалаҳои асосии дигар ин таъмири муассисаҳои таълимӣ дар саросари кишвар ва дар тамоми сатҳҳо мебошад. Барои таъмини муттасилӣ ва самарабахшии раванди дигаргунсозӣ ва навсозӣ дар соҳаи маориф нақшаи амал таҳия карда шуд, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ, шароити воқеӣ ва дурнамои рушди кишварро ба назар мегирад. Ин нақша "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020" ном дорад. Стратегия бо назардошти ҳадафҳои стратегияи миллии Рушди Тоҷикистон

таҳия шудааст. Ҳадафи он ноил шудан ба ҳадафҳои ҳазорсолаи "таҳсил барои ҳама" ва татбиқи ҳадафҳои дарозмуддати ислоҳоти соҳаи маориф мебошад.

Нақшаҳои такмили системаи маориф бояд ба рафъи мушкилоти ҷорӣ ва таъмини ҳамкории мутақобилаи байни мақомоти давлатӣ, ҷомеа ва кормандони педагогӣ дар соҳаи маориф равона карда шаванд. Чунин раванд асоси ташаккул додани захираҳои давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои мушкил, ки дар назди соҳаи маориф қарор доранд, ба ҳисоб меравад.

Чи тавре, ки дар боло зикр гардид дурнамои инкишофи соҳаи маориф чунин ҷиҳатҳоро фарогир аст: «хусусиятҳои инкишофи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳлили вазъият дар соҳаи маориф ва дурнамои инкишофи он; тарзи амалӣ намудани дурнамо, ки ба рушд ва инкишофи маориф ёрӣ расонад; назорат ва баҳогузорӣ намудани дурнамои рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020; маблағгузорӣ барои амалӣ намудани дурнамои инкишофи соҳаи маориф» [4].

Дар ҷаҳони муосир нақши таълим дар ҳаёти ҷомеа торафт пурмазмунтар мегардад. Он дар рушди дониш, малака, қобилият ва истеъдодҳои одамон, инчунин дар ташаккули сифатҳои касбӣ ва шахсии онҳо нақши калидӣ мебозад. Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ, ки дониш ва иттилоот дар рушди ҷомеа нақши калидӣ доранд, масъалаи нақши таълим дар ин раванд торафт муҳимтар мегардад. Чуноне, ки муҳаққиқ Д. Форрестер дар асраи худ «Мировая динамика» зикр менамояд: «агар шахс мехоҳад рафтори низомеро беҳтар намояд, вай барои тағйир додани он ва чи гуна амал намудан фикр мекунад. Аммо ин раванд аксар вақт ба хатогиҳо оварда мерасонад» [74, с.45]. Дар идомаи баҳси худ ӯ таъкид менамояд, ки: «таълимоти (консепсия) аз ҳама муҳим дар низоми олам ин иттилоот аст, ки тағйиротҳои минбаъдаро ба вуҷуд меорад» [74, с.51].

Ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои

фаъолияти одамон ба дигаргуншавии соҳаи маориф, ки дар асоси анъанаҳо ташаккул ёфтааст, ба бунёди ҷомеаи иттилоотӣ оварда мерасонад. Самтҳои асосии мукаммал намудани соҳаи маориф барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ақидаи Х. Р. Рустамова чунинанд: «таъмини дастрасии маълумот барои тамоми гуруҳҳои аҳолӣ дар деҳаҳо ва шаҳрҳо; бунёди шароити баробар дар бадастории маълумот; баланд бардоштани маълумот тариқи ворид намудани техноло-гияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф; беҳтар намудани худи соҳаи тестӣ ва решакан намудани омилҳои манфӣ, ки ба хусусиятҳои баҳогузорӣ таъсир мерасонанд» [107, с.38].

Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ иттилоот дар рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ нақши калидӣ дорад. Бо рушди ҷомеа, дониш, навоварӣ ва тарзи татбиқи онҳо манбаи даромад мегардад. Ба андешаи Э. Тоффлер: «Мавқеи калидии дониш ва маълумот дар инкишофи иқтисод ва ҳамчун сарчашмаи асосии арзиши ҷомеаи пас аз саноатӣ ва иттилоотӣшинохта шуда ва мавқеи маълумотро дар сохтори ҳаёти ҷамъиятӣ, муҳим дониста, метавонад дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро такмил ва тағйир диҳад. Ба даст овардани донишҳо, иттилоот, маҳорати нав, самтгириҳои мукаммал ва инкишофи онҳо ба такомули қобилияти кормандон дар ҷомеаи пас аз саноатикунонӣ таъсири амиқ мерасонад. Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ муносибати байни маориф ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дигаргун менамояд» [72, с.125]. Барои бомуваффақият кор кардан дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҳаёти ҷамъиятӣ зарур аст, ки дониши худро пайваста васеъ намуда, аз сарчашмаҳои боэътимод ва доимо рушдёбанда иттилооти нав ба даст ored. Ин барои фаҳмидани имкониятҳои наве, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ кушода мешаванд, муҳим аст. Рушди ҷомеа бештар аз дониш ва иттилоот вобаста аст. Пайдоиши тамаддуни нави иттилоотӣ, ки тамоми кишварҳоро дар сатҳҳои гуногун фаро мегирад, таҳсилотро унсури калидии ҳаёти ҷамъиятӣ месозад. Он бо тамоми ҷанбаҳои дигари сохтори ҷамъиятӣ зич алоқаманд аст.

Давра ба давра ворид намудани технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсаднок ҳисобида мешавад, ки чунинанд:

- давраи якум истифодаи компютерҳо дар соҳаи идоракунии маориф;

- давраи дуюм бунёди соҳаҳои компютерӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ ба мисли интернет ва ғайра;

- давраи сеюм боҳамоии технологияҳои иттилооти коммуникатсионии нав ва алоқамандии он бо технологияҳои таҳсилотӣ.

Раванди ташаккулёбии ислоҳот дар соҳаи маориф даврaҳои мураккаберо аз сар гузаронидааст ва барои он якчанд ниҳодҳо таъсис додашуда, барномаҳои хосеро қабул намудаанд. Масалан, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм Маркази ҷумҳуриявии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ бунёд гардид. Дар доираи ибтикороти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон марказе таъсис дода шуд, ки бо масъалаҳои гузариш ба таҳсилоти 12-сола машғул аст. Ҳамзамон барномаи нави давлатӣ оид ба компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 тасдиқ гардид. Дар сохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои нав ташкил карда шуданд: шӯъбаи таҳлил, пешгӯӣ ва банақшагирӣ, департаменти робитаҳои хориҷӣ, инчунин Институти такмили ихтисос. Илова бар ин, маркази таҳлилӣ таъсис дода шуд, ки бо омӯзиши рушди ислоҳот дар соҳаи маориф машғул аст. Вале дар баробари ин, ҳоло ҳам ақибмондагӣ дар ин соҳа эҳсос карда мешавад. Агарчи омили асосии ин ақибмондагӣ шояд ҷанги шаҳрвандӣ дониста шавад, лекин ин ақибмондагӣба андешаи мо мероси замони Шӯравӣ аст. Тоҷикистон на танҳо нисбат ба ҷумҳуриҳои рушдкардаи Иттифоқи Шӯравӣ, балки дар байни ҷумҳуриҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, дорои нишондиҳандаҳои пасти хатми мутахассисон ба ҳисоб мерафт. Масалан, агар ба таври умумӣ дар Иттифоқи Шӯравӣ дар соли 1987 хатми мутахассисон аз муассисаҳои таълимии олӣ дар 10 ҳазор

нафар аҳолӣ 27 нафар, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус 45 нафар бошад, пас дар Тоҷикистон мутобиқан 16 ва 25 нафар, дар Узбекистон 20 ва 47, дар Қирғизистон 21 ва 37, дар Туркманистон 20 ва 34 нафарро ташкил менамуд [80, с.113]. Ба андешаи И.Р. Раҷабова: «Бо вуҷуди рушди муайяни ҷумҳурӣ дар солҳои охир, мувофиқи далелҳои таҳқиқоти барномаи инкишофи СММ, Тоҷикистон аз рӯи сатҳи маълумот дар соли 2012 ҷои 127 - умро дар ҷаҳон ишғол намуда, ки аз ҳама ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ поёнтар қарор гирифтааст» [105, с.92]. Дар баробари пешравиҳое, ки дар соҳаи маориф ба чашм мерасад, вале ҳоло ҳам нисбати аксари кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дар зинаи на он қадар қонеъкунанда қарор дорад. Дар шароите, ки имкониятҳои инсонӣ вуҷуд доранд вале он дар сатҳи паст амалӣ мегардад, зеро даромади пасти иқтисодии аҳолӣ, маҳдудиятҳои захираҳои сармоягузорӣ барои Тоҷикистон имконият намедиҳанд. Аз ин хотир пайдо кардани роҳҳои нави сармоягузорӣ дар соҳаи маориф муҳим ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ дар идомаи баррасиҳои худ иброз медорад, ки: «Имрӯз, талаботҳои бозори дохилии меҳнати ҷумҳурӣ барои мутахассисони дорои маълумоти олӣқонеъкунанда нест, лекин соҳаи маориф, ба таври анъанавӣ тайёр намудани мутахассисонро бо маълумоти олӣ идома дода истодааст. Чунин ҳолат ба афзоиши хатмкунандагони муассисаҳои олии касбӣ оварда мерасонад, ки дар бозори дохилӣ, аз ҳисоби мавҷуд набудани ҷойҳои корӣ ва музди меҳнати арзанда, миқдори бекорон зиёд гардида ва ба раванди муҳоҷират ба берун аз кишвар мусоидат менамояд» [105, с.93].

Дар омода намудани кадрҳои баландихтисос дар навбати аввал бояд бозорёбӣ намудан зарур аст. Ҳамзамон, кушодани самтҳои нав, ки ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавҷуданд, бояд барои ин самтҳо заминаи босифати таълимӣ ташкил карда шавад. Барои ин, пеш аз ҳама, дипломҳои махсус, ки ба соҳаҳои мушаххас мувофиқанд, талаб карда мешаванд. Мутаассифона, дар айни замон тайёр кардани мутахассисони

баландихтисос ба вазъи иқтисодӣ ва сохтори касбии бозори меҳнат мувофиқат намекунад. Ин аз он сабаб аст, ки масъалаҳои дар боло зикршуда пурра ба назар гирифта намешаванд. Гарчанде ки дар даҳсолаҳои охир ҳадафҳо ва вазифаҳои таълим дар натиҷаи ислоҳоти сохторӣ аз нав дида баромада шуданд, сифати таълим ва сатҳи саводнокӣ ба талаботи ҷомеа ва давлат ҷавобгӯ нестанд. Агар чи таҷриба нишон медиҳад, баъзе аз касоне, ки маълумоти олӣ надошта бошанд ҳам, вале истеъдодҳои аҷибе доранд. Чуноне, ки Э. Тофлер ин масъаларо таҳлил намуда, қайд менамояд: «одамони бесавод дар саросари ҷаҳон қобилиятҳои баланди касбӣ доранд ва дар фаъолиятҳои гуногуни худ, дар соҳаи кишоварзӣ, сохтмон, мусиқӣ ва ғайра ҳунарҳои худро нишон медиҳанд. Бисёре аз бесаводон хотираҳои аҷиб доранд ва метавонанд бо забонҳои гуногун ҳарф зананд, чизе, ки аксари амрикоиёни таҳсилкарда дар колеҷҳо аз он маҳруманд» [71, с.124]. Дар идома зикр менамояд, ки: «кормандони хазинаҳои ҳавопаймоӣ, анборҳо, ва коргарони таъмиркунанда метавонанд бидуни хондани дастурҳо, вале бо истифода аз технологияҳои замони муосир аз ҷумла компютер ва интернет он камбудиҳоро бартараф ва ё он қисмати нуқсондорро иваз намоянд, яъне бо иҷрои фармон ва ё дастури таҷҳизоти техникӣ аз уҳдаи вазифаи кори худ хеле хуб баромада метавонанд» [71, с.124].

Ҳоло дар тамоми муассисаҳои тахсилотӣ ва таълимӣ аз муассисаҳои таҳсилоти то мактабӣ, мактабҳои маълумоти умумӣ ва ҳатто дар муассисаҳои таълимии олӣ ва касбӣ – миқдори омӯзгорон ва ё дар муассисаҳои таълимии олӣ устодони унвондори илмӣ намерасанд. Масалан, дар муассисаҳои таҳсилоти то мактабӣ дар соли 2019, шумораи кормандони педагогӣ 9766 нафарро ташкил менамуд, ки ҳамагӣ 32, 6 % - онро мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва 67, 4 % боқимондаро кормандони маълумоти олии нопурра, миёнаи махсус ва миёнаи умумӣ ташкил медиҳанд [5, с.18]. Чунин ҳолат дар дигар сатҳи муассисаҳои таҳсилотӣ аз ҷумла дар муассисаҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ норасоиҳои

кадрӣ хеле зиёд ба чашм мерасад. Дар асоси оморҳои пешниҳод гардида дар соли таҳсилии 2019 – 2020 шумораи омӯзгорон дар сар то сари ҷумҳурӣ 124268 нафарро ташкил дода, ки аз ин шумора 91974 нафари он дорои маълумоти олӣ мебошанд. Дар баробари ин 7364 нафар маълумоти олии нопурра, 21140 нафар маълумоти миёнаи махсус ва 1790 нафар маълумоти миёнаи умумӣ доранд [5, с.34]. Дар шароите, ки оид ба пешравиҳо дар соҳаи маориф сухан меронем, вале мебинем, ки ҳоло ҳам дар мактабҳо шахсоне, ки дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд, ҳамчун муаллим дарҷомеа эътироф мегарданд. Пас дар чунин шароит аз сатҳи сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ чиро интизор шудан мумкин аст. Масъалаи нарасидани муаллимон дар мактабҳо воқеан як мушкилоти ҷиддӣ барои соҳаи маориф ба ҳисоб меравад, ки ин масъаларо ҳатто Президенти кишвар дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар дар соли 2005 таъкид намуда буданд, ки: «Дар соҳаи маориф ҳоло зиёда аз 8 ҳазор нафар ашхосе бо кори таълиму тарбия машғуланд, ки дорои ихтисос нестанд ва аз хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорӣ огоҳӣ надоранд» [106, с.15]. Ин оморҳо нишондиҳандаи он аст, ки мо медонем чи камбудӣ дорем, вале барои бартараф намудани ин камбудиҳо қариб кореро анҷом намедиҳем. Вагарна дар муддати беш аз 15 сол (2005 то 2020) ин мушкили роҳи ҳалли худро пайдо менамуд, аммо мутассифона ҳоло қариб 2000 (1790) ашхос бо кори таълиму тарбия машғуланд, ки маълумоти олӣ надоранд. Мақсад ин нест, ки ин ашхос аз соҳаи маориф пеш карда шаванд, фақат онҳоро ёрии амалӣ кардан лозим аст, ки ҳадди ақал дар шакли фосилавӣ ба гирифтани маълумоти олӣ рӯ оваранд. Дар байни ин афрод шахсони дилсӯз ва бо шуғли худ меҳрдошта хеле зиёданд, бояд ба онҳо кумаки илмӣ, фикрӣ ва амалӣ расонидан лозим аст.

Дар муассисаҳои таълимии олӣ ва касбии кишвар низ норасоиҳо ба назар мерасанд ва аз ин хотир таҳқиқотҳои илмӣ дар сатҳи паст иҷро гардида ва ё аслан амалӣ намегарданд. Мавҷудияти муассисаҳои таълимии

ҳама намудҳо мувозинати раванди тайёр кардани мутахассисонро кафолат намедиҳад. Системаи маориф ва мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ба талаботи замони муосир, стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд, ҳатто агар хоҳишҳои оилаҳоро ба назар гирем. Иштироки аҳолӣ дар гирифтани маълумот танҳо дар зинаи маълумоти ибтидоӣ ва умумии асосӣ, оммавӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ба назар мерасад, ки вазифаи ҳамаи муассисаҳои таълимӣ дар тамоми зинаҳояш фақат додани ҳуҷҷат мебошад, ки воқеан муҳассил дар замони муайяне муассисаи таълимиеро хатм намудааст.

Дар кишварҳои рушдкардаи демократӣ барои инкишофи донишҳо ва қобилиятҳои инсонӣ ниҳодҳои иҷтимоишавии шаҳрвандон бунёд карда шудааст. Таҳлили адабиёти иқтисодӣ ва омории ғарб нишон медиҳад, ки муассисаҳои таълимии олӣ ва донишгоҳҳо нақши пешбарро маблағгузории давлатӣ дорад. Масалан, дар ИМА аз 50% ва дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ то 80-90% маблағгузориҳо аз ҷониби давлат сурат мегирад. Илова бар ин, дар муассисисаҳои таълимии олии ИМА аз ҳисоби буҷаи давлатӣ (барои тамоми зинаҳои идоракунӣ) 80% ва дар кишварҳои Европаи Ғарбӣқариб то 90% маблағгузориҳо рост меояд [79, с.291].

Соли 2015 давраи муайяннамудаи мақсадҳои инкишофи ҳазорсола, инчунин давраи амалӣ намудани Стратегияи миллии инкишоф ба итмом расид. Лекин аллакай Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ (то соли 2018) Бозори меҳнат (то соли 2020) ва як қатор дигар ҳуҷҷатҳо таҳия шудаанд, ки мӯҳлати онҳо низ ба итмом расида истодааст. Ба андешаи Р.М. Бобоҷонов: «Дар баробари ин бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳти рақами № 288 аз 2 июли соли 2013) Таълимоти миллии илмӣ - таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои инкишофи инсон, таъминоти минбаъдаи талаботҳои демократӣ ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028 тасдиқ карда шудааст, ки ин ҳуҷҷат рушди минбаъдаи маорифро такони нав мебахшад» [77, с.98].

Дар аксари санадҳои қонунгузорӣ, ки соҳаи маорифро танзим мекунанд, шахс ва тамоми дигаргуниҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ, ки дар Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият ба амал омадаанд, дар маркази таваҷҷӯҳ қарор доранд. Ин дигаргуниҳо ба беҳтар кардани ҳаёти ҷомеа нигаронида шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳо аҳамияти масъулияти давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро барои ояндаи ҷомеа таъкид мекунанд. Онҳо эҳтиром ва волоияти қонун, арзишҳои демократӣ, масъулияти шахс барои ояндаи ҷомеа ва дигар арзишҳои умумиинсониро муайян мекунанд. Эътирофи масъулияти мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Инчунин дар доираи ин ҳуҷҷатҳо гузаронидани тадқиқоти илмӣ дастгирӣ карда мешавад. Дар маҷмӯъ, ин ҳуҷҷатҳо ба рушди ҳамаҷонибаи шахс ва шаҳрванд, инчунин рушди устувори давлат ва ҷомеа нигаронида шудаанд.

Дар замони муосир демократикунонии соҳаи маориф ва маълумотнокии аҳолӣ дар тамоми сатҳ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки ба ҳамгон маълум аст демократикунонӣ на фақат дар соҳаи маориф, балки дар тамоми соҳаҳо аз ҷумлаи талаботҳои асосӣ дар замони муосир мебошад. Вале бояд қайд кард, ки барои дар ҷомеаи демократӣ зиндагӣ кардан шуури ҷамъиятии пешрафта лозим аст, аммо барои идоранамоии чунин ҷомеа шуури баланди сиёсӣ ва таҳамулпазирии зарурӣ муҳим мебошад. Дар робита ба ин, таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошанд, яке аз вазифаҳои афзалиятнок дар соҳаи маориф аст. Дар шароити рушди фаъоли фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, равишҳо ва усулҳои нав зарур мешаванд. Мақсади ин барномаҳо рушди ҳамаҷонибаи шахсият, татбиқи принсипҳои демократия ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Бисёре аз ин вазифаҳо дар Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Барои бомуваффақият ба амал баровардани демократикунонӣ дар сатҳи

саводнокии аҳолӣ бояд равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар дуруст арзёбӣ карда шаванд. Дар натиҷаи ин дигаргуниҳо сатҳи фарҳанги маърифатӣ ва сиёсии ҷомеа дар маҷмӯъ ва ҳар як шаҳрванд дар алоҳидагӣ баланд мешавад. Ин асосҳои демократияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам менамояд.

Имрӯз таъмини рақобатпазирии байналхалқии иқтисодиёти миллӣ дар тамоми ҷаҳони рушдкарда, шавқу рағбати доимии доираҳои сиёсӣ, илмӣ, корӣ ва ҷамъиятиро нисбати масъалаҳои сиёсати таҳсилоти давлатӣ ба миён овардааст. Ба андешаи олими ватанӣ А.Ш. Қурбонов: «Оянда ба он кишварҳое тааллуқ дорад, ки дорои мактабҳои самаранок ва қобили тавлиди нерӯҳои зеҳнӣҳамчун асоси воқеии рушди истеъдоди шаҳрвандон ва таъмини некуаҳолии онҳо мебошад, маъмул гардидааст. Чунин шароит метавонад, ки дар навбати худ, қудрати зеҳниро ҳамчун унсури асосӣ ва объективии инкишофи қобилияти аксарияти шаҳрвандон ва таъмини ҳаёти онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ба амал орад» [53, с.68].

Вазъияти иҷтимоӣ– фарҳангии Тоҷикистонро бо ду самти мухолиф тасниф кардан мумкин аст: анъанавӣ (консервативӣ) ва пешрафта (прогрессивӣ):

- равиши консервативӣ нигоҳ доштани усулҳои муқарраршуда ва собитшудаи ҳалли мушкилот дар соҳаи маориф, аз ҷумла тамоми харочоти марбутро дар бар мегирад. Ин самти афзалиятноки системаи маорифи давлатӣ бо моделҳо, иҷозатномадиҳӣ ва дастгоҳи маъмурии он мебошад;

-самти дуюм он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ҳарчӣ тезтар технологияҳои навинро бунёд ва ворид намояд, зеро танҳо ин гарави зинда мондан ва обрӯю эътибор дар саҳнаи байналхалқӣ пайдо кардан ба ҳисоб меравад.

Ба давлат зарур аст, ки масъалаи бекорӣ ва берун рафтани қувваи зиёдатии корӣ ба Россия ва дигар кишварҳои Европаро ҳал намояд. Аммо, агар одамон аллакай ба ин давраи тӯлонӣ "таҳаммул" карда бошанд ва

барои кор ба ҷойҳои дигар сафар кунанд, пас онҳо бояд дар касби худ ба сатҳи баланд расанд ва малакаҳои касбии худро такмил диҳанд. Чун дар замони муосир раванди муҳоҷири меҳнатӣ хоси ягон давлат ва ё миллат нест, қариб ин раванд дар тамоми кишварҳои дунё дида мешавад, аз ин хотир онҳо метавонанд симои воқеии як миллатро ба намоиш гузоранд. Лекин барои ин зарур аст, ки раванди таҳсилоти мо ба намунаҳои маълумот дар сатҳи байналмилалӣ ва махсусан ба маълумоти европоӣҷавобгӯ бошанд. Бо пайдо шудани ин дурнамо ва рушди муносибатҳо бо кишварҳои европоӣ, имкониятҳои зиёди инкишофи ҳамкориҳо таъмин карда мешаванд. Чуноне, маълум аст, қисми зиёди ҷаҳон чи аз нигоҳи сиёсию иқтисодӣ ва чи аз нигоҳи иҷтимоӣ, хусусан аз нигоҳи илмӣ бо ба роҳ мондани алоқаҳои наздик бо тамоми кишварҳои Европа мехоҳанд дар ҳолати рушдкунанда қарор гиранд ва дар ташаккул ва мустаҳкам намудани қудрати зеҳнӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва илмию технологии худ ба пешравиҳои назаррас сазовор гарданд. Зеро ҳамкориҳои таҳсилотӣ дар инкишоф, устувор, осоишта ва демократӣ гардидани ҷомеа дар тамоми соҳаҳо таъсири калон мерасонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалии худ Иттиҳоди Аврупоро аз ҷумлаи шарикони муҳимми худ медонад. Аз ин хотир ҳаҷми умумии кумаки иттиҳоди Аврупо танҳо барои давраи то соли 2015 зиёда аз 500 миллион евроро ташкил додааст. Айнизамон дар чорчуби стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи марказӣ барои кумак ба Тоҷикистон дар соҳаҳои рушди маҳал, тандурустӣ ва маориф лоиҳаҳо бо маблағи зиёда аз 250 миллион евро татбиқ шуда истодаанд [15, с.122-123].

Декларатсияи Сорбон аз 25 майи соли 1998 бо ин тасаввуротҳо таъсис дода шуда, ки дар он нақши марказии донишгоҳҳо дар инкишофи арзишҳои фарҳангии европоӣ таъкид гардидааст. Ин ҳуҷҷат барои ташаккули фазои аврупоии таҳсилоти олӣ, ки бояд ба рушд ва ҷалби шаҳрвандон ба ҷомеа мусоидат кунад, инчунин ба кор ва пешрафти умумии онҳо дар минтақа

мусоидат кунад, асос гардид.

Аксарияти кишварҳои Европа ризоияти худро нисбати мақсадҳои дар декларастия арзёбишуда, баён намуда, онро ба имзо расониданд. Самтгириҳои ислоҳоте, ки дар якчанд соҳаи маълумоти олӣ дар шароити имрӯза дар Европа оғоз гардида, бар онанд, ки аксарияти ҳукуматҳо ният доранд, ки маҳз дар ҳамин самт амал намоянд.

Мақсади Декларатсияи Сорбон соли 1999 бо имзои Декларатсияи Болон тасдиқ шудааст, ки дар он 29 кишвар омодагии худро нисбати баланд бардоштани рақобатпазирии фазои Европоии маълумоти олӣ иброз намуда, таъкид намуданд, ки нигоҳ доштани соҳибихтиёрӣ ва мустақилии тамоми муассисаҳои таълимии олӣ зарур аст. Тамоми муқаррароти Декларатсияи Болон ҳамчун меъёри раванди ихтиёрӣ ва мувофиқатнамоӣ ба ҳисоб меравад, на ӯҳдадориҳои ҷиддии ҳуқуқӣ. Самти дурусти ба мақсад мувофиқ бояд интихоб карда шавад. Лекин, бадастории самарабахши низоми маълумоти олӣ барои ба пуррагӣ ба мақсад расидан ҳаракати доимро талаб менамояд.

Мақсадҳои асосии раванди Болон васеъ намудани дастрасӣ ба маълумоти олӣ, баланд бардоштани сифати таълим, ҷолибияти маълумоти олии европоӣ, васеъ намудани қобилияти донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин бо кор таъмин гардидани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии олӣ аз ҳисоби он, ки тамоми зинаҳои академикӣ ва дигар ихтисосҳо бояд ба бозори меҳнат равона карда шаванд, ба ҳисоб меравад.

Шомил шудани Тоҷикистон ба раванди Болон дар оянда раванди навсозии низоми таҳсилоти олиро эҳё мекунад, барои донишгоҳҳои олии кишвар ва иштироки онҳо дар лоиҳаҳое, ки Комиссияи Аврупо маблағгузорӣ мекунад, дурнамои иловагӣ фароҳам меорад. Ба донишҷӯён ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии олӣ оид ба ҳамкориҳои академикӣ ва табодули донишҷӯён ва кормандони соҳаи маориф бо донишгоҳҳои кишварҳои европоӣ шароит фароҳам оварда мешавад. Татбиқи раванди

Болон талаботи асосӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади таъмин ва амалӣ гардидани талаботҳои раванди Болон дар соҳаи маълумоти олии Тоҷикистон соли 2004 дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи ҷумҳуриявӣ ва гуруҳи корӣ таъсис дода шуд, ки ба он роҳбарони муассисаҳои таълимии олии ҷумҳурӣ дохил шуданд. Дар асоси барномаи кории худ бояд дар самтҳои зерин корҳо амалӣ мегардиданд:

- низоми сезинагии маълумоти олӣ;

- роҳҳои ҷамъ намудан ва таъмини сифати маълумоти олӣ;

-низоми идоракунии молиявӣ.

Аз соли таҳсили 2005-2006 оғоз намуда, як қатор муассисаҳои таълимии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармони вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 сентябри соли 2004 таҳти рақами № 698 ба ворид намудани низоми кредитии маълумот фаъолияти худро шурӯъ намуданд. Ба сифати муассисаҳои таълимии олии санҷишӣ дар соли 2005 Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон интихоб карда шуданд. Пажӯҳишгари тоҷик Р.Р. Мирзоев дар таҳқиқоти худ муайян намудааст, ки: «Таҳлили иттилооти оморӣ ба натиҷаҳои пешакии кори муассисаҳои таълимии олии санҷишӣ бартарии воқеии низоми кредитии маълумотро нисбат ба низоми анъанавӣ нишон додааст. Бо назардошти таҷрибаи муассисаҳои таълимии олии санҷишӣ дар соли таҳсили 2006-2007 ба гурӯҳи таълимии олии санҷишии мазкур дигар донишгоҳҳо низ ҳамроҳ гардиданд» [128, с.4].

Аммо, бояд таъкид кард, ки дар масъалаҳои марбут ба системаи қарзӣ ва татбиқи созишномаи Болон нуқтаи назари гуногун вуҷуд дорад. Муҳаққиқ Н. Н. Шаъбонов чунин мешуморад, ки: «… метавон ин низомро ҳамчун фармоиш ва талаботи замона қабул намуд, агар он судманд бошад» [78, с.130].

Олими рус С. И. Плаксий қайд менамояд, ки: «бо шитобкорӣ ва

маҷбурӣҷоринамоии низоми нав бо қолаби англо-америкоӣ – ин барои Россия дом аст, ки ба шикасти низоми мавҷуда оварда мерасонад. Барои нигоҳ доштани маълумоти олии босифат зарур аст, ки дар муассисаи таълимии олӣҳадди ақал 5 сол таҳсил намуд» [103, с.12].

Чӣ тавре, ки муҳаққиқ А. Ш. Қурбонов қайд менамояд: «Барои мо, дар муайян намудани нақши худ дар раванди Болон – ба инобат гирифтани унсури миллии маълумоти ватанӣ ва самтгирӣ ба он дар қабули қарорҳо нисбатан зарур аст. Саҳми бебаҳои педагогии низоми кунунии маълумоти Тоҷикистон, танҳо бо маҳдуд гардидан дар доираи самтгириҳо ва намунаҳои европоӣ нашояд» [52, с.93].

Масъалаи асосӣ, ки бо воридшавӣ ба фазои умумии европоӣ алоқаманд аст, дар он зоҳир мегардад, ки оё метавон ин падидаро ҳамчун раванди боҳамоӣ (интегратсия) номид? Агар мафҳуми боҳамоиро ҳамчун раванди ғанисозии мутақобила дар соҳаи маориф баррасӣ намоем ва сатҳи нави баландтари рушдро дар соҳаи маорифи Тоҷикистон мушоҳида намоем, пас дар бораи раванди боҳамоӣ сухан рондан мумкин аст. Вале чунин ба назар мерасад, ки лоиҳаи Болон ба Тоҷикистон на боҳамоӣ бо низоми умумии Европоии маълумоти олӣ, балки фуру бурдани маълумоти олии ватаниро ба низоми нав пешниҳод менамояд. Муҳаққиқи ватанӣ Н. Н. Шаъбонов менависад: «Аз як тараф, ба мо чунин менамояд, ки қабули низоми маълумоти Болон кӯшиши ба зурӣ ба роҳ мондани низоми маорифи Ғарб ва аз байн рафтани низоми маорифи Шӯравӣ ба ҳисоб меравад» [78, с.130].

Муҳаққиқи ватанӣ Р. Назаров оид ба амалӣ шудани талаботҳои Аҳдномаи Болон ва омилҳои муваффақ нагардиданро дар мақолаи илмии худ нишон додааст. Аз ҷумла ӯ қайд менамояд: «Дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои асосии низоми аврупоии таълим ва талаботҳои Аҳдномаи Болон, ки ба он 46 давлати дунё имзо гузоштаанд, то ба имрӯз амалӣ нагардидаанд. Аз ҳама муҳимаш, дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати таълим тибқи талаботи стандартҳои низоми

аврупоӣ ба даст дароварда нашуд ва бо ин гуна «ислоҳотҳо» - и андешиданашуда ва илман асоснок накардашуда гумон аст, ки дар солҳои наздик мо ба талаботи имрӯзаи ҷаҳонии сифати маълумот бирасем» [99, с.186].

Низоми аврупоии таълим (Аҳдномаи Болон) чунин талаботҳо ва принсипҳо дорад, ки бе иҷро намудани ҳатто яке аз онҳо натиҷа, яъне сифати маълумот ба даст намеояд: «Таълими салоҳиятнок дар ҳамаи зинаҳои таълиму тарбия (боғча, мактаб, омӯзишгоҳ, литсей, гимназия, колеҷҳо ва макотиби олӣ); Низоми шаффофи ғайридавлатии моноторинги сифати таълим; Озодии академии донишҷӯён ба воситаи интихоби фанҳои зарурии тахассусии таълимӣ ва мобилият, яъне гузариши озодона баҳри таҳсил аз як мактаби олӣ ба макотиби олии дигар дар дохили мамлакат ва хориҷа; Донистани озодонаи на камтар аз ду забони хориҷӣ; Ҳамсола такмил додани стандартҳои таълимӣ дар асоси стандартҳои мунтазам ивазшавандаи нави ҷаҳонӣ; Таъсиси базаи мустаҳками илмию методӣ ва таҷрибавию тахассусии донишҷӯёни колеҷу макотиби олӣ; Дастрасии хонандагон ва донишҷӯён ба интернет ва барномаҳои электронии таълим; Мавҷудияти бозори меҳнат барои хатмкунандагони тахассусӣ» [99, с.187].

Дар идома аз вазъи имрӯзаи маориф чунин натиҷагирӣ менамояд: «Таҳлили вазъи имрӯзаи маорифи мамлакат оид ба татбиқи талаботҳо ва принсипҳои асосии низоми аврупоии маълумот (Аҳдномаи Болон) нишон медиҳад, ки вазъ дар ин самт хело ҳам ташвишовар аст» [99, с.187].

Дар айни замон, бояд таъкид кард, ки давлат барои татбиқ ва ҷорӣ намудани муқаррароти асосии системаи иттилоотии Аврупо, ки дар шартномаи Болон пешбинӣ шудааст, ягон монеа эҷод намекунад. Баръакс давлат дар ин самт то ба ҳол хеле талош карда ва худро ҳамчун субъекти фаъол нишон додааст. Ҳатто оид ба ин масъала Президенти кишвар дар Паёми солонаи худ дар соли 2009 дуруст ва бо мавқеъ зикр намуда буданд: «Навсозӣ ва пешрафти иқтисодиётро бе рушди илму маориф ва дастгирии

онҳо таъмин кардан ғайри имкон аст. Ҷавҳари сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф бояд масъалаҳои дар низоми таҳсил ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ, тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат ташкил диҳад. Зеро сатҳи тараққиёти ин ё он давлат, пеш аз ҳама аз фаъолияти босамари кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун вобаста мебошад. Маориф ҳамчун соҳаи сарнавиштсози ҷомеа дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои афзалиятнок эълон гардида, барои ислоҳоту рушди он аз рӯзҳои аввали истиқлолият пайваста таваҷҷӯҳ ва ғамхории хоса зоҳир мегардад» [19]. Дар идома вазорати маорифро тавсияҳои мушаххас дода қайд менамояд, ки «… ба Вазорати маориф зарур аст, ки мувофиқи талаботи пешрафти ҷаҳони муосир ба мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ, сифати таълим дар ҳама зинаҳои таҳсилот, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар дохил ва хориҷи кишвар эътибори ҷиддӣ дода, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифро таъмин намоянд. Тавре шумо медонед, имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи рушди илмҳои техникӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои муосир аҳамияти муҳим пайдо кардааст» [19]. Аз ин хотир, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро ба самти тарҳи нави умумимиллӣ ва ё умумисайёравӣҳамоҳанг кардан мехоҳад.

Тарҳи нави умумимиллӣ ва ё умумисайёравии соҳаи маориф ва мактабҳои олӣ аз ҷониби кишварҳои гуногун аз ҷумла кишварҳои европоӣ коркард ва қабул гардиданд. Лекин таҷрибаи европоӣ, ки бо номи раванди Болон маълум аст, метавонад барои мо судманд бошад, зеро он дорои як қатор афзалиятҳо мебошад, ки онҳоро олими рус С.С. Ветохин ба таври зерин нишон додааст: «гуногуншаклии раванди таълим, ки ба ҳар як нафари хоҳишманд доираи васеи имкониятҳои маълумоти бефосиларо дар давоми тамоми ҳаёт пешниҳод менамояд; сатҳу сифати тайёр намудани мутахассисон вобаста аз қобилияти хонанда ва талаботи ҷои кори он; фардигардонии доираи маълумотгирӣ ва тайёр намудани мутахассис дар

асоси дархости донишҷӯ ё корфармо дар доираи аз бакалавр то докторантура; имкониятҳои эътирофи расмии натиҷаи навъҳои гуногуни маълумот ва арзишҳои таҷрибаи меҳнатӣ» [36, с.4].

Бояд қайд намуд, ки: «аз рӯи маълумоти ЮНЕСКО (яке аз муассисаҳои фарҳангии СММ, ки ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг машғул аст) дар 30 соли наздик одамони зиёд маълумоти олиро фаро мегиранд, ки нисбат ба тамоми таърихи пешинаи тамаддун бештаранд. Аз рӯи пешгӯиҳо, оммавигардонии маълумот ба нуқтаи баландтарини худ, ба миқдори 263 миллион нафар, дар соли 2025 мерасад, нишондиҳандаи кунунӣ 158 миллион нафарро ташкил медиҳад. Барои 105 миллион донишҷӯи иловагӣ таъсиси чор донишгоҳи бузург дар ҳар ҳафта дар давоми 15 соли оянда (2010 - 2025) зарур мегардад» [36, с.3].

Олими рус И. И. Докучаев чунин мешуморад, ки раванди Болон унсури муҳимтарини боҳамоии европоӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ақидаи ӯ: «мақсади чунин муттаҳидшавӣ, тоб овардан ба раванди рақобат бо ИМА дар масъалаи амнияти Европа ба ҳисоб меравад. То ба имрӯз ба Америка аз хориҷа ҳамасола 650 ҳазор нафар донишҷӯён барои таҳсил мераванд, дар ҳоле, ки дар тамоми Европа танҳо 250 ҳазор донишҷӯи хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Донишҷӯёни хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвари таҳсилдиҳанда саҳми назаррас мегузоранд» [135].

Раванди воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди Болон аз бисёр ҷиҳат ба раванди ҷаҳонишавии соҳаи маориф сахт алоқаманд мебошад. Дар замони муосир соҳаи маориф дар сатҳи ҷаҳонӣ хусусияти умумимиллиро касб намудааст. Ба қавли Р. Назаров: «Имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳонро метавон ҷомеаи маорифӣ низ ном гирифт. Зеро маориф ба институти асосии ҷомеа, шарти мавҷудият ва рушди инсону ҷомеаҳо дар шароити нави ҷаҳони иттилоотӣ табдил ёфтааст» [99, с.186]. Пас метавон гуфт, ки ворид гардидани аксари кишварҳо ба раванди Болон аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳеҷ як кишвар дар

ҷаҳон наметавонад мушкилиҳои худро ба танҳоӣҳал намояд ва аз таъсири раванди ҷаҳонишавӣ дар канор бошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ худро барои ворид гардидан ба низоми нави таҳсилот (Аҳдномаи Болон) омода намуда, дар баробари қабул намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ боз чандин ниҳодҳо ва марказҳоеро таъсис додааст. Аз ҷумла маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи (ТИК) – и назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28-уми декабри соли 2006, №594, ҳамчун муассисаи тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ кардааст [59, с.173]. Дар масъалаи фарогирифтани раванди мазкур ба тамоми муассисаҳои таълимӣ низ қарор қабул гардидааст. Аз ҷумла мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 тамоми муассисаҳои таълимии олӣ бояд ба низоми кредитии маълумот гузаранд [128, с.4].

Низоми Болонро ба пуррагӣ, дар навбати аввал, муассисаҳои таълимии олии зерин қабул намуданд: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи С. Улуғзода, Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи молиявӣ - иқтисодии Тоҷикистон.

Хусусияти фарқкунандаи низоми кредитии маълумот дар он зоҳир мегардад, ки он ба азхуднамоии амиқи донишҳо, барномаҳо, инкишофи унсурҳои эҷодӣ, фаъолияти озодонаи донишҷӯён ва омӯзгорон равона карда шудааст.

Низоми кредитии маълумот ба муассисаҳои таълимии олӣ, ба ҳайати профессорону омӯзгорон ва махсусан ба донишҷӯён мустақилиятро пешниҳод менамояд. Муносибати омӯзонидани фанҳои таълимиро дигаргун намуда, самаранокии азхуднамоии донишҳои назариявӣ ва амалӣ тариқи корҳои мустақилона маҳорати донишҷӯёнро инкишоф медиҳад. Ин ба донишҷӯён

имконият медиҳад, ки дар омӯзиши фанҳои нисбатан зарурӣ ва муҳим аз мавқеи мутахассисони оянда мавқеи худро муайян намоянд.

Тибқи талаботҳои таълимӣ ва методӣ, ки системаи кредитиро танзим мекунанд, дар соли аввали бакалавр донишҷӯ метавонад аз 20% то 40% фанҳоро интихоб кунад. Дар соли дуюм – аз 40% то 60%, дар соли сеюм ва чорум то 80% фанҳо интихоб карда мешаванд. Дар шароити кунунӣ, дар Европа ба хулосае омаданд, ки донишҷӯҳуқуқ надорад, ки зиёда аз 40% фанҳоро интихоб намояд. Омӯзиши 60% фанҳо бояд фанҳои ҳатмӣ бошанд. Интихобӣ будан асосан бояд фанҳои муқаддимавӣ, махсуси умумӣ ва факултативӣ бошанд [78, с.131].

Имрӯз, таъсири ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии давлатҳо ва миллатҳо дар шаклҳои гуногун ва бо усулҳои мухталиф амалӣ мегардад. Тавоноӣ ва самтнокии натиҷаи чунин таъсиррасонӣ вобаста бо омилҳои зиёде, ки дар байни онҳо сиёсати ҳуқуқии кишвар мавқеи махсус дорад, тағйир меёбад.

Дурнамои сиёсати давлат дар соҳаи маориф талабот ва натиҷаҳои мусбии низоми кредитиро ба инобат мегирад. Давлат дар бадастории сифати муосири маълумот манфиатдор аст, ки он мувофиқи талаботҳои ҷаҳонӣ бошад. Аз ин рӯ гуногуншаклии хизматрасониҳои таҳсилотӣ, талаботҳои тағйирёбандаи шаҳрвандон ва корфармоёнро дар асоси имкониятҳо ва интихоби барномаҳои таълимӣ пешниҳод менамояд.

Дар Тоҷикистон мавқеи ҳукмронро дар соҳаи маориф чун пештара давлат ишғол менамояд, иштироки ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳанӯз ба таври назаррас ва самаранок амал наменамоянд ва таъсир низ намерасонанд. Дар ин маврид Р. Назаров таъкид мекунад, ки: «Дар соҳаи маорифи Тоҷикистон нуқтаҳои заъф дар самти банақшагирӣ ва идоракунӣ дар тамоми зинаҳо, дар мавҷуд набудани ҳалли ягонаи масъалаҳо дар соҳаи коркарди чорабиниҳои сиёсӣ ва идоракунӣ, дар низоми баҳогузории натиҷаи таҳсилот ва самаранокии кори муассисаҳои таълимӣ ба назар мерасад. Чунин ҳолат бо идоракунии

ғайрисамараноки захираҳои инсонӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ оварда мерасонад» [62, с.192].

Дар айни замон ҳуҷҷати асосие, ки самти рушди таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд, Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 мебошад. Ин ҳуҷҷат таърифи возеҳи ҳадафҳо ва вазифаҳои тарбия ва таълимро дар бар мегирад, инчунин тадбирҳо ва механизмҳои мушаххаси татбиқи онҳоро тавассути сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва рушди ин соҳа пешниҳод мекунад. Сиёсати таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои умумимиллиро дар соҳаи маориф таҷассум намуда ва онро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод менамояд. Инчунин самтҳои умумии инкишофи ҷаҳониро ба инобат мегирад, ки зарурати тағйиротҳои куллиро дар соҳаи маориф ба миён меоранд.

Бо вуҷуди ҳуҷҷатҳои расмӣ нисбат ба инкишофи маълумоти олии ватанӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, дурнамои ворид намудани талаботҳои Аҳдномаи Болон ба маълумоти олӣ мулоҳизаҳои мухолифро ба миён овардааст. Дар адабиёти илмии ватанӣ боҳамоӣ ба фазои маълумоти европоӣ ва ҷаҳонӣ гуногун арзёбӣ ва натиҷгирӣ карда мешаванд. Зеро ночор як қатор анъанаҳои таҳсилотӣ, илмӣ ва тарбиявӣ дар ин роҳ аз даст меравад.

Ба ақидаи мо қабули шакли тарбия бо маълумоти ғарбӣ ба таври ҳатмӣ маънои ягонагардии фарҳанг, дур мондан аз мероси гузашта, пастравии маънавии насли ояндаи зиёии тоҷик, махсусан ҷавононро дар бар дорад. Вале новобаста ба ин ва ба таври умумӣ метавон гуфт, ки дар Тоҷикистон самти «бунёди» мактаби умумӣ ва олии тоҷик дар доираи «намунаи Европоии Болон» бештар мушоҳида карда мешавад. Доираи мулоҳизаҳо ва ақидаҳо оид ба ворид намудани намунаҳои Европоии маълумот ба низоми таҳсили маълумоти олии ватанӣ хеле гуногун аст: аз қабул накардан, саҳеҳнашуморидан, мунтазиршавӣ,эҳтиёткорона муносибат кардан, самаранок нашуморидани он ва дигар масъалаҳое, ки дар оянда бештар мушоҳида намудан мумкин аст.

Кӯшиши кишварҳои Европоиро нисбат ба муттаҳидшавӣ ба назар гирифта, бояд дарк кард, ки амалинамоии на ҳамаи талаботҳои раванди Болон ба манфиати Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Мо бояд сиёсати миллӣ ва таҳсилотии худро дар як радиф бо иштирок дар раванди Болон дошта бошем. Дар асоси талаботҳои дохилӣ ва бо такя намудан ба самтҳои умумиҷаҳонӣ, соҳаи самараноки маорифро ташаккул диҳем. Барои мувофиқ намудани тарҳи маорифи Болон ба маълумоти миллӣ (на баръакс) ташаккули марказҳои омӯзишӣ зарур аст, ки нақши онҳо бояд ба муассисаи таълимии пешбар ё соҳавӣ вогузор карда шавад.

Тавре ки таҷрибаи дигар кишварҳо нишон медиҳад, раванди навсозии системаи маориф кори осон нест, зеро ин кор сармоягузории назаррасро дар шакли захираҳои моддӣ, молиявӣ ва инсонӣ талаб мекунад. Аз ин рӯ, маориф ба яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати миллии мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванди муҳимро дуруст дарк карда ва соҳаи маориф дар раванди ислоҳот қарор дорад. Ин раванд аз даврони аввали истиқлолияти кишвар оғоз гардида, қабули аввалин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (26 августи соли 1991) бо сабаби ислоҳотхоҳӣ аз ҷониби зиёиён дар замони истиқлолият, яъне 27 декабри соли 1993 бо чандин санадҳои зарурӣқабул гардид [53, с.136-137].

Таҳлили самтҳои муосири ислоҳоти маълумоти олӣ нишон медиҳад, ки ин раванд хеле душвор амалӣ мегардад ва гузариши пурра метавонад даврои тӯлониро фаро гирад. Душворӣ бештар дар он аст, ки (аз рӯи натиҷаи пурсишнома) миқдори омӯзгорони бо муносибати манфӣ ба ворид намудани технологияҳо (махсусан омӯзгорони нисбатан таҷрибадор) рӯз аз рӯз зиёд мегардад [130, с.133].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар талаботҳои зерин асос меёбад: «хусусияти гуманистии маълумот, бартарии арзишҳои умумиинсонии ҳаёт ва саломатии инсон, инкишофи озоди шахсият, тарбияти шаҳрвандӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба қоидаҳо ва озодии

инсон, меҳру муҳаббат ба муҳити табиат, ватан ва оила; фазои ягонаи фарҳангӣ ва таҳсилотӣ дар шароити давлати сермиллат; дастрасии умумии маълумот, мувофиқати соҳаи маориф ба сатҳ, хусусиятҳои инкишоф ва тайёр намудани хонандагону тарбиятгирандагон; хусусияти дунявии маълумот дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ; озодӣ ва гуногунандешӣ дар маълумот; мухторият ва муштаракии муассисаҳои таълимӣ» [131].

Дар шароити муосир соҳаи маорифи тоҷик, амалӣ намудани самтҳои зерини сиёсатро оид ба таҳсилот пешниҳод менамояд: «идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятии соҳаи маориф; маблағгузории буҷавӣ ва назорати истифодаи мақсадноки онҳо; инкишофи асосҳои ҳуқуқии соҳаи маориф ва назорати иҷроиши тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ; идоракунии сифати маълумот, дуруст ба роҳ мондани раванди имтиҳон, мукаммалгардонии раванди иҷозатномадиҳӣ ва ғайра» [133].

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф нишон медиҳад, ки масъалаҳои зеринро дар ояндаи наздик амалӣ менамояд: «ҳавасманд намудани маблағгузориҳои ғайрибуҷавӣ ба соҳаи маориф; инкишофи идоракунии давлатӣ-ҷамъиятии муассисаҳои таълимӣ; ҳавасманд намудани инкишофи сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эътироф намудани онҳо ҳамчун шарикони асосии давлат» [125].

Ҳамин тариқ, ба маънои маҳдуд, сиёсат дар соҳаи маориф маҷмӯи чорабиниҳоест, ки ба татбиқи ташаббусҳои асосии давлатӣ дар ин соҳа нигаронида шудаанд. Ба маънои васеъ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мафҳумҳо, принсипҳо, орзуҳо, ҳадафҳо ва стандартҳои татбиқи онҳоро дар бар мегирад.

Дар шароити имрӯза, соҳаи маорифи тоҷик фаъолона ба раванди инкишофи навоварӣ ворид гардида, дар зимни он бо суръат инкишоф меёбад. Масъалаи муҳиме, ки дар ин раванд ҷой дорад, ин дуруст ба роҳ мондани раванди ислоҳот мебошад. Самтҳои асосии ислоҳот бештар ба идоракунии раванди таҳсилот равона гардидаанд, ки инҳоянд: «мустақилияти бештар

додан ба муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани масъулияти онҳо ва дар ниҳоят беҳтар кардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ; муайян кардани салоҳият ва масъулияти мақомоти идоракунӣ, таъмини ҳамкориҳои муассири мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар ҳама сатҳи таҳсил; гузариш аз идоракунии дастурӣ ба идоракунии машваратӣ дар соҳаи маориф, ки хусусияти қаноатманднамоиро доро бошад, ки он яке аз талаботҳои ҷомеаи демократӣ мебошад; истифодаи технологияҳои муосир, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ дар раванди идоранамоии соҳаи маориф; ба инобат гирифтани хусусиятҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва миллӣ дар тамоми минтақа ва сатҳҳои муассисаҳои таълимӣ» [124].

Яке аз вазифаҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ҳамкорӣ бо созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқии таҳсилотӣ, ки дурнамои инкишофи маорифро дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян менамоянд, мебошад. Инчунин бо кишварҳои ИДМ барои нигоҳ доштани фазои умумии таҳсилот ҳамкориҳои худро ба роҳ мондааст. Бояд зикр кард, ки дар натиҷаи кӯшишҳои якҷоя нисбат ба ислоҳот ва ҳамкорӣ бо кишварҳои Европа дар соҳаи маориф тарҳи маълумоти европоӣ ташаккул ёбад. Яъне ҳамкорӣ байни давлатҳои европоӣ ва низоми маорифи ватанӣ ба сатҳи талаботҳои нав ворид гардад.

Дар таърихи ҳар як давлат метавон хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи сиёсати давлат дар соҳаи маорифро дар давраи муайян мушоҳида намуд. Пас, ба ақидаи мо хусусиятҳои сиёсати давлатии моро дар ин соҳа бо чунин омилҳо арзёбӣ намудан мумкин аст:

1. Қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1993) дар давраи шиддатёбии ҷанги шаҳрвандӣ, ки шарти зарурии он давра ва ҳуҷҷати муҳимми муайянкунандаи талаботҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф гардидааст. Қабули қонуни мазкур самти сиёсати давлати тозаистиқлоли Тоҷикистонро дар ин соҳа муайян менамояд ва бояд такмил дода шавад.

2. Соли 2000-ум аллакай ба пуррагӣ вазъияти сиёсӣ ва оромии ҷомеа таъмину устувории давлат барқарор гардид ва дар соҳаи маориф муваффақиятҳои муайян ба даст оварда шуданд. Оромии сиёсӣ имкон дод, ки мактабу муассисаҳои харобгардида дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ барқарор ва бунёди мактабҳои нав барои таълиму тарбияи насли наврас ба хизмат шурӯъ карданд. Дар ин соҳа маблағгузорӣ аз буҷаи давлат равона гардида буд ва он то имрӯз идома доранд.

3. Агар дар давраи аввали инкишофи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсат дар соҳаи маориф ба сифати самти мустақил ҷудо нагардида буд, ҷомеа ба буҳронҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардид. Аз ин хотир аст, ки имрӯз метавон оид ба ду мафҳуми ба ҳам наздик, ки аз рӯи андоза ва мундариҷа фарқ доранд, сухан гуфт: «сиёсат дар соҳаи маориф» ва «сиёсати таҳсилотӣ», ки дар ин бора мо дар рисола ба тафсил андешаи худро иброз намудаем.

4. Бо дарназардошти шароити воқеӣ ва дурнамои инкишофи кишвар ва бо мақсади таъмини раванди модернизатсияи соҳаи маориф дар «Стратегияи миллии инкишофи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» мавриди баррасӣ ва коркарди илмӣқарор гирифтааст, ки он имрӯзҳо дар инкишоф ва пайвастшавии дурнамои миллии маориф мусоидат намуда соҳаи маорифро ба маорифи ҷаҳонӣ наздик намудааст.

5. Дар доираи стратегияи рушд ва таҳкими иқтидори зеҳнӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва илмию техникӣ то соли 2015 ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ба низоми таълим бо истифода аз низоми кредитӣ гузаштанд. Ин як марҳилаи муҳим дар роҳи ҳамгироии Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ гардид. Ин роҳро васеъ кардан мебояд ва қабл аз ҳама раванди таълим ва сифати таҳсилро тақвият бояд бахшид.

6. Омода намудани намунаҳои миллии низоми таҳсилот бо дарназардошти тамоми зинаҳо мувофиқи талаботҳо ва меъёрҳои байналхалқӣ.

7. Талаботҳои нав бо иловаҳо ва тағйиротҳо нисбат ба аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ ба муассисаҳои таълимии шаклҳои гуногун аз рӯйи моликият ва мансубият ба сатҳ ва сифати таълим, ки коркард ва тасдиқ карда шудаанд, раванди дар амал татбиқ намудани онҳоро суръат бахшид.

БОБИ II. РАВАНДИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ

2.1. Мақом ва нақши сиёсати давлат дар инкишофи маориф

Яке аз самтҳои калидӣ дар амалияи иҷтимоӣ - сиёсӣ дар ҷаҳони муосир, қувват гирифтани таъсири илм ва маориф ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф унсури муҳимми стратегияи умумии давлат мебошад. Он ҳамчун воситаи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон хизмат мекунад ва инчунин ба суръат бахшидани пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва рушди фарҳанг дар ҷомеа мусоидат мекунад. Чуноне, ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина таъкид карда буданд: «Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯзааш яке аз проблемаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад ва ҳар яки моро водор месозад, ки ба он бо таваҷҷуҳи хосса ва масъулияти баланд муносибат намоем, чунки инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман, ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста мебошад» [17, с.7-8].

Дар қонуни асосии кишвар - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон гардидааст. Давлати мо як давлати иҷтимоӣ аст, ки мекӯшад шароити зиндагӣ ва озодиро барои рушди пурраи инсон таъмин кунад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф барои татбиқи яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон - ҳуқуқ ба таҳсил шароит фароҳам меорад. Барои он ки шаҳрвандон озодона аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ, бахусус ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот истифода баранд, давлат сиёсати навро пеш мебарад.

Таъкид кардан муҳим аст, ки дар ҷараёни ташаккули соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳаққиқон ду марҳилаи рушди соҳаи маорифро муайян мекунанд: «оғози ба даст овардани истиқлолият (9 сентябри соли 1991) то ба итмом расидани ҷанги шаҳрвандӣ (27 июни соли 1997) ва ба

даст овардани субот ва устувории сиёсӣ дар ҷомеа (соли 2000); аз соли 2000-ум то ба имрӯз» [68, с.3].

Тибқи таҳлилу таҳқиқи олимону пажӯҳишгарон: «ҳуҷҷати аввалин дар ташаккули соҳаи маориф дар шароити нав ва таҳаввулот дар ҷомеа ин қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба ҳисоб меравад, ки лоиҳаи он 26-уми августи соли 1991 барои муҳокима ба баррасии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид ва бо дарназардошти ноустувории ҳаёти сиёсӣ, 27-уми декабри соли 1993 аз тарафи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд» [93, с.7]. Дар робита ба тағйирёбии асосҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеа, инчунин бо нияти ҳамгироӣ ба фазои байналмилалии таълимӣ, ин қонун борҳо ислоҳ ва тағйир дода шудааст.

Таъкид кардан муҳим аст, ки ин қонун аввалин санади миллӣ дар таърихи Тоҷикистон буд, ки соҳаи маорифро танзим мекард. Он дар оғози давраи истиқлолияти кишвар қабул карда шуд. Ин ҳуҷҷати тақдирсоз, дар шароити душвори сиёсию иҷтимоӣ тасдиқ шуда, аз як тараф, барои кормандони соҳаи маориф ёрии амалӣ расонид, аз тарафи дигар бошад, бо вазъияти онвақтаи кишвар, як қатор масъалаҳоро ба миён овард. Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз самти инкишоф ва пешравии ҷомеаи онвақтаи Тоҷикистон чандон муайян нагашта буд. Аз ҷониби дигар вазъияти сиёсӣ дар дохили мамлакат ҳанӯз пешгӯинашаванда ба ҳисоб мерафт.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар, зимни омода намудани Конститутсия, ҳайати кории он ба масъалаҳои маориф ва тарбия диққати ҷиддӣ медоданд. Илова бар ин заминаи моддии рушди маориф дар мамлакат ҳанӯз нокифоя боқӣ монда буд. Аз ин сабаб лозим меомад, ки роҳи ояндаи рушди маориф дар баробари дигар масъалаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа мавриди таҷдиди назар қарор дода шавад. Ҳамин тариқ, дар кишвар, асоси қонунгузорӣ дар соҳаи маориф гузошта шуд, ки ба сатҳу сифати меъёрҳои байналхалқӣ мувофиқ гардонида мешуд. Дар ҷумҳурӣ муассисаҳои миёнаи

маълумоти умумӣ ба монанди дигар муассисаҳои таълимӣ фаъолият менамуданд ва корҳои таълимию тарбиявиро пеш мебурданд.

Муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳо барои аксарияти аҳолӣ дастрас буданд. Лекин, дар баробари муваффақиятҳои мавҷудбуда, дар маорифи шӯравӣ камбудиҳо низ ҷой доштанд. Масалан, дар омӯзиши фанҳо диққати асосӣ ба азхуднамоии далелҳо, рақамҳо ва иттилоот равона карда мешуд, ки дар натиҷа саводнокии ҷомеа ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда ва соҳаи мазкур хеле суст инкишоф меёфт. Насли наврас, донишҳои тайёрро аз худ намуда, наметавонистанд қобилияти эҷодиро инкишоф диҳанд, бо ин сабаб дониши онҳо ба руҳияи замона мувофиқат намекард. Аз ҷониби дигар як навъ тарбияи қолабӣ дар замони Шӯравӣ вуҷуд дошт, яъне аз мизони муайян берун баромадан мумкин набуд.

Аз ҷониби дигар, донистани мундариҷаи фанҳо, мувофиқи барномаҳои таълимӣ, наметавонист талаботи худи хонандагон ва ҷомеаро қонеъ намояд. Мақсади асосии корҳои таълимию тарбиявии педагогикаи шӯравӣ, тарбияи ҳаматарафаи шахсият ба ҳисоб мерафт, лекин он танҳо дар асоси нақшаи пешбинишуда амалӣ мегардид. Омӯзгор дар синф симои асосӣ, субъекти фаъол, хонанда бошад – объекти ғайрифаъоли раванди таълимию тарбиявӣ шуморида мешуд. Ҳар як сухани омӯзгор барои хонанда қонун буд. Ба уҳдадории хонанда танҳо тайёр намудани вазифа, аниқтараш азёд намудани дарс ва ҷавоб гуфтан ба саволҳои гузоштаи омӯзгор буд, ӯҳуқуқ надошт, ки бо омӯзгор баҳс намояд ва ё ақидаи худро баён созад. Қобилият ва истеъдоди хонандаро натиҷаи азхудкунии вазифаҳои гузошташуда муайян менамуд, лекин натиҷа на ҳама вақт ба воқеият мувофиқ буд. Муносибати шахсии хонанда ба фанҳои омӯхташаванда ва шавқу рағбати ӯ ба ягон фан ба инобат гирифта намешуд. Аз ин рӯ, шакл ва усулҳои омӯзиш, дар мактаби миёна, дигаргуниҳои ҷиддиро талаб менамуд. Барои ҳалли ин масъалаҳо, дар соҳаи маориф гузаронидани ислоҳот зарур буд. Дар шакли хулоса маориф дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ раванди таълим ва дигар соҳаҳои илм

сиёсӣ гардида буданд. Дар ҳар кишваре, ки раванди ташаккулёбии илм хусусияти сиёсӣ гирад вай наметавонад дуруст ва дар шакли воқеӣ рушд намояд.

Раванди таълим дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ бо инертсия (як маром) пеш мерафт, зеро ҷанги шаҳрвандӣ, мушкилоти иқтисодӣ, вазъияти ноустувор дар кишвар дар роҳи тағйирот дар соҳаи маориф монеаҳои зиёд эҷод менамуданд.

Дар соли таҳсили 1991-1992 дар ҷумҳурӣ 3229 мактаби маълумоти умумӣ амал менамуд, ки дар онҳо беш аз 1 миллиону 325 ҳазор нафар хонанда таҳсил менамуданд, ки 641ҳазору 800 нафар хонанда аз ҳисоби духтарон буданд, ки аз миқдори банақшагирифташуда кам буд [5, с.7]. Дар зинаи аввали ислоҳот дар мактабҳои маълумоти умумӣ дар синфҳои 1-5 ба пуррагӣ мундариҷа ва маънои омӯзиш тағйир ёфт. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси «Таълимоти мактаби миллӣ» нақшаҳои таълимиро бо шарҳу эзоҳоти мушаххас омода намуда, ба мактабҳои маълумоти умумӣ пешниҳод кард. Барои амалӣ намудани сиёсати таҳсилотӣ вазъияти ноустувор дар кишвар имконият намедод ва дар пешравии соҳаи маориф мамоният эҷод мекард, мухолифатҳои дохилӣ дар як қатор минтақаҳо боиси қатъ гардидани дарсҳо дар мактабҳои миёна гардид. Дар солҳои аввали истиқлолият, омӯзгорон ва хонандагон аз тарс ба мактаб намерафтанд, ки дар натиҷа иштироки онҳо дар дарсҳо паст гардид. Қисме аз шаҳрвандон аз мамлакат ба берун ҳиҷрат менамуданд ё ба дигар минтақаҳо мерафтанд. Аксари омӯзгорон, кори омӯзгориро тарк карда, ба дигар навъи фаъолият мегузаштанд ва ё бештар кишварро тарк карда рӯ ба муҳоҷират меоварданд. Оид ба ин масъала Президенти кишвар дар ҳамон давра зимни суханронии худ таъкид менамуданд, аз ҷумла: «Дар се соли охир беш аз 10 ҳазор нафар муаллимони мактабҳои миёна касби худро тарк карда, ба сохторҳои тиҷоратӣ гузаштанд. Дар ҳамин муддат фақат се донишгоҳи пойтахт Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгорӣ ва Донишгоҳи техникиро беш аз 1000

нафар устодони унвондор тарк кардаанд» [17, с.16]. Дар таҳқиқоти худ И.А. Алимов иброз медорад, ки: «Дар баробари ин аз рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатӣ бисёр мутахассисони ҷавон дар мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ кор кардан намехостанд, ки ин ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил гардид. Масалан, соли 1992 аз 4812 хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ, 300 нафар бо роҳхат мувофиқи хоҳиши худ таъмин карда шуданд, ки танҳо 201 нафар ба ҷои кор мувофиқи тақсимот ҳозир гардиданд, тақдири нафарони боқимонда ба Вазорати маориф маълум нест» [118, с.14-15]. Ҳамаи ин ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонида, кор дар ин самт фалаҷ мегардид.

Бояд қайд кард, ки сиёсати таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он давра бо мушкилиҳои бузурги субъективӣ ва объективӣ ташаккул меёфт. Ҷанги шаҳрвандии оғозгардида, пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, раванди ташаккули истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мураккаб гардонид. Дар оғози соли таҳсили 1992-1993 дар вилояти Хатлон, ноҳияҳои тобеъ ва шаҳри Душанбе машғулиятҳо дар мактабҳои миёна қатъ гардиданд. Чунин вазъият ба раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаҳо монеа эҷод менамуд. Чуноне, ки муҳаққиқи ватанӣ А. Ш. Қурбонов ёдовар мешавад: «Бо ҳама кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ нигоҳ накарда, охири солҳои 90-ум вобаста ба сатҳи пасти зиндагӣ, набудани шароити мусоид дар муассисаҳои таълимӣ, нарасидани омӯзгорон ва ғайра зиёда аз 35 дар сади бачагони синни мактабӣ ба таҳсил фаро гирифта нашуданд» [93, с.8].

Вазъи ҷаҳон дар он рӯзҳо низ ором ва устувор набуд, қариб аксари кишварҳо дар як шакле ба мушкилиҳои хосе гирифтор буданд. Он шароити ноустувор дар назди давлат вазифаи мураккаби мувофиқшавӣ ба вазъияти нави геополитикиро гузошт, ки бояд барномаҳоеро омода намояд ва афзалиятҳои сиёсати худро ба сатҳе равона намояд, ки ба шароити нави минтақавӣ ва ҷаҳонӣ созгор бошад. Аз ҷумла ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавию фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мувофиқ бошад.

Дар ин давра, сиёсати давлатии таҳсилот дар асоси талаботҳои гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи демократӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, рушду инкишоф ва пешрафти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ муайян карда шуд. Маориф мебоист ба таркиби масъала ва мақсадҳои афзалиятдоштаи ҷомеаи тоҷику тоҷикистониён ва давлат ворид мегардид.

Зикр кардан ба маврид аст, ки аз соли 2000-ум давраи нав дар инкишофи соҳаи маориф оғоз мегардад. Дар ин бора муҳаққиқи ватанӣ А.Ш. Қурбонов таҳлилҳои худро ба таври зерин хулосагирӣ намудааст: «Вазъият дар тамоми соҳаҳо комилан устувор гардида, муваффақиятҳое, ки то ин давра ба даст оварда шуд, барои баланд гардидани сатҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона мегардид. Метавон гуфт, ки аз соли 2000 - ум дар рушди маорифи замони истиқлолият марҳилаи нав шурӯъ гардид. Маблағгузорӣ сол ба сол афзуда, аз 41 млн., сомонӣ дар соли 2000 – ум то соли 2012 ба 1.6 млрд. сомонӣ мерасад ва дар соли 2013 танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёда аз 2 млрд., сомонӣ барои маориф ҷудо карда шудааст, ки ин ҳама нишондиҳандаи беҳтар гардидани вазъи соҳаи маориф дар он солҳо ба ҳисоб мерафт» [93, с.9]. Дар солҳои охир бошад, ин маблағгузориҳои буҷетӣ бо суръати баланд зиёд гардид. Чуноне ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда буд: «соли 2022 6 миллиарду 304 миллион сомонӣҷудо гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 706 миллион сомонӣ ё ин, ки 11, 3 фоиз зиёд буда, 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин дар соҳаи маориф чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии беш аз 1 миллиард сомонӣ амалӣ шудааст. Яъне, барои соҳа, дар маҷмӯъ қариб 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст» [24].

Раванди ислоҳоти маориф, ки дар Тоҷикистон оғоз гардида буд, ба ҳалли вазифаҳои дар назди соҳаи маориф гузошташуда, равона гардиданд, ки онҳоро метавон чунин арзёбӣ намуд: «дастрасии маълумот барои ҳама, махсусан дар ноҳияҳои дурдаст ва барои духтарон; сифати маълумот, аз он ҷумла

мутобиқнамудани он бо намунаҳои замони мусоир; инкишофи соҳаи маориф, хусусан мушорикатҳои молиявӣ ва идоракунӣ, яъне ҷалби ниҳодҳои ғайридавлатӣ; диққати бештар додан ба захираҳои инсонӣ, баланд бардоштани маоши омӯзгорон, тавозуни маош бо сарбории муаллимон, барномаҳои хуб барои сифати таълим, тайёр намудани кадрҳои бо маҳорат, баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва ғайра» [55].

Бояд тазаккур дод, ки бо қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» дар соли 2004, марҳилаи якуми ислоҳоти маорифи пасошӯравӣ ба анҷом расид. Вале, раванди ислоҳот дар соҳаи маориф бо мухолифат ва тазодҳо идома меёфт, ки ин як амри табиист. Барои идомаи ислоҳоти маориф боз чандин ҳуҷҷатҳои асосии меъёрию ҳуқуқии дигар аз ҷумла: «Таълимоти миллии маориф», «Таълимоти давлатии ислоҳоти низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Таълимоти рушди таҳсилоти касбӣ», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ва ғайраҳоро қабул намуданд [53, с.146-147].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати баланди зиёдшавии аҳолӣ нисбат ба дигар кишварҳои Осиёи Миёна мушоҳида карда мешавад. Синну соли миёнаи аҳолӣ дар соли 2001- 46% - ро навҷавонони синни то 16 сола ташкил менамуд, яъне ин гурӯҳ - гурӯҳи синнусоли мактабӣ мебошад. Чунин рақамҳо дар суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври зерин баён гардида буданд: «соли 2022 қариб 2 миллиону 300 ҳазор нафар наврасони кишвар, аз ҷумла беш аз 1 миллиону 110 ҳазор духтарон дар муасссисаҳои таълимӣ ба дарс оғоз карданд, ки 272 ҳазори онҳо (133 ҳазор духтарон) бори нахуст ба остонаи мактаб қадам гузоштанд. Ба онҳо 128 ҳазор нафар омӯзгорон дарс медиҳанд, ки беш аз 72 фоизашон бонувон мебошанд» [24]. Далели дигар ин ки мувофиқи маълумотҳои омории СММ дар ду соли охир, яъне солҳои 2017 – 2018 афзоиши аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати кишварҳои Осиёи Миёна бештар будааст, ки он 2, 49 %, қариб 2,5 % - ва дигар

кишварҳои Осиёи Миёна бошад аз 1,3 то 1,7 % - ро ташкил додааст. Дар асоси маълумоти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 820 кӯдак таваллуд мешавад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни тамоми кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҳама ҷавонтарин мебошанд, ки дар соли 2020, синни миёнаи аҳолӣ22, 7 соларо ташкил додааст [90, с.24]. Ин маънои онро дорад, ки соҳаи маориф ҳамасола бояд ҷойҳои нави хониш барои хонандагон бунёд намояд ва мактабҳои нав дар кишвар сохта ва ба истифода диҳад. Омили демографӣ ба пайдо гардидани масъалаҳои зиёди дигар дар соҳаи маорифро баназар гирифта ва онҳоро ҳарчӣ тезтар ҳал намудан зурур аст ва бояд дархост ва талаботи аҳолии ҷавони кишвар бо хизматрасониҳо дар соҳаи маориф қонеъ карда шаванд.

Оморҳо нишон медиҳад, ки дар соли 2012 аз ҳисоби ҳамаи манбаҳо 248 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 44 ҳазор ҷои нишаст бо маблағи умумии 320 млн., сомонӣ мавриди истифода қарор гирифт. Вале ҷуброни ҷанги шаҳрвандӣ ба ин зудӣ хеле мушкил буд. Ба андешаи муҳаққиқон: «дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ 55 ҳазор кӯдакон ятим монда, 26 ҳазор занон бесарпараст ва танҳо монда, зиёда аз як миллион одамон муҳоҷири иҷборӣ ва беш аз як миллиони дигар муҳоҷири меҳнатӣ гардиданд, ки ин ба бадшавии назорати кӯдакон, мушкилоти тарбияи кудакони бепадар оварда расонид. Вазифаи зинда мондани оила дар ҷои аввал қарор гирифт ва масъалаи маълумот ба ҷои дуюм гузошта шуд. Мувофиқи тадқиқоти Хазинаи байналхалқии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ тахминан 20% мактабҳо вайрон ва зиёда аз 1130 бинои мактабҳо корҳои барқарорнамоӣ ва таҷҳизонидани пурраро талаб менамуданд. Ба ҷои 126 мактаби вайронгардида бунёди бинои нави мактаб барои 120 ҳазор нафар хонанда зарур буд» [63, с.154]. Кӯдакистонҳо низ шароити мусоид надоштанд, дар баъзе минтақаҳо бо сабабҳои мухталиф кӯдакистонҳо аз фаъолият боз монда буданд ва қисми зиёди биноҳояшон фурӯхта шуданд. Масалан, дар ҷумҳурӣ аз 944 кӯдакистон то соли 2000 –ум ҳамагӣ 500 - тояш боқӣ монда буду халос ва

дар баъзе ноҳияҳо бошад, аз муаассисаҳои томактабӣ осоре намонда буд [93, с.8]. Хушбахтона аксари ин масъалаҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда шуданд, вале вобаста ба шароит боз мушкилиҳои нави дигаре пайдо гардида истодаанд, ки бо барномаҳои санҷидашуда онҳоро ҳал намудан лозим аст.

Мушкилоти васеъмиқёсе, ки соҳаи маориф бо он рӯ ба рӯ мешавад, дар шароити норасоии захираҳо, аз ҳад зиёд шудани аҳолӣ ва норасоии муассисаҳои таълимӣ боиси нигаронии ҷомеа гардида, ниёз ба дигаргунсозии минбаъдаро ба вуҷуд меоварад. Иҷрои ин вазифаҳои бузург таъмини шароити замонавии моддиву техникӣ, воситаҳои иловагии молиявӣ ва қабули қарорҳои навро талаб менамояд.

Нақш ва аҳамияти сиёсати давлатӣ дар рушди соҳаи маориф дар он аст, ки он ба гузаронидани ислоҳот дар ин соҳа мусоидат намуда, татбиқи саривақтӣ ва самарабахши онҳоро таъмин менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ислоҳоти низоми маориф ду самти асосии сиёсати худро муайян намуд:

- афзоиши ҳаҷми мунтазами маблағгузории соҳаи маориф;

- беҳтар кардани сатҳи таҳсилот ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати раванди таълим.

Мақсади ислоҳот дар соҳаи маориф - ҳамчун асоси инкишофи иҷтимоӣ - иқтисодии кишвар ба ҳалли вазифаҳои зерин равона карда шудааст:

- таъмини кӯмаки шаҳрвандон дар бобати бунёди сохтори соҳаи маориф ва устувории иҷтимоӣ дар кишвар;

- боҳамоӣ дар соҳаи маориф дар сатҳи байналмилалӣ ва пайдо намудани мавқеи худ дар бозори ҷаҳонӣ, инчунин истифода аз иқтисодиёти он;

- такмили асоси кадрӣ дар соҳаҳои афзалиятнок ва рушди соҳаҳои гуногун ба хусус дар соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ.

Ба андешаи мо имрӯз, соҳаи маориф ва дурнамои инкишофи он, технологияҳои нави идоракуниро талаб менамояд. Дар навбати аввал, бунёди

соҳаи миллии идоракунии сифати маълумотро коркард ва пешниҳод намудан зарур аст, ки вазифаи он аз таъмини баҳогузории шаффоф ва гузаштан аз идоракунии миқдорӣ ба идоракунии сифатӣ мебошад. Зеро маълумотнокии миллат аз сифати таълим ва усули идоранамоии он бамаротиб вобаста аст. Иваз намудани афзалиятҳо, яъне гузаштан аз миқдор ба сифат як амри зарурист.

Дар давоми солҳои охир, олимон, педагогҳо, мутахассисони соҳаи маориф, омӯзгорон, созмону ташкилотҳо ва маслиҳатчиёни хориҷӣ барои баҳогузории сифати омӯзиш доираи васеи корҳоро пайгирӣ намуда истодаанд. Дар замони ҳозира китобҳои дарсии таълимӣ дар мактаб ба забони қирғизӣ, туркманӣ ва узбекӣ нашр шуда истодааст. Нисбати самтҳои мухталифи соҳаи маориф назарияҳо пешниҳод мегардад. Аз ҷумла, аз нав дида баромадани талаботҳои баҳогузорӣ, шакли баҳогузории дониш, роҳҳои баланд бардоштани қобилият ва маҳорати талабагон ва донишҷӯён, баргузории семинарҳо, конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва дигар ҷорабиниҳои илмӣ бояд барномарезӣ карда шавад. Қайд намудан зарур аст, ки ҳоло дар ҷаҳони имрӯза чунин низомҳои муайян намудани баҳо амал менамоянд: панҷбалла, даҳбалла, дувоздаҳбалла, бистбалла, панҷоҳбалла, садбалла. Фалсафаи усулҳои истифодаи ин низоми баҳогузориҳоро як тараф гузошта, танҳо ба он ишора менамоем, ки низоми муайян намудани баҳо, ки дар кишвари мо истифода мешавад, дорои камбудиҳои зиёд буда, наметавонад дониши воқеии хонандаи муосирро таҷассум намояд. Мақом ва нақши сиёсати давлат дар соҳаи маориф дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари сифати таълим, идоранамоии он, инчунин низоми муайян ва ё маҷмӯи усулҳои баҳогузориро ба роҳ монад, ки ҳеҷ кас ва ҳеҷ ниҳоде ба он таъсир расонида натавонад. Вале чуноне, ки мушоҳида мегардад низоми баҳогузорӣ хеле осебпазир гардидааст. Аз корманди техникӣ сар карда то устоди дарсдиҳанда ва дигар мақомотҳои соҳаи маориф ва берун аз он бо камтарин майли худ ба он таъсири манфӣ расонида метавонанд.

Гузашта аз ин инкишофи соҳаи маориф дар солҳои соҳибистиқлолӣ, вазъияти муосири он, ошкор намудани самтҳои асосии идоракунии мактаб дар давраи гузариш, шавқу рағбати бузург ва пажӯҳиши илмии хосеро талаб менамояд. Дар давраи муосир, имкониятҳо хеле васеъ гардидаанд ва соҳаи маориф низ диққати аксари олимони соҳаи илмҳои ҷомеашиносиро ба худ ҷалб карда ва раванди ислоҳот дар маркази тадқиқотҳо қарор гирифтааст.

Ислоҳот дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи замон аст, давлат бе илм ва бе татбиқи он дар истеҳсолот наметавонад дархости ҷомеаро бароварда намояд. Дар шароите, ки илму техника босуръати баланд боло рафта истодааст ва хатарҳои ҷаҳонишавии давраи муосир низ ба касе пӯшида нест, маҷбур менамояд, ки ташаббус аз ду ҷониб пеш гирифта шавад.

Гузариш аз усули хароҷотии маблағгузории маълумоти миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба усули маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) яке аз қадамҳои аввалин дар идоракунии хароҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2008, № 505, «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» маблағгузорӣ барои як хонанда ва як мактаб муайян гардид. Аз соли 2010 – ум тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба ин низоми маблағгузорӣ гузаштанд [59, с.163]. Чунин қарор барои муассисаҳои томактабӣ низ қабул гардид. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 –юми ноябри соли 2015, № 627, «Дар бораи ба маблағгузории меъёрии (сарикасӣ) гузаронидани муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ», аз 1 – уми январи соли 2015 ба таври озмоишӣ 14 шаҳру ноҳия ва аз 1 – уми январи соли 2017 тамоми муассисаҳои давлатии таълимии томактабии кишвар ба ин низоми маблағгузорӣ мегузаранд [59, с.166]. Дар асл ин раванди ислоҳот барои сарфакорӣ дар муассисаҳои таълимӣ бояд кӯмак менамуд, аммо чунин тадбир то андозае дар низоми маориф барои амалҳои номатлуб роҳро боз намуд.

Маблағгузории меъёрии буҷавӣ арзиши ҳадди ақалли таҳсили як хонандаро дар як сол нисбати ҳар як навъи муассисаи таълимӣ муайян менамояд ва меъёри хароҷоти буҷа дар доираи қонунгузорӣ кафолат дода мешавад.

Амалӣ намудани мақсадҳои нишондодашуда, тибқи таҳлили коршиносони соҳа, бояд бо риоя намудани талаботҳои зерин ба роҳ монда шавад: «гузаронидани таҳқиқотҳои мушаххас, ки дараҷаи омӯзиши баланди илмӣ ва амалӣ дошта бошад, моҳияти маълумоти муосирро ошкор карда тавонад, равандҳои таълим ва тарбияро дар асоси барномаҳои навоварӣ муайян намоянд; коркард ва мукаммалгардонидани намунаҳои нави давлатии маълумот дар асоси меъёрҳои байналхалқии мавҷуда дар соҳаи маориф; бунёди боҳамоии воқеӣ оид ба илм, маълумот ва истеҳсолот; амалӣ намудани технологияҳои нав, ки барои инсон меъёрҳои илмӣ, фарҳангӣ, техникӣ, маънавӣ ва тарбиявиро дастрас намуда ва ақли инсонро ба бадастории донишҳо равона менамояд; ташаккули ахлоқи инсонӣ, ки рафтори дуруст ва мақбул дар асоси он ба вуҷуд меояд ва арзишҳои ҳақиқии миллӣ ва умумиинсониро пешниҳод менамояд; дастовардҳои илм ва техника бояд баманфиати инсон ва амнияти ҳамарӯзаи ӯ равона карда шавад; навовариҳои бефосилае, ки дар соҳаи маориф ба вуҷуд омада истодаанд, таъсири худро ба маорифи ҷаҳонӣ расонида ва тамаддуни башариро такмил диҳанд» [118, с.75].

Дар доираи тамаддуни муосир ба сатҳи инкишофи соҳаи маориф диққати махсус дода мешавад. Маориф ҳамчун оинаи фарҳанг ва омили таҷдиди субъекти иҷтимоӣ, на ҳама вақт ҳамчун арзиш қабул карда шавад, балки он бояд ҳамчун талабот дарк карда шавад.

Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир ҷаҳиши бемислу беназирро дар бартараф намудани бесаводӣ амалӣ карда, соҳаи таҳсилоти умумии ҳатмиро бунёд намуд. Лекин дар замони имрӯза дар амалинамоии ниҳоди маориф ба буҳрони амиқ ва паст рафтани сатҳи маълумотнокии шаҳрвандон, рӯ ба рӯ гардидааст. Воқеан, имрӯзҳо мутаассифона талабот бамаълумот кам

гардидааст, инчунин ба инобат нагирифтани қобилиятҳои касбӣ ва қудрати илмии шахс аз мадди назар дур мондааст. Дар баробари ин як навъ беқурбшавии арзишҳои маълумот бештар гардидааст, ки он ба паст гардидани шуури одамон оварда расонидааст. Бо боварӣ метавон гуфт, ки аксари донишҷӯён на барои маълумоти боарзиш дар талошанд, балки мехоҳанд бо ҳар роҳе набошад дипломро ба даст оранду халос.

Метавон ҳадди аққал се самти асосии тағйиротро дар соҳаи маориф ҷудо намуд: «якум, самти умумии тағйирёбӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, ки бештар ба дигаргуншавии соҳаҳои иҷтимоӣ– фарҳангӣ ва инкишофи онҳо алоқаманд аст; дуюм, ҳаракати соҳаи маориф ба самти демократикунонӣ дар тамоми зинаҳо, аз ҷумла бунёди соҳаи таҳсилоти бефосила, гуманитаризатсия, компютеризатсияи соҳаи маориф, интихоби озоди барномаҳои таълимӣ, мустақилияти мактабҳо, муассисаҳои таълимии касбӣ, олӣ ва ғайра; самти сеюм дар мувофиқ намудани соҳаи маориф ба талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ зоҳир мегардад. Ин дигаргуниҳо нишон медиҳанд, ки дар соҳаи маориф равандҳои мусбӣ ва манфии ҷомеа таҷассум меёбанд. Бар ин асос аст, ки дар тамоми кишварҳо мавзӯи маориф воқеан аҳамияти муҳимро касб намудааст» [120].

Тезутундии масъалаи маориф дар ҷомеаи мо бо муайян намудани самтҳои афзалиятноки инкишофи кишвар алоқаманд аст: ё Тоҷикистон ҷомеаи рушдкардаи пас аз саноатӣ мегардад, ё дар қатори ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф ва коркардкунандаи ашё боқӣ мемонад. Ин масъаларо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар мақолаи «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XXI» таъкид карда буд, ки Тоҷикистон набояд ба партовгоҳи технологияҳои муосир табдил гардад. Дар ин асос таҷҳизотҳои технологияҳои муосир ба Тоҷикистон ворид гардид, паркҳои технологӣ ва лабораторияҳои замонавӣ дар заминаи риштаҳои мухталифи улуми дақиқ бунёд ниҳода шуданд ва фаъолияташонро бо навтарин барномаҳои компютерӣ ба роҳ монданд [64, с.142-143]. Бояд қайд кард, ки ин мақсадҳои бузург бо омӯзиши илмҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ амалӣ мегарданд, аз ин лиҳоз муҳиммияти ин мавзӯъ ҳоло ҳам яке аз масъалаҳои муҳим барои Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад ва дар сиёсати давлатӣҳамчун масъалаи аввалиндараҷа меистад. Чуноне, ки Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ таъкид карданд: «…ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020 – 2040 Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон карда шаванд. Ҳамчунин пешниҳод намуданд, ки дар ҳама зинаҳои таҳсилот ҳамасола олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ баргузор карда шавад ва ғолибони озмун аз лиҳози моддию маънавӣ қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонида шаванд» [22]. Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки дар давлатҳои пешрафта ба такмили системаи маориф ва васеъ кардани уфуқи шаҳрвандон диққати ҷиддӣ дода мешавад, ки ин омил ба шукуфоӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Чунончи, кишвари Ҷопон, ки имрӯз яке аз пешсафони иқтисоди ҷаҳонӣ ба шумор меравад, аз рӯи захираҳои табиӣ дар минтақаҳои камбағалтарини рӯи замин қарор дошта, даромади миллии онро зарфияти ақлонӣ ташкил медиҳад. Кишварҳои дигар аз қабили Сингапур ва Малайзия, ки 20-30 сол пеш дар қатори давлатҳои ақибмондаи дунё қарор доштанд, маҳз тавассути баланд бардоштани маълумот ва рӯ овардан ба илму технологияи нав, яъне тавассути потенсиали ақлонӣ ба зиннаи баланди тараққиёт ноил гардиданд [54, с.7].

Масъалаи тайёр намудани кадрҳо дар соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ масъалаи нав нест. Президенти кишвар дар Пайёми солонаи худ (20 апрели соли 2013) оид ба ин масъала изҳори назар намуда буданд. Дар баробари ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», аз 18-уми марти соли 2015 №1197, ба имзо расонида шуд [59, с.139], қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2008» (№571, аз 29-уми декабри соли 2003),

«Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020» (№89 аз 27-уми феврали соли 2010), «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ», инчунин «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон гардидани соли 2010 ва ғайра [93, с.13] дар ин самт қабул гардидаанд, ки ҳамаи онҳо муҳиманд. Барои дар амал татбиқ намудани барономаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», дарёфти рушди истеъдодҳо, таълими забони русӣ ва англисӣ дар соли 2022, 32 миллион сомонӣҷудо гардидааст, ки ин ғайр аз он 7 миллиард сомонӣ мебошад [24]. Бале, мо ҳамасола олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ баргузор менамоем, ба ғолибони озмун аз лиҳози моддию маънавӣқадрдонӣ ва ҳавасманд мегардонем ва бо ҳамин кори худро онҷомёфта меҳисобем. Ҳол он ки ин баргузориҳои олимпиадаҳо василаест барои рушди истеъдодҳо ва пайдо намудани онҳо, аз ҳама муҳимтар истифодаи қобилиятҳои онҳо дар истеҳсолот ва дар амалияти ҷамъиятӣ мебошад. Агар мо аз худ бипурсем, ки иштироккунандагони олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва берун аз он, ки ҳамчун ғолибони озмун аз лиҳози моддию маънавӣқадрдонӣ гардиданд, ҳоло куҷоянд ва ба чи корҳо машғуланд ва чанд фоизи онҳо дар хизмати Тоҷикистони азиз мебошад?, омори расмӣ ва дақиқ касе дода наметавонад.

Аз сабаби он ки мо қонуну қарорҳои зиёде дар ин маврид қабул намудаем, шояд каме баъдтар ба буҳрони дигаре рӯ ба рӯ гардем. Барои дар амал татбиқ намудани ин қарорҳо тадбирҳои лозимӣ бояд андешида шаванд. Агар чораҳои мувофиқ барои иҷроиши онҳо барномарезӣ нагарданд, имкониятҳои инкишофи технология, илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ ва фарҳанги истифодабарии онҳо фақат дар варақҳо ва ё дар болои мизҳо боқӣ мемонанд. Касоне, ки дар ин соҳа кор мекунанд, медонанд, ки аксари таҷҳизотҳои озмоишгоҳии техникӣ дар бештари муассисаҳои таълимии миёнаю олии ҷумҳурӣ боқимондаҳои замони Шӯравӣ мебошанд, ки алакай мӯҳлати

истифодабарии онҳо гузаштааст. Танҳо дар ҳолати дар амал татбиқ намудани он барномаҳо тамаддуни ҷомеаи пас аз саноатӣ сохта мешавад ва иқтисодиёт рушд меёбад ва ба дигар самтҳои ҳаёти ҷомеа таъсири худро мерасонад. Тамоми ширкатҳои истеҳсолӣ барои пешрафти соҳаи худ бо марказҳои илмӣҳамкориҳои муфидро ба роҳ мемонанд. Имрӯз мо қариб, ки дар бораи қабули қонун ва қарорҳо мушкилие надорем, мушкилӣ дар рафти иҷроиши онҳост. Агар роҳу усулҳои амалии онҳо муайян нагардад ва ё бетаваҷҷӯҳӣ зоҳир гардад, ҷомеа танҳо аз як давраи буҳронӣ ба давраи буҳронии дигар мегузарад. Дар натиҷа соли 2040- умро ҳам мегузаронем, вале боз дар ҳамин шароите, ки ҳастем боқӣ мемонем. Чуноне, ки муҳаққиқ А. Ш. Қурбонов зикр менамояд: «Бояд эътироф намуд, ки дастовардҳои солҳои охири мо ҷанбаи миқдорӣ доранд. Масалан, 36 мактаби олӣ, сохтани 1500 мактаб, таҳсили ҷавонон дар хориҷи кишвар, қабули чандин барномаҳо, тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва ғайра. Ҳол он ки айни замон миқдори номзадҳои илм нисбат ба соли 1990 қариб 800 нафар камтар аст. Акнун хулосае бармеояд, ки шумораи мактабҳои олӣ нисбат ба замони пеш аз истиқлолият 3 маротиба афзудааст, вале теъдоди омӯзгорони соҳибунвон 800 нафар камтар аст ва сифати кадрҳо бошад, нисбат ба муҳлати зикршуда аз ҷиҳати сифат муқоисанашаванда мебошад [93, с.16].

Дар шароити муосир, маориф сарҳадоти худро васеъ менамояд, бо ташхиси доираи васеи равандҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ, ки дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ба миён меоянд, ҳамроҳ мегардад. Қадамҳои мустаҳкам оид ба нақши маориф дар таҷдиди равандҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва рушди соҳаи иқтисодиёт бардошта истодаанд.

Маълумот қисми муҳимми таркибии фарҳанг баҳисоб меравад. Аз ин хотир зарурати омӯзиши фарҳанг дар сатҳи ҷаҳонӣ пеш омадааст, ки ба воситаи он ошкор намудани ғояҳо ва арзишҳои ҳукмрон, ташаккул додани инсони эҷодкор ва ихтироъкор ба миён меояд. Аз сабаби он ки маълумот барои фаъолият намудани ҷомеа нақши бузургро иҷро менамояд, он метавонад, на

танҳо ба таснифоти шаклҳои мухталифи таҷрибаи фарҳангӣ мусоидат намояд, балки метавонад дар ин самт монеа эҷод намояд. Илова бар ин, дар асоси гуногунии навъҳои фарҳанг, хавфи пайдоиши ҷудоӣ ва ҳатто мухолифати байни фарҳанг ва маориф имконпазир аст. Ҳамчунин маълумот вазифаи иҷтимоигардии шахсро иҷро менамояд, яъне инсонро ҳамчун эҷодкор ва истеъмолкунандаи фарҳанг ташаккул медиҳад. Бояд қайд кард, ки маълумот ва фарҳанг метавонанд аз рӯи мундариҷа аз ҳам фарқ карда ва ҳатто бо якдигар муқобил баромад намоянд. Чунин ҳолат, дар асоси гуногунии фарҳанг ва сохтори он пайдо мешавад. Фарҳанг ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ворид мегардад ва дар шаклҳои зиёд ва ҳамчун зерфарҳанг инкишоф меёбад. Аз ин хотир барои ҳифзи фарҳанги миллӣбарномаҳои мушаххас дар сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг барномарезӣ мегардад ва дар асоси он фарҳанги миллии худро аз таҳдидҳои фарҳангҳои бегона ҳифз менамояд.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ, мақом ва нақши сиёсати давлат дар соҳаи маориф дар он зоҳир мегардад, ки маълумотро ба яке аз қудратҳои пешбар мубаддал мегардонад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки соҳаи маорифи мавҷуда нисбат ба талаботҳое, ки аз тарафи ҷомеа дар замони мусоир ба раванди таълим пешниҳод менамояд, ақибмондагии хосе ҳис карда мешавад. Барои устувории ҷомеа тарбия намудани субъекти иҷтимоие, ки ба вазъияти фарҳанги муосир мувофиқ бошад, зарур аст. Маориф набояд фақат манбаи додани илм, дониш, боз намудани зеҳниятҳо шинохта шавад, балки ҳамчун маркази инсонсоз баромад намояд, ки тамоми фаъолиятҳои инсон пурсамар гардад.

Ҳоло дар назди маориф вазифаи муайян гузошта шудааст: аз як тараф – ташаккули шахси эҷодкор ва масъулиятшинос, аз тарафи дигар – тайёр намудани корманди ихтисосманд. Аз ин рӯ барномаи нави таълимие зарур аст, ки бояд бартариҳои таҳсилоти классикиро ҳифз ва талаботҳои нави рушдкунандаро таҳлил намояд. Танҳо дар чунин ҳолат маориф метавонад вазифаи таснифоти фарҳангиро дар давраи гузариши ҷомеа иҷро намояд.

Тағйиротҳои куллӣ, ки дар замони ҳозира дар заминаҳои тамаддуни мусоир ба миён меоянд, шаклҳои раванди таълимиеро дар асоси талаботҳои нав амалӣ менамоянд. Ба хотири он ки раванди таълим вазифаҳои худро нисбат ба инсон ва ҷомеа иҷро намояд, он бояд ба вазъияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ мувофиқ бошад ва ба ташаккули шахсияти иҷтимоии эҷодкор мусоидат намояд. Дар сатҳи муайян ин масъалаҳо барои ҷомеаи кунунии тоҷик, ки давраи гузариши сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодиро паси сар карда истодааст, муҳим мебошанд. Дар чунин ҳолат, маълумот яке аз омилҳои самараноки дигаргуниҳои ҷамъиятӣ мегардад.

Таъкид кардан муҳим аст, ки барои амалӣ намудани дигаргуниҳо дар соҳаи маориф дар ҷомеаи муосир мутобиқшавӣ ба шароити нави ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, инчунин ба анъанаҳои мусбати гузашта зарур аст. Дар баробари ин дар раванди ислоҳот ба як қатор масъалаҳо рӯ ба рӯ шудан мумкин аст, ки дар зоҳир ислоҳот аст, вале зарарҳои он баъдтар маълум мешавад.

Барои эҷоди системаи маориф, ки ба воқеиятҳои муҳими иҷтимоию фарҳангии Тоҷикистон мувофиқат мекунад, бояд ҳам мундариҷа ва ҳам усулҳои таълим, инчунин равишҳои ташкили раванди таълимро навсозӣ кард. Танҳо дар чунин ҳолат маълумот метавонад ба таври самаранок вазифаи таснифоти фарҳангиро иҷро намояд.

Бо рушди инқилоби иттилоотӣ дар ҷомеаи муосир раванди маълумотдиҳӣ ба ниҳодҳое паҳн мегардад, ки аз рӯи анъана ба муассисаҳои таълимӣ дохил намешаванд, ба монанди воситаҳои ахбори омма, моҳвораҳои бегона, шабакаҳои интернетӣ ва ғайраҳо. Лекин, ин маънои онро надорад, ки сохторҳои пешинаи таълимӣ таъсири худро аз даст медиҳанд. Ин, пеш аз ҳама, ба донишгоҳҳои классикӣ тааллуқ дорад, ки дар давоми садсолаҳо дар таҷдид ва паҳн намудани тарҳҳои фарҳангӣ (европоӣ, осиёӣ ва ғайра) нақш бозидаанд.

Донишгоҳҳо чун пайвандкунандаи анъанаҳои ватанӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ дар фазои муайяни фарҳангӣ - таълимӣ имконият медиҳад, ки соҳаи маориф

дар тамоми кишварҳо рушд намояд. Аз ин сабаб Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо такя бо донишгоҳҳои худ ҳамкориро бо дигар донишгоҳҳо ба роҳ монда, соҳаи маорифи миллии худро инкишоф дода ва онро бо талаботҳои давлатдории худ ва санадҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида, ташаккул дода истодааст. Дар оянда соҳаи маорифи миллии тоҷикон қодир мегардад талаботҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро дар дохил ва хориҷи кишвар қонеъ гардонад. Вале дар замони муосир мушкилии соҳаи маорифи мо чизи дигар аст. Таҳлилҳо аз вазъияти мавҷудаи маориф дар ҷомеаи мо нишон медиҳад, ки мақсади мо ҷиҳати ба роҳ мондани раванди таълим ва ё бозкушоиҳои марказҳои таълимӣ дар кадом шакле, ки набошад, дар он манфиатҳои иқтисодӣ пешбинӣ гардидааст. Ин натанҳо натиҷаи поин омадани иқтисод, балки ба вайрон гардидани «сармояи инсонӣ» оварда мерасонад. Зеро, фақат барномаҳои иқтисодӣ ва манфиатхоҳӣ буҳронҳои наверо ба миён меорад. Аз ин рӯ, мақсади стратегии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, бояд як соҳаи маорифе бошад, ки дар асоси фарҳанги муайян ба инкишофи субъекти иҷтимоие мусоидат намояд, ки тавонад бо он фарҳанги боло, на фақат аз тамоми падидаҳои номатлуб эҳтиёт кунад, ё дур бошад, балки тавонад бо ҳамаи масъалаҳои манфӣ мубориза барад ва бартарӣ пайдо кунад.

Мо ақида дорем, ки барои амалинамоии бомуваффақи маорифи ватанӣ талаботҳои зерин заруранд:

1. Коркарди раванди нави соҳаи маориф, ки дар худ ҷиҳатҳои хуби таълимоти анъанавӣ ва талаботҳои нави таҳсилотро дарбар гирифта тавонад;

2. Қувват додани вазифаи тарбиявии маълумот, ки аз таълим қафо намонад;

3. Дуруст нишон додани мундариҷаи маълумот ва муайян намудани таркиби амалии он маълумот;

4. Бунёди фазои ягонаи фарҳангии таълим дар Тоҷикистон ва истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим;

5. Бештар рӯ овардан ба адабиёт ва дастурҳои илмии ниёгони худ, ки хусусияти инсонсозиро дорад ва хосияти ворисиятро дар худ таҷассум намояд.

Масъалаи муҳимми дигар ин ҷалби назари ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ё ниҳодҳои ғайридавлатӣ ба соҳаи маориф мебошад. Дар масъалаи мазкур нақш ва мақоми сиёсати давлат дар соҳаи маориф хеле бузург аст. Чун давлат ҳамчун бузургтарин ниҳоди сиёсӣ метавонад аз таҷрибаҳои кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ истифода намояд. Таҳлилҳо аз мамлакатҳои дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки мукаммалгардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бидуни ҷалби назари ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳо ва ҳатто худи шаҳрвандон дар коркард ва амалӣ намудани он ғайриимкон аст. Ин ҳолатҳо дар шароити ислоҳоти соҳаи маорифи тоҷик хеле заруранд, то пеши роҳи иштибоҳот ва хатоҳо гирифта шавад.

Аҳамият ва мавқеи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, тавассути рушди ҳамкорӣ дар соҳаи маориф муайян карда мешавад ва яке аз самтҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати аввал ин муносибати байни Тоҷикистон бо Иттиҳоди Европа ба ҳисоб меравад, зеро Тоҷикистон ба низоми нави таҳсил гузаштааст ва дар асоси таҷрибаи кишварҳои ин минтақа санадҳои меъёрию ҳуқуқии худро барномарезӣ намудааст. Дар айни замон, кишвари мо ҳамкориро бо дигар давлатҳо, аз ҷумла бо кишварҳои ҳамсоя, алахусус бо кишварҳои Осиёи Миёна фаъолона рушд дод. Олимони ватанӣ инчунин аҳамияти ҳамкориро дар соҳаи маориф дар корҳои илмии худ қайд кардаанд. Аз ҷумла Бахтовари Нуралӣ дар рисолаи худ «Политические, экономические и культурные связи республики Таджикистан и Туркменистан в годы независимости (1991-2016гг.)», ки дар ин кор ҳамкориҳо дар соҳаи маориф ва илми байни ду кишварро таҳлил намудааст [121]. Инчунин Файзов Н. Н. дар рисолаи илмии худ «Ҳамкориҳои илмӣ - фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият» мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода, боби дуюми онро ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои

Осиёи Марказӣ дар соҳаи маориф, илм ва адабиёт бахшидааст. Хусусан дар зербоби аввали боби дуюм овардааст: «Илм ва маориф, бешубҳа, аз омилҳои муҳимтарини ташаккули сармояи инсонӣ ба шумор рафта, дар ҳар давру замон барои рушди ҷомеа ва гузариш ба марҳалаҳои нави фарҳангӣ нақши муҳим бозидааст» [132, с.16].

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон институтҳои нави таълимӣ таъсис дода шуданд, ки ба рушди соҳаи маориф мусоидат менамоянд. Ин институтҳо усулҳои муосири таълим ва тарбияро, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, ҷорӣ мекунанд. Баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи насли наврас яке аз самтҳои асосии кори роҳбарият ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад. Илм ва маориф дар рушди ҷомеа нақши муҳим дошта, ба иқтисодиёт, фарҳанг ва дигар соҳаҳои ҳаёт таъсир мерасонанд. Онҳо ба таҳкими симои давлат ва ҳалли мушкилоти дохилӣ мусоидат мекунанд. Ҳукумат аз ибтидо ба рушди иқтидори зеҳнии кишвар диққати махсус дода, онро барои ҳалли масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ истифода мебурд.

Ислоҳоти соҳаи маориф – фаъолияти бузурги лоиҳаи иҷтимоӣ оид ба тағйири мундариҷа, сохтор ва шаклҳои маълумот ба ҳисоб меравад. Ин фаъолият дорои хусусияти давлатӣ буда, аммо дар солҳои охир хусусияти байналхалқиро касб намуда истодааст. Аз ин хотир мебинем, ки дар рафти ҳамкориҳои байни давлатҳо ҳамкори дар соҳаи маориф низ мавқеъ пайдо намуда истодааст.

Ҳамин тариқ, мақом ва нақши сиёсати давлат дар соҳаи маориф дар раванди ислоҳот, ҷалби назари ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ё ниҳодҳои ғайридавлатӣ ба соҳаи маориф, тайёр намудани шахсони эҷодкор, масъулиятшинос, мутахассисони воқеӣ дар тамоми соҳаҳо, ба хусус илмҳи дақиқу риёзӣ ва табиию техникӣ, инчунин ба назар гирифтани таҷрибаи бойиҷаҳонӣ ва ғайра хеле бузург аст. Қайд кардан зурур аст, ки раванди ислоҳот дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд воқеияти имрӯзаи ҷомеаро ба инобат гирад.

Дар даврони истиқлолият бояд нишон дода шавад, ки давлат ва миллат дар тасмимгириҳои худ мустақил аст. Рушди минбаъдаи соҳаҳои иқтисод, сиёсат, фарҳанг ва маънавии худро худ мушаххас менамояд. Роҳҳои ба даст овардани фаҳмиши худ, дарки ҳувияти миллии худ, эътирофи арзишҳои умумиҷаҳонӣ, ки мероси таърихӣ ва маънавии миллатро инъикос мекунанд ва ояндаи онро ташаккул медиҳанд, муайян карда мешаванд. Дар асоси таҷрибаи фарҳангӣ, илмӣ ва маърифатии мардуми тоҷик, инчунин дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи маориф ва тарбия ислоҳоти нави таълимӣ бояд ба ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддат ва созандаи миллӣ равона карда шавад. Тоҷикон дар соҳаи маориф таърихи бой доранд ва метавонанд ин анъанаро эҳё кунанд. Ифтихор ба гузаштагон хуб аст, вале бояд қабул кард, ки аз мафҳуми «кӣ будем» ба мафҳуми «кӣ ҳастем» ва «кӣ шуда метавонем» гузарем ва савол гузорем, ки чи кор карда метавонем? Сино доштан ифтихор аст, аммо ифтихормандтар аз он дар замони муосир дорои Сино будан ва мактаби Синопарварӣ доштан муҳим аст.

Таҳлили мундариҷаи ислоҳот дар Тоҷикистон, ки дар 15 - 20 соли охир дар соҳаи маориф гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки амалӣ намудани ислоҳот бо ду монеа рӯ ба рӯ гардидааст:

-нокифоягии захираҳои молиявӣ ва мавҷуд набудани фишангҳое, ки ислоҳотро дар амал қувват бахшанд;

- дуруст истифода нагардидани имкониятҳо, фурсатҳо ва нобоварии мутахассисони масъули раванди ислоҳот ба худ. Аксари масъули ин соҳа мунтазири дастуру супоришҳо ва фармонҳоянд. Агар мо мехоҳем дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба амал оянд, бояд соҳаи морифи қудратманд дошта бошем, бидуни он таҳаввулотҳои ҷиддӣ дар соҳаи маориф танҳо чун нияти хайр боқӣ мемонанд.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки дар даврони истиқлолият вазифаҳои миллӣ дар соҳаи маориф ва тарбия намуди нав ва мазмуни нав пайдо карданд. Дар шароити Тоҷикистон, ки андешаи миллӣ дар муҳити ҷамъиятӣ бартарӣ пайдо

кард, консепсияҳои миллии таълим мустаҳкам шуданд. Дар робита ба ин, таҳсилот ва тарбия қисми ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ гардиданд ва метавонанд дар таъмини суботи ҷомеа нақши калидӣ дошта, ҳамчун воситаи муассир амал кунанд.

Бо омӯзиши он, ки чӣ гуна системаи маориф дар давраи истиқлолият ташаккул ва рушд кардааст, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

- баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳое, ки пас аз пошхӯрии ИҶШС ба вуҷуд омадаанд, бо зарурати таъсиси давлатдории нав рӯ ба рӯ шуд. Дар сиёсати давлатии худ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онро яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ мешуморад. Маориф дар рушди кишвар нақши муҳим мебозад ва ҳамчун омили асосии ташаккули оянда баррасӣ мешавад;

- вазъияти ноустувори сиёсию иҷтимоии давлат раванди ташаккул ва инкишофи соҳаи маорифро тулонӣ гардонид ва аз ин хотир Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо баъди соли 2000 – ум соҳаи мазкурро беҳбуд бахшид, зеро дар ҷомеа устувории комил ба даст омад ва иқтисодиёт рӯ ба беҳбудӣ овард;

- дар шароити вазъи нави геополитикӣ, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ, Тоҷикистон афзалиятҳои сиёсиро, ки ба шароити нави сиёсӣ-иқтисодӣ, маънавию фарҳангии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мувофиқанд, таҳия менамояд. Ин барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дурнамои нав мекушояд;

- дарки аҳамияти истисноии маориф ҳамчун ҷанбаи калидии пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таъмини амнияти кишвар;

- дар ин давра гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф дар ду самт бештар амалӣ гардид:

а) афзоиши солонаи маблағгузории маориф ва табдил додани соҳаи маориф ба сарчашмаи асосии рушди сармояи зеҳнии кишвар;

б) беҳтар кардани сифати таълим дар ҳама сатҳҳо ва дар ҳама ихтисосҳо, инчунин баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи маориф.

- масъалаи аз ҳама муҳим – ин таъмини адолатнокӣ дар тамоми сатҳ ва дар тамоми ноҳияҳо, хусусан аҳамияти бештар додан ба рушди маориф дар деҳот, зеро аксари аҳолӣ дар деҳот умр ба сар мебаранд. Дар ҳамин асос бояд масофаи беҳтар будани шаҳр аз деҳот, бо таъмини шароити беҳтар барои деҳот кам карда шавад. Ҳатто дар масъалаи донишгоҳҳо низ иҷроиши адолат дар авлавият қарор дода шавад.

2.2. Раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф

Дар ҷаҳони муосир давлатҳо ва халқҳо кӯшиш мекунанд одамонеро ба воя расонанд, ки асрори асри XXI-ро дарк кунанд. Зеро асри XXI дар баробари инки асри пешрафтҳои илмию техникӣ, асри иттилооту кайҳон аст, вале дар баробари он инсони асриXXI ҳаргиз дар масири таърихи ташаккулёбии худ то ин андоза дар зери хатар қарор нагирифта буд, ки сабаби ин ҳама хатарҳо худи илм ва пешрвиҳои он ба ҳисоб меравад. Масалан, зиёд шудани яроқи қатли ом аз қабили яроқи атомию термоядроӣ, ки қобилияти 56 маротиба нест кардани заминро дорад [100, с.25], фақат бо сухан гуфтан осон аст. Ин хатарҳо ҷомеаи инсониро маҷбур месозад, ки барои худ роҳи наҷотеро пайдо намояд ва инсонеро тарбия намоянд, ки пеши роҳи ин хатарҳоро гирад. Он роҳи наҷот фақат соҳаи маориф аст, ки метавонад ҳамчун соҳаи созанда ва наҷотбахш баромад намояд. Барои он ки маорифи асри XXI ҷавобгӯ бо масъалаҳои замони муосир бошад, сурат ва сирати инсонро ҳамроҳ тарбия намояд ва роҳу усулҳои навро, аз ҷумла ба роҳ мондани раванди модернизатсиякунонӣ дар соҳаи маориф ба кор гирад. Вазифаи асосии навсозии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот беҳтар намудани сифати таълим ва таъмини дастрасии он ба ҳамаи шаҳрвандон мебошад. Инчунин зарур аст, ки самтҳои гуногуни дастовардҳои илмию техникӣ мувофиқи талаботи муосир инкишоф дода шаванд. Барои ноил шудан ба ин мақсад «Стратегияи давлатии сиёсати

ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» истифода мешавад. Он ба ноил шудан ба нишондиҳандаҳои калидӣ дар соҳаи маориф, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 муайян гардидаанд, равона шудааст. Ин қарор дар доираи ҳалли масъалаҳои муҳим дар соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳо қабул карда шуд.

Сиёсати имрӯзаи давлатӣ дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, ба модернизатсияи маълумоти умумимиллӣва тамоми халқи Тоҷикистон равона карда шудааст. Дар ин самт, яке аз масъалаҳои асосӣ таъмини рақобатпазирии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ба ҳисоб меравад. Шарти асосии рақобатпазирии соҳаи маорифи кишвар истифодаи навовариҳои замони муосир дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва рушду инкишофи иқтисодиёт мебошад. Дар навбати худ, инкишофи иқтисодиёт бидуни сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ва тарбияи худи инсон ғайриимкон аст.

Модернизатсияи соҳаи маориф иттилооти васеъеро талаб менамояд, ки он дар асоси таҳлилҳо ва баррасиҳои кишварҳои пешрафта дар соҳаи маориф ба даст меояд. Яке аз вазифаҳои асосии модернизатсияи соҳаи маориф, ин баланд бардоштани сифати маълумот ба ҳисоб меравад. Сифати маълумот категорияи мураккабест, ки он маҷмӯи нишондиҳандаҳое мебошад ва тамоми зинаҳои таҳсилот, раванди таълиму тарбия, ташаккули шахсиятро фаро гирифта, самаранокии фаъолияти муассисаи таълимӣ ва тайёр намудани хатмкунандагони болаёқат аз сифати маълумот вобаста аст.

Раванди ҷаҳонишавӣ дар соҳаи маориф яке аз самтҳои мебошад, ки диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Чуноне, ки муҳаққиқи ватанӣ С.Ш. Термизов ин равандро баррасӣ намуда ва хулосаҳоеро низ пешниҳод кардааст, ки онҳоро дар шакли зерин нишон додан мумкин аст:

- гузоштани шахсияти талаба, ҳуқуқ, озодӣ ва ғояҳои ӯ дар маркази раванди таълим ва тарбия;

- амалӣ намудани мақсадҳое, ки нишондиҳандаи шахсият ва мустақилияти он дар замони муосир аст;

- ташкили сифатҳои ақлонии шахс дар асоси андешаҳои тараққикунанда.

Дар идомаи таҳлили мавзӯи мазкур босамарии мақсадҳои гузошташударо аз ҳалли як қатор масъалаҳо вобаста медонад, ки инҳоянд:

- такмили шуури фарҳангии талабагон ва донишҷӯён дар ҳама сатҳ;

- афзоиши салоҳияти байнифарҳангӣ;

- умумимиллӣ гардонидани ҷараёни таълим, ташаккули маърифат ва фаҳмиши дуруст оид ба ҷаҳони имрӯз, ки хеле муҳим мебошад;

- сохтани шароитҳои ҳамаҷониба барои худшиносӣ ва иҷтимоигардии шахс [112, с.171-172].

Раванди модернизатсиякунонии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маориф шароитеро ба вуҷуд овард, ки зарурати тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», пеш омад, ки он 23 июли соли 2016 (дар таҳияи нав) қабул гардид ва дар он мафҳумҳои нав илова шуданд [2]. Тағйирот дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз он шаҳодат медиҳад, ки қонуни мазкур бо меъёрҳои байналхалқӣ дар соҳаи маориф наздик гардида истодааст.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, дар алоқамандӣ бо вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ вобаста карда шудааст. Масалан, дар моддаи 3-и қонуни мазкур таъкид карда шудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон маорифро яке аз соҳаҳои афзалиятнок эълон менамояд. Давлат барои амалӣ намудани сиёсати маориф низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамояд, ки фаъолияти он ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба маълумот равона карда шудааст» [2].

Маориф дар ҷумҳурӣ хусусияти умумихалқиро касб намудааст. Комиссияи байниидоравии маориф ташкил карда шудааст, ки ба ҳайати он намояндагони тамоми вазорату идораҳои ҷумҳурӣ дохил мешаванд.

Мавқеияти Ҳукумати ҷумҳурӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорат ва идораҳое, ки дар соҳаи маориф масъулияте доранд, ба таври мушаххас дар қонуни мазкур муайян карда шудааст. Дар ин қонун бори аввал

маҳдудиятҳо дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва соҳаи маориф, новобаста аз шакли онҳо муайян карда шуданд.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар талаботҳои зерин асос меёбад: «баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар бадастории маълумоти босифат; эҳтироми ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд; афзалиятнокии соҳаи маориф дар тамоми сатҳҳои идоракунии давлатӣ; ҳатмӣ будани маълумоти умумии асосӣ; дастрас будани маълумоти умумии миёна ва идомаи таҳсилот дар зинаҳои минбаъдаи маълумот дар асоси имтиҳонҳо ва озмунҳо; афзалиятнокии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, аҳамияти инсондӯстонаи мундариҷаи маълумот ва инкишофи озоди одамон; меҳру муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити атроф; хусусиятҳои илмӣ, дунявӣ ва инсонпарваронаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ; ягонагии фазои таҳсилотӣ ва фарҳангӣ, инкишофи фарҳанг ва ҳимояи арзишу анъанаҳои миллӣ; хусусиятҳои демократӣ ва давлативу ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он; мухторияти муассисаҳои таълимӣ; аксаран бефосила будани маълумот; мутобиқати соҳаи маориф ба талаботҳо ва тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ; инкишофи соҳаи маориф бо назардошти намунаҳо ва меъёрҳои байналхалқии сифати таҳсилот; ҳавасманд намудани маърифатнокии одамон ва инкишофи эҷодиёти онҳо; пайдарпайии раванди таҳсилот, ки алоқаи зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин менамояд; боҳамоии ниҳодҳо барои рушди маориф, илм ва истеҳсолот» [55].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви СММ, ИДМ ва дигар созмонҳои байналхалқӣ, ки дар соҳаи маориф ҳамкориҳои худро ба роҳ монданӣ аст, ки тамоми ҳуҷҷатҳоро дар сатҳи байналмилалӣқабул ва эътироф менамояд. Бо мақсади раҳоӣ ёфтан аз буҳрон ва таҳким бахшидани илм дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (соли 1998) қабул гардида, Ҳукумат як қатор созишномаҳо аз қабили «Оид ба ҳамкории илмию техникии ҳайати иштирокчиёни давлатҳои

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Дар бораи робитаи бевоситаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳамкории илмию техникӣ» [59, с.130] ва ғайраро ба тасвиб расонид.

Доираи хусусиятҳои ниходҳои иҷтимоии ватанӣ дар соҳаи маориф аз мутобиқати махсуси гузашта ва имрӯзаи иқтисод ва сиёсат иборат аст, ки аз рӯи он раванди модернизатсия дар соҳаи маориф ва таъсиррасонии он ба тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ равона карда мешавад. Зеро зарурати ислоҳот ва такмил додани низоми маориф дар ҷомеа аз шароити мавҷудаи ҷаҳони муосир ва равандҳои наве, ки онро фаро гирифтанд, вобаста мебошад ва дар баробари ин навсозии соҳаи маориф яке аз талаботҳои воқеии замон аст. Навсозӣ (модернизатсия) вақте имконпазир, муассир ва натиҷадиҳанда аст, ки маданият бо замон мувофиқат кунад. Ба қавли Р.М. Имомалиева: «дар айни замон, ислоҳот ва навсозии соҳаи маориф мушкилоти мушаххаси худро дорад. Зеро, дар раванди мутобиқшавӣ ва мувофиқ кардани мундариҷаи таълим бо талаботҳои ҷаҳонӣ пояҳои бунёдии миллии соҳаи маориф, ки дар асоси таҷриба ва ё анъанаҳои миллӣ ба вуҷуд омадаанд, рад карда мешаванд, ё ба он беэътиноӣ зоҳир мегардад» [124, с.16-18]. Бо вуҷуди ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки системаи таълимии худро ба фазои таълимии ҷаҳонӣ барои татбиқи дастовардҳои пешрафтаи илмӣ ва таълимӣ дар таълиму тарбия ворид намояд. Ҳамчунин талош мегардад маорифи миллӣба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошад ватамоми чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Зеро танҳо тавассути муваффақонаву ҳадафманд омезиш додани арзишҳои миливу фарҳангӣ бо дастовардҳои таҳсилоти ҷаҳонӣ метавон афроди босаводу донишмандро тарбия намуд [24].

Давлат одамони қобилияти фавқулодда доштаро дастгирӣ намуда, онҳоро бо идрорпулии махсуси давлатӣ таъмин менамояд ва дар ҳолатҳои зарурӣ онҳоро ба хориҷа барои таҳсил мефиристад. Дар айни ҳол идрорпулии президентиро ба беҳтарин хонандагони мактабҳои маълумоти умумӣ, донишҷӯёни мактабҳои олии касбӣ, аспирантон, ки бо баҳои «аъло» таҳсил

менамоянд, дода мешавад. Идрорпулии аспирантон то 700 сомонӣ расонида шудааст, идрорпулии президентӣ ду маротиба аз идрорпулии оддии аспирантон зиёд аст. Оид ба идрорпулии донишҷӯёну магистрҳо ва аспирантонудокторантҳо Президенти кишвар дар Паёми солонаи худ дар соли 2021 таъкид карданд, ки: «боз то 1-уми сентябри соли 2021 идрорпулии онҳо то 30%-и дигар зиёд мегардад» [23]. Дар доираи барномаи давлатӣ, ки барои давраи аз соли 2015 то 2020 пешбинӣ шуда буд, Ҳукумати мамлакат ба нақша гирифта буд, ки барои кӯдакони болаёқат дар минтақаҳои гуногун марказҳои махсуси таълимӣ таъсис диҳад.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 20-уми январи соли 2016, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон таъкид намуд: «Бо супориши Роҳбари давлат имсол дар шаҳри Душанбе бори нахуст дар сохтори Академияи илмҳои Тоҷикистон мактаби инкишофи зеҳнӣ бунёд гардида, Вазорати маориф ва илм вазифадор шудааст, ки ба Ҳукумати мамлакат Барномаи давлатии таъсиси чунин мактабҳоро дар маркази ҳамаи вилоятҳо пешниҳод намояд. Бо ин роҳ, мо барои рушди нерӯи инсонӣ ва ҷалби наврасон ба таҳсилоти муосири бо сифат имконияти бештар фароҳам меорем. Дар идома таъкид намуданд, ки масъулони соҳаи маориф вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати таҳия ва ба баррасии Ҳукумати кишвар пешниҳод намудани Консепсияи таҳсилоти муттасил барои солҳои 2016 - 2022 ҷораҷӯӣ карда, барои роҳандозӣ намудани чунин шакли таҳсилот тадбирҳои иловагӣ андешанд» [13, с.127].

Камолоти маънавии инсон ва ё инсонгароӣдар раванди низоми маорифи кишвар аз ҷумлаи афзалиятҳо ваталаботҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар суханронии худ дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи мамлакат, ки 21 декабри соли 2005 баргузор гардида буд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон консепсияи ин ҳадафи таълимиро муфассал шарҳ доданд. Баъзе ғояҳоро ӯ дар як чорабинии тантанавӣ бахшида ба Рӯзи омӯзгор, ки 29 сентябри соли 2006 баргузор шуд, таҳия кард. Дар суханрониҳои худ Сарвари давлат ба масъалаҳои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия,

инчунин сатҳи азхудкунии дониш, хусусан дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ диққати махсус дод. Вай таъкид кард, ки ҳадафи асосии ислоҳоти системаи маориф ташаккули шахсиятест, ки огоҳона, бошуурона, боадолат ва донишманд хоҳад буд. Президенти кишвар вобаста ба ин масъалаҳо қайд карданд, ки: «масъалаҳои дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия кардани худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишҳои фарҳангиву ахлоқӣ ва идоракунии демократӣ, ки то имрӯз барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника ва фарҳанг мусоидат намудаанд, таҳти таваҷҷӯҳи доимии давлат қарор доранд» [70, с.149-150]. Оид ба нақши илмҳои ҷомеашиносӣ ва вазифаҳои олимони соҳаи мазкур Президенти кишвар дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат дар соли 2015 қайд намуда буданд. Аз ҷумла, олимони ҷомеашиноси моро зарур аст, ки барои тарғиби мафкура ва ғояҳои миллӣ таҳқиқи масъалаҳои умумиинсонӣ вобаста ба таҳаввулоти ҷаҳони муосир ва проблемаҳои рӯз, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардаанд, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Инчунин дар идома қайд намуданд, ки: «олимони мо бояд барои рушди устувори ҷомеа ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ пешниҳодҳои мушаххас ва таҳлилҳои саривақтӣ манзур намоянд» [12, с.208]. Дар ҳамин суханронӣ равишҳои муҳимми таълимоти миллии таҳсилот дар асоси эҷоди заминаҳои замонавии усули таълиму тарбия бо самтгирӣ ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ сареҳан муайян шудаанд, ки роҳҳои баъдинаи ислоҳоти низоми маорифро рӯшан менамояд. Ҳамзамон, кормандони системаи маориф бояд принсипҳои асосии омӯзиши давомдор барои солҳои 2016-2022 ва дигар ташаббусҳоро, ки ҳамчун шакли таълим амалӣ карда мешаванд, эҷод ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд.

Сарвари давлат борҳо ба роҳбарони вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, инчунин ба ректорҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ дастур додааст, ки мушкилоти норасоии омӯзгорони илмҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ, бахусус русӣ ва англисиро ҳал намоянд. Дар

соли 2003 Президенти кишвар фармонеро содир кард, ки ба беҳтар кардани таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ равона карда шудааст. Ба Академияи илмҳо супориш дода шуд, ки дар нимаи аввали соли 2019 барномаи навро оид ба такмили таълими ин забонҳо барои давраи то соли 2030 таҳия ва пешниҳод намоянд [14, с.496]. Инчунин дастур дода шуд, ки ҳар сол ба Ҳукумати кишвар дар бораи рафти татбиқи ташаббус оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ, инчунин дар бораи вазъи кунунии корҳо дар ин соҳа ҳисобот дода шавад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки нақши Президент дар муайян намудани сиёсати давлат дар соҳаи маориф хеле бузург мебошад. Дар баробари ин ки дар ҳар «Паём», «Вохӯрӣ бо зиёиён», «Рӯзи дониш» ва дигар рӯзҳои ҷашнӣ ба масъалаи маориф ҷиддӣ аҳамият дода, маслиҳатҳо, супоришҳо ва дастурҳои лозимиро пешниҳод менамоянд, дар амал низ дастгириҳои муайян дида мешавад. Ҳоло дар кишвар муассисаҳои таълимии муосир ба монанди мактаби президентӣ ва литсей барои кӯдакони боистеъдод амал менамоянд. Аз он ҷумла, дар шаҳри Душанбе, Бӯстон (вилояти Суғд), Хоруғ (вилояти худмухтори кӯҳистони Бадахшон), Турсунзода, Данғара ва Бохтар (вилояти Хатлон) фаъолият доранд.

Раванди модернизатсиякунонии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар солҳое, ки литсейҳои тоҷикиву туркӣ фаъолият мекарданд, рақобати бузургеро байни муассисаҳои ғайридавлатӣ ба миён овард. Дар Тоҷикистон литсейҳои тоҷикӣ ва туркӣ, ки дар бисёр шаҳрҳои кишвар мавҷуд буданд, махсусан маъмул шуданд. Аз ҷумла дар шаҳри Душанбе, Турсунзода, Қӯрғонтеппа, Кулоб, Хуҷанд. Хусусияти фарқкунандаи ин муассисаҳои таълимӣ дар он зоҳир мегардид, ки дар онҳо тамоми дарсҳо бо забони англисӣ баргузор гардида ва аз сабаби он ки хонандагон шабонарӯз дар он муассисаҳо буданд, бо онҳо дарсҳои амалӣ дар хобгоҳҳо баргузор мегардид. Аз ин рӯ миқдори довталабон зиёд мушоҳида карда мешуд. Ҳамасола, дар давраи якуми имтиҳонот аз 7 то 8 ҳазор хонандагони мактабҳои маълумоти умумӣ иштирок

менамуданд. Аз онҳо 900 нафар ҳуқуқи иштирок дар давраи дуюми имтиҳонотро доштанд. Пас аз дарсҳои ду ҳафтаина танҳо 300 нафар ҳуқуқи таҳсилотро дар ин литсейҳо соҳиб мегардиданд, ки ин таҷрибаро дар маркази забономӯзӣ «Томер», ки дар назди сафорати Туркия дар Тоҷикистон фаъолият менамояд, мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар литсейҳои мазкур, қариб 9 ҳазор нафар таҳсил менамуданд, ки 2 ҳазор нафари онҳоро духтарон ташкил медод. Бунёди таълимию моддии литсейҳо ба талаботҳои намунаҳои байналхалқӣ мувофиқ карда ва сатҳи дониши хонандагони ин литсейҳо хеле баланд буд. Тибқи омор шаст нафар тарбиятгирандагони литсейҳо дар Олимпиадаҳои байналхалқӣ иштирок намуда, чил нафари онҳо чойҳои намоёнро ишғол намудаанд. Зиёда аз 97 фоиз хатмкунандагонба муассисаҳои олии машҳури ИМА, Англия, Туркия, Кипр, Федератсияи Россия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дохил шудаанд. Аз рӯи намунаи онҳо мактабҳои шакли нав (гимназия, литсей) давлатӣ ва ғайридавлатӣ бунёд карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки раванди модернизатсионӣ ба ҳамаи маҷомотҳои соҳаи маориф (аз боло то ба поён) таъсири самарабахш расонид ва дар ҳамин асос воситаҳои (механизм) гузариши донишҷӯён ва хонандагон аз муассисаҳои таълимии аккредитатсия нагардида ба муассисаҳои таълимии давлатӣ, гузариши донишҷӯён ва хонандагон аз оилаҳои камбизоат аз гӯрӯҳҳои шартномавӣ ба гурӯҳҳои буҷавӣ коркард шудааст.

Ҷамъияти волидайн ва омӯзгорон ба идоракунии муассисаҳои таълимӣҷалб карда мешаванд. Фаъолияти пулакии муассисаҳои таълимӣ мутобиқи талаботҳои конститутсионӣ мебошад. Ин имконият медиҳад, ки синфҳои махсус дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ва дигар муассисаҳои касбӣ кушода шаванд. Даромади муаллимон зиёд ва имкониятҳои таълим васеъ мегарданд. Вале гузаштан ба чунин шакли навъи таҳсил масъалаи иҷтимоӣ будани давлатро то андозае коҳиш медиҳад. Азбаски аксари оилаҳо

дар давлат заминаи молиявӣ ва иқтисодӣ надоранд, то ки фарзандони худро бо таҳсилоти босифат таъмин кунанд [124, с.17].

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаҳо ва тадбирҳоро барои иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳия ва тасдиқ намуд. Ин нақшаҳо хусусиятҳои татбиқи қонун ва ислоҳоти таълимиро, ки ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ мебошанд ва ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии замони муосир мусоидат мекунанд, ба назар мегиранд. Тибқи қонуни мазкур маоши якмоҳаи мураббиёни томактабӣ ҳоло ба маоши муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва муаллимони синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ баробар аст. Чун Тоҷикистон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қарор дорад ва иҷроиши ин қонун ба он хеле кӯмак менамояд.

Дар ин замина Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм зиёда аз 250 меъёри ҳуқуқӣқабул намуданд, ки тамоми зинаҳо ва ҷиҳатҳои мухталифи фаъолияти муассисаҳои соҳаи маорифро фаро мегиранд. Ин муқаррароҳо оид ба макотиби маълумоти умумӣ, муассисаҳои томактабӣ ва берун аз мактабӣ, мактаб-интернатҳо, мактабҳои рӯзона ва ғоибона, шабона барои калонсолон, мактабҳои миёна ва олии касбӣ ва ғайраҳо мебошад. Ногуфта намонад, ки раванди модернизатсионӣ ба нақшаҳои таълимӣ низ таъсир расонидааст. Дар нақшаи таълимӣ бори аввал таъкид шуд, ки дар асоси он литсей, гимназия, мактаб аз рӯи самтҳои касбӣ (ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, физикиву математикӣ, табииву тиббӣ ва педагогӣ) фаъолият мекунанд, нақшаҳои таълимии худро тартиб медиҳанд ва пас аз тасдиқ аз тарафи мақомоти марбута, онҳоро амалӣ менамоянд. Лекин амалия нишон дод, ки барои таъмини иҷроиши нақшаи таълимии мазкур базаи зарурӣ намерасад. Китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ барои мактабҳое, ки дар асоси низоми нав фаъолият мекунанд, кифоя нест.

Бояд қайд кард, ки маориф – соҳаи ҷудонашаванда ва муҳимми фаъолияти инсонӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи маориф омили пешрафти соҳаҳои иҷтимоию

иқтисодӣ эътироф гардида ва он наметавонад аз доираи назари сиёсати давлат берун бошад. Дар раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ, шахс иштирокчии асосии ин раванд, қувваи истеҳсолӣ мебошад. Қобилият ва малакаи ӯ бояд ба сатҳи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодии кишваре, ки дар он зиндагӣ ва кор мекунад, мувофиқат кунад.

Сифати захираҳои меҳнатӣ аз вазъияти иқтисодии ҷомеа ва аз сатҳи маориф вобаста аст. Маориф дар тағйир додани таркиби иҷтимоӣ ва касбии ҷомеа нақши калидӣ дорад. Соҳаи маориф инсонро тарбия намуда, вобаста ба шароити замону макон ӯро барои пазируфтани масъулият омода менамояд ва бо ин васила ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Маориф тариқи вазифаи фарҳангӣ - тарбиявӣ дар ҳаёти маънавии ҷомеа саҳм мегузорад. Ташаккули фарҳанги умумӣ дар оянда шарти тайёр намудани ҳар як касб ба ҳисоб меравад, шароит ва заминаи қобилияти иҷтимоии инсон ва гурӯҳи иҷтимоиро бунёд менамояд, дастовардҳои фарҳангии ҷомеаро нигоҳ дошта ва онро аз насл ба насл интиқол медиҳад.

Маорифи муосир воситаи ҳалли масъалаҳои асосии на танҳо тамоми ҷомеа, балки унсури фарди алоҳида баромад менамояд ва яке аз даврaҳои муҳим дар ҳаёти ҳар як нафар ба ҳисоб меравад. Ҳар як давлатдор асоси сохтори сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ва хусусиятҳои фарҳангӣ - таърихӣ ва миллии худ шароити соҳаи маорифро муайян менамояд. Мақсадҳои сиёсати давлатӣ дар ин соҳа бунёди шароит барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон барои ба даст овардани маълумот ба шумор меравад ва сифати маълумот бояд ба талаботи инкишофи иқтисодӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣмувофиқ бошад. Давлат натанҳо кафолати ба даст овардани маълумотро медиҳад, балки масъалаи баромадан аз буҳронро тариқи гирифтани маълумоти босифат пешбинӣ намуда ва ноил шудан бо мақсадҳои гуманистӣ ояндаи инкишофро муайян менамояд.

Дар даҳсолаҳои охир дар сатҳи ҷаҳонӣ масъалаҳое пайдо шуда истодаанд, ки дар доираи муносибатҳои анъанавӣҳал кардани онҳо ғайриимкон аст ва аз

ин рӯ сабаби онро ба буҳрони маълумот вобаста мекунанд. Бинобар ин давлат бидуни соҳаи маорифи ташаккулёфта вазифаи асосии худ, яъне ташаккули қувваҳои созандаи ҷомеаро наметавонад иҷро намоянд. Дар шароити коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии аксарияти аҳолӣ, ҳамон навъи фаъолият бонуфуз мегардад, ки тезтар даромад ба даст орад ва чун қоида, маълумот ва тайёрии касбиро талаб наменамояд, ки ин дар таҷриба ва мушоҳидаҳо собит гардидааст. Аз ин сабаб муаллимонро мебинем, ки тарки касби омӯзгорӣ намуда, ба хотири таъмини зиндагии худ ба корҳое машғуланд, ки дар шаъни муаллим дуруст нест, вале мутаассифона ночоранд. Сатҳи гузариши кормандони ихтисосманд ба корҳои дорои маоши баланд, дар ҳоле, ки нисбати ихтисос ва дар шаъни онҳо паст аст, хеле зиёд ба чашм мерасад ва ё «хориҷшавии зеҳнҳо, рафтани ақлҳо ва ё фирори ақлҳо» ба хориҷи кишвар суръати бештар гирифтааст. Ҷавонон бештар на ба маълумот ва бадастории касбҳои ихтисосӣ, балки ба корҳои навъҳои соддаи дорои маоши баланд рӯй меоранд. Чунин ҳолат бесабаб нест, зеро аксари кормандони меҳнати ихтисосӣҳам аз рӯи сатҳи маош ва ҳам аз рӯи имконияти шуғл яке аз гурӯҳҳои сатҳи пасти зиндагӣ ба ҳисоб меравад [104, с.276-277]. Қайд кардан зарур аст, ки раванди муҳоҷирати зеҳнҳо як амри табии ва таърихист, ки он ба давраи ташаккулёбии донишгоҳҳо дар Аврупо дар асрҳои XI - XII рост меояд, ки то имрӯз идома дорад. Хусусан баъд аз пошхурии Шуравӣ то ба имрӯз бо суръати баланд идома дорад. Масалан, аз Полша 15 %, Булғория 10 %, Югославия 10 % кормандони меҳнати фикрӣ ин кишварҳоро тарк карданд. Ин нишондод дар худи Россия аз ҳама зиёдтар аст. Чуноне, ки аз теъдоди 56 % муҳоҷирони баландихтисоси ин кишвар, ки ба хориҷа рафтанд, 16 % онро номзадҳо ва докторҳои илм ташкил медиҳанд. Муҳоҷирати зеҳнҳо дар замони муосир бештар хусусияти иҷтимоӣ доранд. Набудани шароити хуб ва маоши арзанда олимону мутахассисонро маҷбур менамояд, ки ҷой ва макони мувофиқтарро интихоб намоянд, ки қоидаи «бозори кадрҳои илмӣ» ҳамин аст. Аз ин хотир, мутахассисони соҳаи технологияи ядроии Россияро кишварҳои Эрон,

Ҳиндустон, Покистон ва ғайра харидорӣ мекунанд ва ё теъдоди зиёди табибони тоҷик, ки дар кишварҳои арабӣ фаъолият доранд, ба ин мисол шуда метавонад [55, с.121-123].

Раванди модернизатсиякунонии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бештар бояд ба он нигаронида шавад, ки ҷомеа камтар ба буҳрон гирифтор гардад. Зеро дар раванди модернизатсиякунонии соҳаи маориф хоҳ нохоҳ низоми таҳсилот ба буҳрон рӯ ба рӯ мегардад. Барои дур нигоҳ доштани соҳаи мазкур аз ҳамагуна буҳронҳо самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ бояд мушаххас карда шавад, ки ин як амри зарурист. Масалан, Ҳукумати Федератсияи Россия низ соли 2009, 5 самти афзалиятнок ва 27 технологияи ҳассосро муайян намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар даврони истиқлолият се маротиба “Дар бораи тасдиқи Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои 2007-2009, 50 равия, барои солҳои 2010-2012, 65 равия ва барои солҳои 2015-2020, 110 равияҳои афзалиятнокро муайян намуданд. Таҳлилҳо дар шакли муқоисавӣ нишон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки Федератсияи Россия чӣ натиҷа доданд, ки тибқи онҳо мушкилоти мавҷуда роҳҳои ҳалли худро пайдо намуд. Вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самтҳои афзалиятноки муайян гардида нисбат бо дигар кишварҳо ғайри ҳаётӣ буда, ниёзҳои илму истеҳсолоти кишварро ифода намекунад. Ба қавли А.Ш. Қурбонов: «мақомоти давлатии масъули таҳияи рушд ва дурнамои Тоҷикистон дар тӯли Истиқлолият то ҳол дар бораи талаботи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ ба тадқиқоти илмӣ ва истифодаи самараноки неруи зеҳнии кишвар дар ин самт пешниҳоди мушаххас ва мақсадноку асоснок надорадва фаъолияти илмӣ дар ҷумҳурӣ ғайримақсаднок ва камасар арзёбӣ мешавад» [55, с.277-281]. Дуруст аст, ки вобаста ба шароит кишварҳои олам буҳронҳоро дар шаклҳои гуногун аз сар мегузаронанд. Буҳрон чӣ дар кишварҳои рушдкарда ва ё рӯ ба инкишоф, сарватманд ва ё камбизоат, кишварҳое, ки бо муассисаҳои таълимии худ шуҳратманд шудаанд ва ё он кишварҳое, ки бо мушкилиҳои зиёд муассисаҳои

таълимии худро сохта ва идора карда истодаанд, вуҷуд дорад. Аммо ин маънои онро надорад, ки тасдиқи номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмӣ натиҷабахш набошад, ҳол он, ки барои дар амал татбиқ намудани онҳо маблағҳои зиёде сарф мешавад, пас бояд диққати бештар дода шавад, то дар сиёсатгузориҳо дар соҳаи маориф ба хатогиҳо роҳ дода шавад, ки чубронопазиранд, зеро таъсири манфии он ба тамоми соҳаҳои дигар мерасад.

Дар охири асри XX ин вазъият боз ҳам пуризтиробтар гардида ва мавқеи буҳрони маориф аз адабиёти илмӣ ба ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ гузашта истодааст. Вазъи маълумот ҳатто дар ИМА нигаронкунанда буда, ба тариқи расмӣ аз болоравии бесаводии хонандагон дар соҳаи илм ва техника ошкор гардида, вазъиятро ҳамчун «беяроқкунии беандозаи таълимӣ» ва ё «буҳрони харобиовар» эълон намудаанд. То солҳои наздик, буҳрони маориф дар Европаи Ғарбӣ ва Амрико, ба ақидаи мутахассисон, масъалаи хориҷӣ шуморида мешуд. Имрӯз, мавҷудияти буҳрон, дар соҳаи маорифи ватанӣ мавриди баҳс аст, лекин вазъияти буҳронӣ рӯ ба поён намеравад. Тоҷикистон, ба монанди дигар ҷумҳуриҳои Шӯравии собиқ, бешубҳа, дорои собиқаи бузурги арзишҳо дар соҳаи маориф аст, ки аз соҳаи маорифи Амрико ва Европа фарқ менамояд. Мутахассисон чунин ҳисоб намудаанд, ки болоравии бекорӣ ба 1% ба аздастдиҳии 2,5% маҷмӯи маҳсулоти миллӣварда мерасонад. Аз ин рӯ муносибати маҷмӯавӣ ба ҳалли ин масъала бояд мукаммалгардонии мақсадноки тамоми соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар он нақши пешбаранда ба давлат тааллуқ дорад, таъмин карда шавад [104, с.278].

Дар даҳ соли охир, амалан тамоми кишварҳои рушдкардаи саноатӣ ислоҳоти гуногуни соҳаҳои миллии маорифро гузарониданд, ки дар он воситаҳои зиёди молиявиро хароҷот намуданд. Тағйирот дар соҳаи маориф мавриди таваҷҷӯҳи мақомот қарор гирифт, зеро онҳо фаҳмиданд, ки ояндаи кишвар аз сатҳи маълумоти шаҳрвандон вобаста аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули соҳаи нави маориф бемайлон идома дорад, ки ба воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот равона гардидааст.

Фазои ҷаҳонии маориф, ки рӯз ба рӯз бо ҳам наздик шуда истодаанд ва самтҳои муосири инкишофро дар сарҳадоти миллӣ, захираҳои табиӣ, афзоиши одамон ва ғояҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ки воқеан мушкил гардидааст, муайян менамояд. Давлатҳо аз таҷрибаи ҳамдигар бемонеа истифода менамоянд. Таҷрибаи кишварҳои мухталиф нишон медиҳад, ки иқтисодиёти қудратманд ба сатҳи маълумотнокии ҷомеа сахт кумак менамояд ва он дар шароити ҷомеаи иттилоотӣҳамчун омили муҳимми боигарии миллӣ баромад менамояд.

Инкишофи қудрати инсонӣ - ин воситаи ченаки имкониятҳои ҷойдошта мебошад ва барои назорати инкишофи равандҳои асосии иҷтимоӣ дар асоси се нишондиҳанда: давомнокии ҳаёт, сатҳи маълумот, маҷмӯи маҳсулоти дохилии сарикасии воқеӣ истифода мешавад. Онҳо дар якҷоягӣ се сифати асосиро таҷассум менамоянд: ҳаёти солим, дониш, сатҳи ҳаёти арзандаи инсон. Дар асоси ин нишондиҳандаҳо, сатҳи нисбатан баланди инкишофи қудрати инсонӣ дар Канада, Япония, ИМА, Нидерландия, Финляндия ва дар баъзе кишварҳои европоӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Вале ин раванд дар кишварҳои собиқ Шӯравӣ нигаронкунандааст. Масалан, дар асоси оморҳо соли 1992 Украина ҷои 54 - ӯм, Россия ҷои 52 – ӯм ва соли 1998 боз Россия аз рӯи ин нишондод ҷои 72 - ӯм ва Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, ҷои 113 ӯмро дар байни 175 кишвар ишғол намудааст [11, с.281].

Раванди модернизатсиякунонии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маорифро дар санадҳое, киҳамкориҳои байналмилалиро ба танзим медароранд, мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, боби ҳафтуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ба ин масъала бахшида шудааст. Тартиби таълим, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии дигар давлатҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, бо шартномаҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф, муассисаҳои таълимӣ

ва дигар ташкилотҳо бо мувофиқа бо муассис (муассисон) баста мешаванд, танзим карда мешавад.

Ин бахш инчунин заминаи ҳуқуқии муносибатҳоро баррасӣ мекунад. Аз ҷумла, мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи маориф метавонанд бо муассис (муассисон) ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф, инчунин бо дигар муассисон ва ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ шартнома банданд [2].

Дар айни замон дар Тоҷикистон шумораи зиёди барномаҳои байналмилалӣ амалӣ шуда истодаанд, ки ба ҳаёти хонандагон ва омӯзгорон таъсир мерасонанд. Ин барномаҳо ба воситаи ҳамгироии стандартҳо ва анъанаҳои ҷаҳонии таълим ба системаи миллии таълим мусоидат мекунанд. Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» то ба имрӯз тавонист бевосита бо 104 муассисаи таълимии хориҷи кишвар шартномаи ҳамкорӣ бандад [59, с.187]. Таъсири мусбӣ ва манфии раванди ҷаҳонишавӣ ба соҳаи маориф хеле зиёд ба назар мерасад. Гузариши фарҳангҳои гуногун дар ҷомеа амалӣ гардида истодааст, аз як тараф ҳамоҳанг будан бо раванди ҷаҳонишавӣ ва аз тарафи дигар, нигоҳ доштани ҳастии худ (фарҳанг, забон, таърих ва дигар арзишҳо) корро мушкил намудааст. Истифодаи воситаҳои гуногуни технология (компютер, телевизион, интернет ва ғайра), истифодаи забони анлисӣ дар муошрати рӯзмарра дар фаъолиятҳои гуногунҷабҳа дар лоиҳаҳои байналхалқӣ, ба аз байн рафтани сарҳадот дар фазои фарҳангӣ оварда расонидааст. Ба андешаи олимони соҳа: «дар замони истиқлолият аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 50 санади муҳими давлатӣ оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи илму техника ва тарбияи кадрҳои илмӣқабул гардида, айни ҳол дар ин самт бо зиёда аз 30 кишвари хориҷ барои ҳамкориҳои судманд созишномаҳо ба имзо расонида шудааст» [55, с.153-154].

Баровардани масъалаҳои маорифроба сатҳи байналхалқӣ идомаи аънанаи неки таърихӣ номидан мумкин аст. Масалан, мулоқоти Директори куллӣ ЮНЕСКО Кончиро Матсууру бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон

(31 октябри соли 2012), ки он оғози давраи нав дар васеъ намудан ва дақиқ намудани ҳамкориҳо гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба саҳми ЮНЕСКО дар ҳамкориҳо дар соҳаи илм, маориф ва фарҳанг, нигоҳ доштани мероси табии ва фарҳангӣ баҳои баланд дода қайд кардааст: «Дар ин радиф ЮНЕСКО ҳамчун созмон беназир баҳисоб меравад» [68, с.297].

Ҳамкориҳо бо созмонҳо ва давлатҳо дар соҳаи маориф бад нест, вале бояд донист, ки кӯшиши ҷустуҷӯи роҳҳои пешгирӣ аз таҳдидҳои замони муосир ва нигоҳ доштани фарҳанги миллӣ, фақат дар ташаккули худшиносии миллӣ ва ифтихор аз он аст. Воқеан зиракии сиёсиро дар соҳаи маориф набояд аз даст дод, зеро кишварҳои абарқудрат бо роҳи хеле осон ва камхарҷ, яъне таъсиррасонӣ дар сиёсат оид ба масъалаи маорифро ҷузъи барномаҳои аслии худ қарор доданд. Бо пешниҳоди барномаҳои худ ва маблағгузорӣ дар ин самт ба сиёсатгузорӣ дар соҳаи мазкурсавор шуда ва мақсадҳои худро амалӣ менамоянд. Мушкилӣ дар он аст, ки зарари онҳо зуд ошкор намегардад ва даҳсолаҳо мегузарад, баъд маълум мешавад, ки миллат бо як барномаи беруҳи маориф рӯ ба рӯ гардидааст ва инро ҳама ҳис намекунад, фақат касоне дарк мекунанд, ки дарди миллатдӯстӣ доранд. Аз ин хотир ҳамоҳангкунии ин ду самти мухталиф (меъёрҳои маорифи ҷаҳонӣва ҳифзи манфиатҳои миллӣ) хеле кори мушкил аст, вале шарти инкишофи устувори соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Дар ин асос муносибатҳо тағйир меёбад, барномаҳои иловагӣ дар мактабҳои маълумоти умумӣ ба миён меояд. Дар баробари ин дар дохили кишвар ризоияти волидайн ва ҳамкории онҳо бо коллективи педагогӣ хеле муҳим мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имрӯз, раванди модернизатсионии соҳаи маориф тағйиротҳои бунёдиро паси сар намуда истодааст, ки тамоми зинаҳо ва ниҳодҳои ин соҳаро фаро гирифтааст. Сиёсати нави иҷтимоии давлат, сиёсати кӯмак намудан ба давлат маҳсуб мегардад. Давлат барномарезӣ менамояд, ки маблағгузории буҷавии муассисаҳои таълимӣ ва лоиҳаҳо шаффоф ва назоратшаванда бошанд, пардохти ҳаққи ҳар як хонанда аз буҷа ба

таври фардӣ амалӣ гардад. Воситаҳои буҷавӣ барои иҷроиши лоиҳаҳои таълимӣ, дар асоси озмуни байни муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ тақсим карда мешаванд. Ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи маориф, чун сармоягузорӣ ба инсон аз рукнҳои асосии сиёсати давлатӣ эътироф гардидааст.

Тибқи ақидаи олимони хориҷии соҳаи иқтисод, сармоягузорӣ ба инсон, самараи назаррас медиҳад. Дар байни сатҳи маълумотнокӣ ва сатҳи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ вобастагии мустақим вуҷуд дорад. Яке аз асосгузорони назарияи сармояи инсонӣ – Т.Шулс исбот намудааст, ки дар иқтисодиёти ИМА даромад аз ҳисоби сармоягузорӣ ба инсон нисбат ба даромади ҷисмонӣ зиёдтар аст. Дар робита бо ин, дар кишварҳои бо сатҳи пасти амалсозии имкониятҳои инсонӣ ва сатҳи пасти даромад, сармоягузорӣ ба тандурустӣ, маориф ва илм нисбат ба бунёди корхонаҳои нав фоидаовартар аст. Яъне роҳи наздиктарини баромадан аз буҳрон барои кишварҳои дар ҳолати рушд ин сармоягузорӣ ба инсон ва маърифати ӯ мебошад.

Таҷрибаҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон мушкили ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ба лоиҳаҳои технологӣ дар соҳаҳои илму маориф ва таҳсилоти олӣ вуҷуд дорад. Душвории ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама, бо сабабҳои зерин алоқаманд аст: қонунгузории номукаммал, ноустувории молиявӣ, инфрасохтори қафомонда, коррупсия ва бюрократизм. Агарчи асоси меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф рушд карда истодааст ва амният дар ҷомеа ҳукумфармост, вале натавонистаем ризоияту ҷалби сармоягузорони хориҷиро дар соҳаи маориф бештар ҷалб намоем.

Муҳаққиқи ватанӣ Т.Г. Каримов дар рисолаи худ душвориҳои мавҷударо дар идоракунии маориф, аз ҷумла дар набудани муносибати ягона дар қабули қарорҳо, мавҷудияти сиёсати паст дар идоракунии соҳаи маориф, набудани низоми муайяни муассир дар арзёбиҳо ва натиҷагириҳои омӯзиш ва фаъолияти заъифи муассисаҳои таълимӣ мебинад. Дар идома зикр менамояд, ки:

«ғайримарказикунонии соҳаи маориф бояд яке аз усулҳои калидии идоракунии таҳсилот ва тақсимоти захираҳо гардад, ки барои он заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, роҳ ва усулҳои ҳисоботдиҳӣ ва назоратӣ таҳия ва эҷод карда шавад. Мувофиқи қонунҳои амалкунанда, соҳаи идоракунии маориф дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ муштаракан ба роҳ монда шудааст» [125, с.10-11].

Дар заминаи навсозии сиёсати давлатии соҳаи маориф вазифаи ҷалби захираҳои иловагӣ барои рушди соҳаи маориф аҳамияти хоса пайдо мекунад. Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои охир болоравии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мегардад ва аз ин ҳисоб соҳаи маориф дар сатҳи зарурӣ дастгирӣ карда мешавад. Лекин муассисаҳои олӣ аз ин бештар ба дастгирӣ ниёз доранд. Зеро ниёзмандии ҷомеа ба маориф ва илм, хусусан ба мутахассисони соҳибмаълумоти олӣ хеле зиёд афзудааст, вале воситаҳои таълимӣ, ба хусус маблағ барои нашри китобҳо хеле кам ҷудо карда мешавад. Далел овардан аз имкониятҳои маҳдуд ва нокифояи молиявии давлат нисбат ба маориф натанҳо натиҷаи сиёсати кӯтоҳандешона аст, балки дуруст сарфаҳм нарафтан бар худи мавзӯъ аст. Агар чи рақамҳо баланд (миллионҳову миллиардҳо) нишон дода мешавад, вале муқоиса бо соли 1991 кам аст, зеро маблағи ҷудонамуда ба соҳаи маориф дар он сол 8,9% - и ММД – ро ташкил медод. Вале соли 2005, ин сармоягузорӣ ба 3,5% коҳиш ёфт. Нишондиҳандаҳои оморӣ дар солҳои 2015, 5,1% - и ММД ва ҳатто дар соли 2019, 6,3% ММД – ро ташкил медиҳад [53, с.139-140]. Бояд иқрор намуд, ки замони ҷудо намудани маблағ фақат барои маоши кормандон ва муаллимон гузаштааст, ҳол он ки он ҳам ночиз аст, зеро ба як зиндагии шарафмандонаи омӯзгор нокифоя аст. Дар баробари ин аз устодони соҳибқалам ва соҳибтаҷриба дилҷӯи кардан лозим аст, ки китобҳои илмӣ ба нашр расонанд. Хушбахтона тадбирҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар солҳои охир бештар ҳис карда мешавад.

Аз таърихи дигар давлатҳо хусусан кишварҳое, ки ҷангҳоеро аз сар гузаронидаанд, бояд омӯхт. Хотираҳои баъдиҷангии аксарияти давлатҳо аз ҷумла Япония, Германия, Корея мояи ибрат аст. Бояд дарк кард, ки рушди босуръати ин давлатҳо, пеш аз ҳама, бо истифодаи захираҳои зеҳнӣ ва иқтидори системаи маориф вобаста аст, ки ин асоси рушди бомуваффақияти онҳо гардид. Вале дар кишвари мо, зиёда аз 25 сол аст, ки аз таъсири манфии ҷанги шаҳрвандӣ берун нашудаем, ҳол он ки ҷангҳои онҳо бо ҷанги шаҳрвандии мо ҷои қиёс надорад. Агар савол гузошта шавад, ки чаро дониши донишомӯз дар мактабҳои миёна ва донишҷӯ дар донишгоҳҳо дар сатҳи паст қарор дорад?, ҳамоно ҷавоби ягона – таъсири ҷанги шаҳвандӣ аст. Магар ин аз рӯи мантиқ аст? Агар не, пас чаро роҳи ҳалле барои бартарафсозии он пайдо намекунем?

Маблағгузории афзалиятнок дар соҳаи илм, маориф ва фарҳангро на кишварҳои тариққикардаистода, балки он кишварҳои заиф низ саъю кӯшиш доранд онро таъмин намоянд. Хароҷоти молиявии назаррас ба инкишофи маориф на натиҷаи некӯаҳволии кишвар, балки сарчашмаи ҳама дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо ба ҳисоб меравад [111, с.283].

Дар раванди модернизатсионии соҳаи маориф, ба масъалаҳои соҳаи мазкур, ислоҳоти раванди таълим ва тарбия, масъалаҳои ташаккули тафаккури солим ва баланд бардоштани сатҳи маънавиёти шахс ва ташаккули шахсият ҳамчун омили муҳим диққати аввалиндараҷа дода шудааст. Чи тавре, ки Э. Раҳмон қайд мекунад: «Дар назар бояд гирифт, ки диққати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, ҳалли масъалаҳои ҷойдошта дар сатҳи сиёсати давлатӣ, аҳамияти муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ-фарҳангиро дорад. Маориф дар дарки васеъ ва муосир, яке аз масъалаҳои ҳаётӣ ва ҷаҳонии асри XXI ба ҳисоб рафта, ҳар яки моро водор менамояд, ки ба он бо диққати махсус ва масъулияти баланд муносибат намоем. Зеро, инкишофи ҷомеа, рушди устувори иқтисодиёт, таъминоти амнияти миллӣ ва давлатӣ ва умуман кӯшиши баланд рафтан дар сатҳи ҷаҳонии иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ, илмӣ

ва фарҳангӣ, пеш аз ҳама, аз мукаммалгардонии бемайлони раванди таълимии шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста аст» [70, с.327]. Аз ҷумла, ин масъала ба Вазорати маориф ва илм, институтҳои илмии Академияи илмҳо, Маркази тадқиқоти стратегӣ ва дигар ташкилотҳои илмӣ, инчунин факултетҳои ҷамъиятшиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки ояндаи ҷомеа аз кори онҳо вобаста аст, дахл дорад.

Бояд қайд кард, ки агар чӣ сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф самти илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникиро дар замони муосир афзалият додааст ва ин маънои онро надорад, ки нисбати илмҳои ҷомеашиносӣ бетаваҷҷӯҳӣ зоҳир гардидааст. Хушбахтона, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт як қатор қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои муҳимми расмӣқабул карда шудаанд, ки барои беҳтар гардидани вазъияти таълими фанҳои ҷомеашиносӣ мусоидат менамоянд. Махсусан, қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 (№ 661) «Дар бораи тасдиқи тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015», ба таври ҷиддӣ диққати олимон ва мутахассисонро ҷалб намуд. Илова бар ин, тибқи иҷроиши протоколи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 3213 аз 27-уми сентябри соли 2010 дар Вазорати маориф - Шурои ҳамоҳангсозии таълими фанҳои иҷтимоӣ-ҷамъиятшиносӣ низ таъсис дода шуд. Шуро барои ҳар як фан, аз зумраи олимони варзидаи мактабҳои олӣ ва Академияи илмҳо гуруҳҳои корӣ таъсис дода, оид ба нақша ва барномаҳои нави таълимии ин фанҳо кори пурсамареро ба анҷом расонидаанд. Дар ин ҷаласа гуруҳҳои корӣаз фанҳои ҷамъиятӣ баҳри таҳияи нақшаҳои нави таълимӣ таъсис дода шуда буд, вале ин ҳам натиҷаи дилхоҳе надод [96, с.186].

Дар воқеъ, илмҳои ҷомеашиносӣ инсонро дорои сифатҳои баланди инсонӣ, маҳорат ва қобилияти зарурӣ дар фаъолияти ҷамъиятӣ мегардонад. Чи тавре, ки Р. С. Комилов ва М. А. Назаров қайд намудаанд: «Донишҳои иҷтимоӣ - гуманитарӣ ба омӯзиши муносибатҳо дар доираи соҳаи «инсон-ҷамъият»

ҷалб шудаанд ва инсон ҳамчун хориқаи иҷтимоию фарҳангӣ дар ҳудуди зуҳуроти фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, динӣ, экологӣ ва дигар зуҳуроти иҷтимоӣ омӯхта мешавад. Предмети донишҳои иҷтимоӣ - гуманитарӣ «холис инсон» набуда, балки ҳампайвастагии «инсон ва олам», «инсон ва ҷамъият» мебошад» [49, с.295-296].

Нақши фанҳои ҷамъиятӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо на танҳо пешниҳоди донишҳои илмӣ, балки чи тавре, ки А. Муҳаббатов қайд менамояд: «ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи оштинопазир бо зуҳуроти бераҳмӣ, зуроварӣ, ҳарисӣ, бенизомӣ, хасисӣ, бечуръатӣ, кӯшиш ба фоидаи осон, боигарӣ, мубориза бо ноумедиву маъюсӣ ва дигар падидаҳои номатлуби ҷамъиятӣ равона карда шудааст» [61, с.83].

Мо итминон дорем, ки илмҳои ҷомеашиносӣқисми таркибии раванди таҳсилот ба ҳисоб рафта ва барои омода намудани мутахассисони касбӣ маҳдуд нагашта, инчунин ҷиҳати ташаккули шахсияти солим имконият фароҳам меорад. Вале мутаассифона, имрӯз мо бештар зери фишори муносибатҳои технократӣ дар интихоби афзалиятҳо дар маориф, илм ва аз нав тайёр намудани кадрҳо қарор дорем. Хатарнокии ин масъала дар он аст, ки амали анҷомшудаи худро ҳамчун фаъолияти модерн дар соҳаи маориф медонанд. Ин хатари ҷиддӣ ба тамаддун ба ҳисоб меравад. Зеро, маълум аст, ки рушди техникӣҳамроҳ бо бе таваҷҷуҳӣ ба масъалаҳои маънавию ахлоқӣ метавонад ба пастравии фарҳангӣ оварда расонад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ташаккули фарҳанги инсонпарварона ва масъалаҳои маънавию ахлоқӣҳаргиз зидди пешравиҳои мутахассисони технократ нестанд ва баръакс онҳоро барои рушди ҷомеа як амри зарурӣ медонанд. Дар робита ба ин, нуқтаи назари олимон, омӯзгорон ва ходимони маорифро, ки ба аҳамияти асосҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумибашарӣ барои рушди ҷомеа диққат медиҳанд, дастгирӣ кардан мумкин аст. Танҳо ин равиш метавонад моро аз ҷаҳолат ва бепарвоӣ, ки имрӯз сиёсат, иқтисод, робитаҳои байналмилалӣ, экология ва

таҳдиди паҳншавии фарҳангҳои бегона, ки дар ҳама ҷо паҳн шудаанд, нигоҳ дорад.

Самти мусбии ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки донишҳои ҷомеашиносӣ вақтҳои охир аллакай аз тарафи шуури ҷамъиятӣҳамчун чизи барзиёдатӣ беаҳмият қабул карда намешавад. Имрӯз, ҳаракати фаъол барои дарк ва зарурати онро дар тайёр намудани мутахассис дар асоси барномаҳои маълумоти олии касбӣ бештар ба назар мерасад. Сарфи назар аз рушди фаъоли ҷомеаи иттилоотӣ ва таъсири он, мо бояд дарк кунем, ки бидуни донистани забонҳо, адабиёт ва таърих сатҳи баланди фарҳангро дар кишвар нигоҳ доштан ғайриимкон аст. Дар акси ҳол, хатари гум шудани ҳувияти миллӣ вуҷуд дорад. Масъалаи марказии маълумоти илмҳои ҷомеашиносӣ дар мактаб ва муассисаҳои таълимии олӣ, ин пеш ҳама инкишоф ва нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, ҳамчунин ташаккули ҳувияти миллӣ боқӣ мемонад.

Дар ҷаҳони муосир забони тоҷикӣ бо як қатор мушкилоте рӯ ба рӯ мешавад, ки ба рушди он таъсири манфӣ мерасонанд. Пеш аз ҳама, ин истифодаи аз ҳад зиёди иқтибосҳо ва луғатҳои махсус, аз ҷумла лаҳҷаҳо ва талаффузи нодурусти забон мебошад, ки дар ВАО ва суханрониҳои оммавӣ фаъолона таблиғ карда мешаванд. Илова бар ин, дар мактабҳо ва донишгоҳҳо таълими забони адабии тоҷикӣ, адабиёт, таърих ва дигар илмҳои ҷамъиятӣ заиф шудааст. Инчунин мушкилоти нокифоя будани соатҳои омӯзишӣ вуҷуд дорад. Масалан, профессор А. Н. Маҳмадов қайд менамояд, ки: «имрӯзҳо дар аксари макотиби олии мамлакат фанҳои ҷомеашиносӣқариб, ки ба фанҳои беэътибор табдил ёфта, бо ҳар баҳона сол то сол миқдори соатҳо санҷишу имтиҳонҳои ин фанҳо ба маротиб ихтисор карда мешаванд» [96, с.186]. Дар ҳолате, ки зарурати омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ, ки дар баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинӣ аҳамияти бузург дорад ва ин масъулияти омӯзгорони фанҳои ҷомеашиносиро дар назди ҷомеа баланд менамояд.

Имрӯз, нисбати нигоҳ доштан ва инкишофи фарҳанг ва забони тоҷикӣ аз тарафи факултетҳои филология, фалсафа ва кафедраи фалсафаи

умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар шӯъбаву раёсатҳои ин муассисаи таълимии олӣ бисёр корҳо амалӣ карда мешавад. Рӯзҳои забон ва фарҳанг, конференсияҳои илмии донишҷӯён, олимпиадаҳои аз забони тоҷикӣ дар донишгоҳ ба ҳукми анъана даромадаанд, ки дар онҳо устодон ва донишҷӯён фаъолона ширкат меварзанд. Дар факултетҳои донишгоҳ 114 маҳфили ҷамъиятии илмии донишҷӯён амал мекунад, ки он дар рушди забон хеле кумак менамояд.

Мушкилоти дигари марбут ба ҳифзи забони тоҷикӣ паст шудани мақоми он ҳамчун забони давлатӣ дар фазои пасошӯравӣ мебошад. Нигоҳ доштани забони тоҷикӣ ҳамчун рамзи беназири фарҳангӣ ва таърихӣ, ки халқҳои моро муттаҳид месозад, муҳим аст. Дар хориҷи Тоҷикистон забони тоҷикӣ дар пешбурди сиёсати давлатии мувофиқ ба забони тоҷикӣ нақши муҳим дорад. Дар гузашта, хусусан дар асрҳои миёна, забони тоҷикӣ-форсӣ забони дуюми илм буд. Олимони мо бояд ин мақоми таърихии забонро барқарор кунанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки бо баҳонаи амалӣ намудани раванди модернизатсиякунонӣ набояд унсурҳои асосӣ ва таркибии як миллатро нобуд сохт. Навсозӣ ва ислоҳот вазифаи муҳимест, ки ба ҳама сатҳҳои таҳсилот, аз мактаби ибтидоӣ то донишгоҳ таъсир мерасонад. Дар ин кор тадқиқот, ташхис, санҷиш ва такмили системаи маориф гузаронида мешавад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди рушду дигаргуниҳо, яъне модернизатсияи ҷомеа дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон нақши миллат ва арзишҳои миллӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Нодида гирифтани ин ҷанба метавонад боиси аз байн рафтани миллат ва арзишҳои он дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ гардад. Одами муосир асири тамаддуни технологӣ шуд, ки онро худаш офаридааст. Дар баробари дастовардҳои барҷастаи илмӣ, инсоният тамоюли маънавӣ ва арзишҳои воқеии ҳаётро торафт аз даст дода, оҳиста-оҳиста ба таназзули фарҳангӣ ҳаракат мекунад. Имрӯз бояд дар бораи наҷоти тамаддун, пеш аз ҳама, ҷузъи маънавии он сухан ронем, зеро масъалаи бартараф кардани фарқияти байни тафаккур ва рафтори доимо тағйирёбандаи

инсон ва ҷаҳони воқеӣ масъалаи калидӣ аст. Ба ақидаи мо, роҳи мувофиқ тавассути бозгашт ба маънавияти фарҳангию миллӣ аст, ки метавонад саҳми арзишманд дар тарбия ва таълими насли нав бошад. Хушбахтона, дар кишвари мо масъалаи эҳёи арзишҳои миллӣ рӯз аз рӯз муҳимтар мегардад.

Чуноне, ки Президенти кишвар дар Паёми соли 2019 оиди ин масъала диққати махсус дода қайд карданд, ки: «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем. Бахусус дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияи иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад. Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби «Тоҷикон»- ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30 - солагӣ истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар туҳфа намояд» [22]. Сарвари давлат инчунин супориш доданд, ки ин китобро ба якчанд забонҳои хориҷӣ тарҷума ва нашр кунанд ва нусхаи электронии онро дар интернет ҷойгир кунанд.

Инкишофи шахсияти озод, инсондӯст ва масъулиятшинос бевосита бо низоми арзишҳои маънавии он алоқаманд аст. Зеро, худсозӣ ва маънавиятёти баланд инсонро водор менамояд, ки манфиатҳои дигаронро қурбони манфиатҳои худпарастонаи худ накунад ва фоидаи шахсии худро аз дигарон боло надонад. Оид ба арзишҳои маънавӣ танҳо дар ҳамон ҳолат сухан гуфтан мумкин аст, ки бо пурсишҳои: ба хотири чӣ фаъолияти инсон амалӣ мегардад?, дастоварди ин ё он мақсад, саъйю кӯшиш ва ният чӣ нафъ дорад? Ҷавоби қонеъкунанда дода шавад. Аз ин рӯ, соҳаи арзишҳои маънавӣ чунин мафҳумҳо ба монанди маънои ҳаёт, меҳру муҳаббат, некӣ, нафъи умумӣ, арзишҳои инсонӣ, миллӣ, давлатӣ ва ғайраро фаро мегирад. Агар чунин бошад, пас инсон

ҳамеша арзишҳои маънавии худро дар мухолифи хостаҳои мухталифи шахсӣ, ки на ҳамеша хусусияти мусбиро доранд, дарк менамояд.

Бо дарназардошти мураккабӣ ва аҳамияти масъалаи мавриди назар, метавон гуфт, ки фаъолият дар соҳаи маориф бояд ба ташаккули арзишҳо, аз қабили худмуайянкунии маънавӣ, тарбия ва рушди сифатҳои миллӣ, инчунин дигар самтҳои фарҳангӣ равона карда шавад. Ба таваҷҷӯҳи ҳар як кудак бояд расонид, ки ба тарафи маънавии ҳаёт рағбати бештар пайдо карда, то инсонияти ӯ рушд намояд. Вақте арзиши инсоният дар шахс рушд намуд, маълум аст, ки фаъолияташ бештар ба нафъи ҷомеа ва мақсаднок хоҳад буд. Танҳо маълумоти шахсиву дуруст ва самтгирии комил метавонад чунин мақсадро ба даст орад. Агар мо мебинем, ки Европа ҳамчун минтақаи «орзуҳо» барои миллатҳои дигар гардидааст, омили асосияш дар ҳамин аст. Онҳо тавонистанд сармогузории бештар ба худи "инсоният"-и инсон намоянд, то ӯ озодихоҳ, масъулиятшинос, адолатҷӯ, бовиҷдон ва эҷодкор бошад, ки ин ҳама аз соҳаи тарбияи онҳо вобастааст, агар чи дар масъалаҳои ахлоқӣ як навъ таназзул дида мешавад. Аз ин хотир аст, ки тавассути ВАО мебинем, агар дар як гӯшаи олам ба миллате ё гурӯҳе зулме шавад, онҳо садои худро баланд менамоянд, кучо расад ба миллатҳои дохили минтақаи худ, ки ин ҳама аз вичдони бедори онҳо хабар медиҳад. Мутаассифона дар баъзеҳолатҳо он садоҳо бозичаи субъектони муайяни сиёсати бузургонқарор мегиранд.

Ташаккул додани талаботҳои маълумоти шахсӣ, ки дар мавқеъгирии шахс хеле зарур аст, дар талаботҳои зерин асос меёбад: озодӣ ва масъулиятшиносӣ, адолат, эҷодиёт, ҳамкорӣ ба хотири инкишофи эҷодиёти фардӣ, низоми муайяни тарбия [127, с.22]. Арзишҳои миллӣ аз вазъияти ҷамъиятӣ дар ҳар як давраи мушаххаси таърихӣ вобастаанд. Дар навбати худ, ҳар як ҷомеа ҳамеша дорои низоми тарбиявии худ мебошад, ки бо арзишҳои миллӣ мувофиқ бошанд. Дар вобастагӣ аз идеологияи ҳукмрон арзишҳо метавонанд дар шакли тағйирёбанда ё пӯшида мавҷуд бошанд.

Ба тамоми мухолифатҳои мавҷуда дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ нигоҳ накарда, имрӯз мо имконияти таърихӣ дорем, ки на танҳо арзишҳои миллии худро нигоҳ дорем, балки онҳоро ғанӣ гардонем ва дар шакли арзанда бо онҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гардем. Барои ин зарур аст, ки низоми таълимии Тоҷикистон миллӣ гардад. Аммо барои ин бояд ҳамкорӣ, муколама ва сиёсати "дарҳои кушода" ҳам дар сатҳи дохилӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ рушд дода шавад.

Таърих нишон медиҳад, ки маориф на танҳо воситаи пешрафти иҷтимоӣ, балки яке аз омилҳои асосии рушди инсоният мебошад. Дар ҷаҳони илмии муосир таҳсилот ҳамчун консепсияи ҳамаҷониба, объекти омӯзиш дар фанҳои гуногун баррасӣ карда мешавад. Аз як тараф, маориф манбаи иттилоот ва аз тарафи дигар, қувваи пешбарандаи рушд ва ташаккули ҷомеа маҳсуб меёбад [37, с.12].

Ба андешаи олимони соҳа, мақсади сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маориф – чун самтгири асосӣ дар ташаккули сиёсати таҳсилотӣ дар ҷиҳатҳои зерин асос меёбанд: «мутобиқати манфиатҳои шахсӣ, ҷомеа, давлат дар соҳаи маориф; нигоҳ доштани дастовардҳои бунёдӣ дар соҳаи маориф ва инкишофи он; таъмини ягонагии маълумоти зинаҳои гуногун, ислоҳоти маълумот дар раванди инкишофи бефосилаи шахсият дар тӯли тамоми ҳаёт бо назардошти маълумоти пешина ва болоравии касбӣ; баланд гардидани нақши давлат ва ҷомеа дар идоракунии соҳаи маориф ва баҳогузории натиҷаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар тамоми зинаҳои соҳаи таҳсилотӣ; нигоҳ доштани нақши пешбари муассисаҳои давлатӣ ва дастгирии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ дар соҳаи маориф; дастгирии ташаббусҳои ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф» [79, с.282-283].

Дар айни замон дар назди системаи маориф мушкилоти ҷиддӣ – омода намудани фаъолони ояндаи ҷомеаи Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун қарор дорад. Ба масъалаи кор бо ҷавонон диққати махсус дода мешавад. Таъкид кардан муҳим аст, ки дар шароити дигаргунсозии ҷомеа ташаккули самтҳои

арзишманд дар раванди таълим аҳамияти махсус пайдо мекунад. Тадқиқотҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки моҳияти модернизатсияи таълим аз рушди қобилиятҳои шахс ва худшиносии он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа иборат аст. Ин барои расидан ба зарфияти пурраи ҳар як шахс зарур аст.

Оид бараванди модернизатсионӣ инро бояд ёдовар шуд, ки ин раванд хоси кишварҳои ғарбӣ нест ва ё раванди ғарбигардонӣ низ маҳсуб намешавад. Чуноне, ки муҳаққиқи ватанӣ Муҳабатов А. қайд менамояд: «…раванди модернизатсионӣ танҳо раванди ғарбигардонӣ набуда, кишварҳои алоҳида метавонанд, ки вобаста ба ҳувият ва хусусиятҳои маданиву фарҳангиашон онро ба роҳ монанд, ки дар ин раванд Тоҷикистон низ ворид мешавад» [98, с.281]. Пас моро зарур аст, ки раванди модернизатсионӣ дар соҳаи маорифро омӯхта, хусусиятҳои маданиву фарҳангиамонро дар он ҷой дода тавонем. Инчунин бояд беҳтарин низоми маорифро дошта бошем, ки дар оянда аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ донишҷӯён барои таҳсил ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар намоянд.

Ҳамин тариқ, дар ҷаҳони муосир, ки ҷомеа бо суръати баланд тағйирёфта истодааст, аллакай баррасии масъалаи маориф танҳо ба сифати маҷмӯи назариявии дониш ғайриимкон аст. Дар шароите, ки маориф ба сифати арзиши муҳим ва сармояи асосии ҷомеаи инсонӣ ба ҳисоб меравад, мақсад ва ҳадафи соҳаи маориф бояд ба зеҳн ва такмилдиҳандаи камолоти шахсияти инсон табдил ёбад. Дар алоқамандӣ бо чунин масъалагузорӣ, вазифаи маорифи муосир на «пурра» намудани инсон бо доираи муайяни донишҳо, балки ташаккули тафаккури муосир ва инкишофи шахсияти инсон мегардад. Барои ҷомеаи муосир одамони боахлоқ, ботадбир ва робитавӣ заруранд, ки бо азхудкунии донишҳои нав, қабули қарорҳои мустақили худ ва бо таҳлили самаранокии фаъолиятҳо ва доштани қобилияти баланд таъсири илмии худро расонида тавонанд. Вале бояд қайд кард, ки хушахлоқӣ ва бо тадбирӣ ба танҳоӣ кофӣ нест ва бояд аз илмҳои замони худ, техника ва технологияи муосир огоҳ бошад.

Аз ин ҷо, дар маҷмуъ сатҳи умумифарҳангии донишҷӯён ғайриқобили қабул аст ва он беҳбудиро талаб менамояд. Сатҳи хеле пасти фарҳанги нутқ, ташаккули носаҳеҳи сатҳи илмӣ ва камсаводии онҳо дар баён намудани ақидаҳои шахсӣ, бе тафовутӣ нисбати илм ва ҷомеа, истифодаи комил набурдан аз шароити мавҷуда барои илмазхудкунӣ ва даҳҳо омилҳои дигар метавонанд далели ин гуфтаҳо бошанд, ки дар як калом ҷомеаи муосир дар ҳолати таназзул қарор дорад. Зикр кардан бамаврид аст, ки фоидаи илмҳои ҷомеашиносӣ дар иҷтимогардии маълумоти олӣ нақши муҳим дорад ва онро яке аз воситаҳои бартараф намудани масъалаҳои иҷтимоӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ медонад ва дар ин самт хизмат менамояд.

Сабаби бемайлии ҷомеа дар самти кор кардан аз рӯи тафаккур, баланд бардоштани он, тағйири беасолатӣ, мукаммалгардонии ташаккули шахсӣ дар чист? Мумкин аст, ки ноустувории иқтисодӣ, буҳрони фарҳангӣ, экологӣ ва ё фаровонии моддӣ ва ғайраҳоро сабаби асосӣ донист. Вале,ҳамаи масъала ин нест ва он то ба имрӯз пайдо нашудааст, шахсе ва ё гуруҳе, ки бо тамоми ҳастӣ сармоягузорӣ намояд. Бадбахтона бо баҳонаҳои ислоҳот низомеро ҷорӣ намуда истодаем, ки бетафовутии кормандон дар соҳаи маориф хеле зиёд гардида истодааст. Ҳатто касоне, ки поквиҷдонона мехоҳанд, ки раванди таълим ҷоннок карда шавад, онҳо низ ноумед шуда истодаанд. Масалан, гӯё раванди имтиҳонро аз таҳдиди фасодкорӣ дур нигоҳ доранд, бо чандин усул кор гирифта истодаанд, вале худ шоҳиданд, ки ҳеҷ коре карда натавониста ва баръакс он натиҷаи манфӣ дода, ё ин ки онро ба манфиати худ истифода мебаранд. Набояд фаромӯш кард, то инсонияти инсон, хусусан дар соҳаи илм ташаккул наёбад ва тарбия нашавад, ҳар коре, ҳар мақомоти наве ва ҳар барномаи наве эҷод ва ҷорӣ накунем, натиҷааш ҳамин, ки ҳаст, ҳеҷ беҳ нахоҳад шуд. Фақат харҷҳои беҳуда ва ислоҳоти «даврӣ», дар атрофи худ давр мезанем ва пешрафт намекунем.

Масъалаи дардноки дигар ин раванди “интиқол додан” дар мактабҳои олӣ аст, ки воқеан фикри қавӣ ва тасмими ҷиддӣ мехоҳад. Дар низоми кредитӣ

интиқол ҳаст, инро касе рад намекунад. Аммо раванди амалишавии он чи гуна бояд бошад? Имрӯз дар амалия мебинем донишҷӯеро, ки интиқол ва ё барқарор кардаанд, ба ӯ як варақаи «фарқият» дода мешавад, ки аз 7, 8 ва ё бештар фанҳои гуногун ҳамчун фарқ нишон дода шудааст ва барои гирифтани ҳамаи онҳо як ё ду ҳафта мӯҳлат медиҳанд, ин куҷо аз рӯи адолат аст? Донишҷӯ, не агар устоде, ки номзад ҳам бошад, аз уҳдаи ин кор баромаданаш ё ғайри имкон аст ва ё хеле мушкил аст, пас ин масъала роҳи ҳалли худро мехоҳад. Набояд ба донишҷӯ супорише дод, ки иҷро карда натавонад ва ё устодоне, ки дониш талаб мекунанд, онҳоро гунаҳгор донист. Фақат роҳи ин равандро бояд дуруст кард. Ҳатман ба ӯ варақаи «фарқият» дода шавад, ки бидонад аз кадом фанҳо қарздор аст ва ба қадри имкон кредитҳои дарсиро супорад ва бо дигар гурӯҳҳое, ки он фанҳои таълимиро мехонанд бо факултет ҳамоҳанг карда онро хонанд. Масалан, донишҷӯ вақте интиқол дода мешавад, агар курси ду бошад, он дарсҳоро курсҳои як мехонанд, баъд аз дарс бо он гурӯҳҳо дарсҳоро хонанд ва ё бо кафедраҳо ҳамоҳанг карда дарси иловагӣ бо пардохти маоши муайян барои устодон дарсҳо хонда шавад ва баъд имтиҳон супоранд, на ин ки нохонда дар муддати ду ҳафта бо баҳонаи фарқият ва мӯҳлати маҳдуд аз масъулияти хондан ва супоридани имтиҳонҳо худро дар канор гиранд. Тааҷҷуб дар он аст, ки баҳои бо фарқият гирифтаи донишҷӯи интиқолӣ аз аксари донишҷӯёне, ки он фанни таълимиро ба пуррагӣ хондаанд, хеле баланд аст. Аз ин хотир сари ин масъала бояд андешид.

Аз масъалаҳое, ки дар боло зикргардидаанд чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки маорифи муосир – ҳамчун раванди гузаришиҷомеа ва таҷрибаи иҷтимоӣ, бояд ҷомеаи муосирро барои ҳаёти инсони мутамаддин омода намояд. Донишҳои ҷомеашиносӣ имконият медиҳад, ки инсон мавқеи худро дар ҷомеа, дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дарк намояд, қобилияти санҷиши қувваи маънавии худро такмил диҳад ва ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат намояд.

Бояд қайд кард, ки илмҳои ҷомеашиносии муосир – падидаи умумиҷаҳонӣ буда, се шарти асосиро фаро мегирад:

- якум, истифодаи захираҳои тамаддуни умуминсонӣ ва истифодаи воқеии имкониятҳои илмӣ-техникӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ;

- дуюм, ба арзишҳои фарҳангии халқу миллати худ шинос намудани халқҳои дигар;

- сеюм, таъмини дархостҳои иҷтимоӣ ба донишҳо ва илмҳои нави замонавӣ.

Ба таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ назар афканда, мо мебинем, ки дар донишгоҳҳои техникии ИМА, Германия, Шветсия, Япония ва ғайра, ҳанӯз дар охири асри XX ислоҳоти бузурги маориф гузаронида шуд, ки дар натиҷа мавқеъ ва теъдоди фанҳои ҷомеашиносӣ то 25-30% зиёд гардид. Имрӯзҳо омӯзиши фанҳои таълимии психология, психологияи сиёсӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ, таърихи ҷаҳонӣ, санъати тасвирӣ, фарҳангшиносӣ, якчанд забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои техники давлатҳои хориҷӣ чун зарурати ҳаётӣ ба миён омадааст. Таҳқиқоти олимони америкоӣ нишон медиҳанд, ки муҳандисон дар 30-40 солагӣ ба фанҳои ҷомеашиносӣ шавқу рағбат пайдо менамоянд, зеро вазифаҳои роҳбарикунандаро ба даст оварда, нокифоягии тайёрии идоракуниро эҳсос менамоянд. Нақши махсус ба низоми маълумоти бефосила тааллуқ дорад, ки имконияти пурра намудани норасоӣ дар донишҳоро таъмин менамояд. Аксарияти донишгоҳҳои америкоӣ ба донишҷӯёни факултетҳои табиӣ имконият медиҳанд, ки аз ягон фанни ҷомеашиносӣ, дар факултетҳои ҷомеашиносӣ ихтисос пайдо намоянд. Ин дар ҳолати таъмин шудан ба кор кӯмак менамояд, ки шахс зуд ба муҳит ва ба шароити нав мувофиқ гардад. Маориф дар ҷомеа ва фарҳанг нақши муҳим мебозад ва инчунин ба тайёр кардани мутахассисон дар соҳаҳои гуногуни дониш, аз ҷумла соҳаҳои гуманитарӣ ва соҳаи илм мусоидат мекунад.

Натиҷаи таҳлили гузаронидашударо оид ба раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ ва нақши илмҳои ҷомеашиносӣ дар низоми маориф метавон ба таври зерин арзёбӣ намуд:

- соҳаи маориф яке аз омилҳои асосии инкишофи қудрати зеҳнии миллат ба ҳисоб меравад ва сиёсати давлатӣ онро амалӣ менамояд;

- маълумот асоси инкишофи навоварии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, аз бисёр ҷиҳат роҳҳои инкишофи минбаъдаи рушди ҷомеа ва тавоноии давлатро ташаккул медиҳад;

- муттаҳидгардии низоми маориф дар фазои байналхалқии маълумотгирӣ бо нигоҳ доштани дастовардҳо ва анъанаҳои мактаби миллии тоҷик наздик мешавад, ки ин яке аз бурдбориҳои раванди модернизатсионӣ дар самти маориф ба ҳисоб меравад;

- вазъияти буҳронӣ ба мақом ва нақши мактаби олӣ таъсири манфӣ расонидааст, ки омилҳои манфии онро муайян намудан зарур аст. Аз ин хотир, нақши илмҳои ҷомеашиносӣ барои берун баромадан аз ин вазъияти буҳронӣ кӯмак менамояд. Зеро фанҳои ҷомеашиносӣ ба ташаккули шахсият, амалинамоии дастовардҳои илмӣ ва бунёди фарҳанги солим дар ҷомеа мусоидат менамояд.

2.3. Ҳолат ва дурнамои рушди низоми маориф дар шароити ҷомеаи тағирёбанда

Раванди ислоҳоти ҷомеа шакли тағйиротҳои гузариширо касб намуда, ба таври ҷиддӣ муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низоми сиёсии давлатро дигаргун сохтааст. Вақтҳои охир таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои илмӣ ва тадқиқотӣ, ки ба такмил, рушд, беҳтаргардонӣ ва таъсиси институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин мутобиқсозии сиёсӣ, алахусус дар муҳити таълимӣ дахл доранд, меафзояд.

Аз ин ҷо, мо андеша дорем, ки ошкор намудани хусусиятҳои инкишоф ва дурнамои низоми маориф дар раванди гузариши ҷомеаи тоҷик аҳамияти

муҳимми назариявӣ ва амалиро доро мебошад зеро соҳаи мазкур имрӯз ҳамчун яке аз арзишҳои муҳимму асосӣ баррасӣ карда мешавад, ки бе он инкишофи минбаъдаи ҷомеаро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маориф ҳамчун соҳаи бисёрсамтаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта ва дорои сохтори хеле мураккаб мебошад.

Таъсири соҳаи маориф ба ҳаёти ҷомеа хеле бузург аст, зеро он аз муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ то муассисаҳоеро фаро мегирад, ки бояд заминаи ташаккули ҳаматарафаи шахсияти инкишофёбандаро таъмин намояд. Аҳамияти соҳаи маориф ҳамчун маҷмуи муассисаҳои таълимӣ, ки ба рушди шахсият, такмили малака, ошкор кардани истеъдод ва қобилиятҳои инсон ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, тақвият меёбад.

Таърихи инкишофи маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба даст овардани истиқлолият ба таври дақиқ ва ҳаматарафа дар рисолаҳои олимони зерин ба монанди: В.В. Бартолд, И.О. Обидов., Н.У. Гафаров, Н.Б. Ҳотамов [34; 65; 76; 123] ва ғайраҳо таҳқиқ, таҳлил ва ошкор карда шудаанд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, Тоҷикистон роҳи ислоҳоти иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоӣ, аз он ҷумла соҳаи маорифро пеш гирифт. Роҳбарияти давлати Тоҷикистон бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқӣ ва ягонаро дар кишвар ба роҳ монда, «дарҳои кушод»-ро самти асосии сиёсати хориҷии мамлакат эълон намуд ва бунёди давлати нави соҳибистиқлолро мақсади аҳли ҷомеаи Тоҷикистонӣқарор додааст.

Дар айни замон, дар соҳаи маориф як қатор масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ мавҷуданд ва мутобиқсозии он ба шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ талаб карда мешавад. Васеъ намудани иштироки ҷомеа дар раванди таълим ва идоракунии маориф барои бартараф намудани масъалаҳои зинаи поёнии маълумот, давомот ва нигоҳ доштани хонандагон то анҷоми пурраи зинаҳои маориф, зарур аст.

Ғайримарказикунонӣ бояд яке аз воситаҳои асосии идоракунии системаи таълимӣ ва тақсимоти захираҳо гардад. Барои ин, заминаи дахлдори қонунгузорӣ ва системаи ҳисоботдиҳӣ ва назоратро таҳия кардан лозим аст. Ғайр аз ин, муассисаҳои таълимӣ бояд ба захираҳои молиявӣ дастрасӣ дошта бошанд, то тиҷорати худро мустақилона идора кунанд. Дар айни замон, ҳамаи вазифаҳои амалӣ дар соҳаи маориф дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ҳал карда мешаванд, ки ин ба такрори вазифаҳо оварда мерасонад ва муассисаҳои таълимиро аз имконияти ташаббускорӣ ва ҳисоботдиҳӣ маҳрум мекунад. Дар ин ҷо ду зинаи маълумот – то мактабӣ ва маълумоти миёнаи умумиро таҳлил менамоем, зеро тамоми шаҳрвандон дар як навъе бо онҳо дар иртиботанд ва вобастагии ҷиддӣ доранд.

Дар айни замон, вақте ки ҷомеа доимо тағйир меёбад ва рушд мекунад ва бо ин шароити он ва раванди таълим низ тағйир меёбад. Ин раванд аз муассисаҳои томактабӣ оғоз меёбад. Дар солҳои охир шумораи чунин муассисаҳо ба таври назаррас коҳиш ёфта, фоизи кӯдакони таҳсилоти томактабиро коҳиш доданд. Ин махсусан дар деҳот, ки зиёда аз 75% аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ба назар мерасад. Сабаби асосии бад шудани вазъи таҳсилоти томактабӣ коҳиши маблағгузории давлатӣ аз буҷетҳои маҳаллӣ барои нигоҳдории муассисаҳои томактабӣ мебошад. Аз инҷост, ки мардуми деҳот қариб фаромӯш кардаанд, ки чунин муассисаҳое вуҷуд доранд. Барои ин гуфтаҳо ба сарчашмаҳои оморӣ рӯ меорем. Масалан, соли 1991 миқдори муассисаҳои таълимии томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 944 баробар буд, ки 533 адад аз онҳо дар шаҳрҳо, 391 дар деҳот амал менамуданд ва 141496 кудакони томактабиро фаро мегирифтанд, ки аз онҳо 106807 нафар дар шаҳр, 34689 нафар дар деҳот мавҷуд буд [64, с.142]. Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки миқдори муассисаҳои томактабӣ дар соли 2015 ба 578 адад расид, ки 92024 кӯдакро фаро мегиранд, ки аз онҳо 73671 нафар дар шаҳр ва 18353 нафари онҳо дар деҳот умр ба сар мебаранд, ки ин омор нисбат ба соли 1991 - 49472 нафар камтар аст ва аксари мутлақи онҳо дар шаҳрҳо қарор

доранд. Хушбахтона ин оморҳо дар соли 2019 каме рӯ ба беҳбудӣ оварда, муассисаҳои мазкур дар ҳудуди кишвар ба 662 адад расид, ки 432 адади он дар шаҳрҳо ва 230 адад дар деҳот фаъолият менамоянд, ки 102175 кӯдакони томактабиро зери назорати худ қарор дода, ки 79470 нафар дар шаҳр ва 22705 нафар дар деҳот мебошанд [64, с.13]. Дар солҳои охир соҳаи маълумоти томактабӣ диққати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро ба худ ҷалб намуда, як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣқабул гардидаанд. Якумин маротиба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таълим ва тарбияи томактабӣ» (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2013 таҳти рақами № 1056) қабул карда шуд, ки асоси ташаккули ҳуқуқӣ ва иқтисодии инкишофи маълумоти томактабӣ муайян гардид. Инчунин то ба имрӯз бо мақсади барқарор намудани муассисаҳои таълимии томактабӣ ду барномаи давлатӣ қабул карда шуд: «Барномаи давлатии инкишофи маълумоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» ва «Барномаи давлатии инкишофи маълумоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016» қабул карда шудаанд. Ҳамчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба навовариҳои соҳа, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (30.12.2014., №785) Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ тасдиқ карда шуда ва (29.04. 2015., №256) «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ» қабул гардид [59, с.9-10]. Ҳатто дар ин замина корҳои илмӣҳимоя гардидааст. Ин ҳама нишондиҳандаи он аст, ки дар ҳолати дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои гузошта дар қонунҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии мазкур дар солҳои оянда шоҳиди рушди соҳаи мазкур мегардем.

Дар раванди инкишоф ва дурнамои маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда маълум аст, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ миқдори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба маротиб зиёд гардидааст, вале дар баробари он ҳам вазъи демографӣ

нигаронкунандаст. Дар солҳои 2013-2015 миқдори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ба 158 адад ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 57 адад кам гардид, вале шакли нави таҳсилот барномарезӣ гардидааст. Имрӯз дар ҷумҳурӣ 151 муассисаи намунаи нав мавҷуд аст, ки онҳо 83 гимназия (61 давлатӣ, 22 ғайридавлатӣ), 68 литсей (60 давлатӣ, 8 ғайридавлатӣ) мебошанд. Инчунин дар давраи соҳибистиқлолӣ 9 мактаб-интернат барои кӯдакони лаёқатманд бо шароити муосир сохта шуданд. Вале оморҳои солҳои таҳсилии 2019 ва 2020 беҳбудии муассисаҳои мазкурро нишон медиҳад, ки онҳо ба 3884 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рӯзона ва 8-то шабона расидааст. Таълиму тарбияи кӯдакони лаёқатманд ва дорандаи аломатҳои лаёқатмандӣ бояд зери назорати махсуси омӯзгорони лаёқатманд қарор гиранд.

Аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 2014 «Оид ба барномаи инкишофи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ барои солҳои 2014-2020» корҳои зиёд амалӣ гардида истодааст, ки дар натиҷаи он сол аз сол миқдори муассисаҳои маълумоти умумӣ зиёд гардида ва дар баробари ин кормандони он низ меафзояд. Масалан, аз рӯи нишондоди оморӣ то соли 2014 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи кормандони педагогӣ дар соҳаи маориф ба 124 381 нафар баробар аст, ки аз ҷумла 5781 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, 100 990 нафар барои муассиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3010 нафар барои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 4525 нафар барои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 10073 барои муассисаҳои олии касбӣ рост меояд [57, с.25]. То соли 2020 миқдори кӯдакони синни маълумоти мактабӣ тақрибан 850 ҳазор нафар зиёд мегардад, ки аз талаботи имрӯза бештар аст ва хизматрасониҳои таълимии зиёдеро талаб менамояд. Вале шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли таҳсилии 2019 – 2020, 124268 нафарро тащкил медиҳад, 73904 нафари онҳо аз ҳисоби занон мебошад [5, с.32], яъне беш аз 70% кормандони соҳаи маорифро дар муассисаҳои мазкур бонувон ташкил додаанд.

Тибқи таҳлили дархостҳо, дар давраи аз соли 2015 то 2020 шумораи хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тақрибан 40% зиёд мешавад. Дар асоси ин пешгӯиҳо, тахмин кардан мумкин аст, ки дар тӯли даҳсолаи оянда системаи мактаб ба мушкилоти ҷиддии демографӣ дучор хоҳад шуд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳамасола дар ҷумҳурӣ 6,3% кормандони соҳаи маориф бо сабабҳои гуногун аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣҷойи корро тарк менамоянд ва ҳам бо сабаби зиёд гардидани аҳолӣ, талабот ба кадрҳои педагогӣ сол то сол меафзояд. Масалан, дар моҳи сентябри соли таҳсили 2016-2017 миқдори хонандагони синфи якум 54 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Раванди инкишоф ва дурнамои маориф дар замони муосир то ба ҳол натавонистааст талаботҳои ҷомеаро қонеъ гардонад. Агар чӣ аз ҷиҳати миқдорӣ пешрафтҳое дида мешавад, вале аз нигоҳи сифатӣ ташвишовар аст. Масалан, агар дар соли 1991-1992 миқдори муассисаҳои маълумоти олии касбӣ ба 13 адад мерасид, ки он дар соли 2015/16 ба 38 адад, солҳои 2016 – 2019 ба 39 адад ва дар соли таҳсилии 2019-2020 дар якҷоягӣ бо филиалҳо ба 40 адад расид. Аз ин миқдор муассисаҳои маълумоти олии касбӣ 2 адад дар ВМКБ, 6 адад дар вилояти Хатлон, 7 адад дар вилояти Суғд, 24 адад дар шаҳри Душанбе ва як адад дар НТҶ фаъолият доранд [5, с.61].

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои тайёр намудани мутахассисон аз ҳисоби духтарон, ки дар ноҳияҳои дурдаст зиндагӣ менамоянд, квота ташкил карда шуд, ки мувофиқи он соли 1997, 352 ҷой ҷудо карда шуд, ки дар асоси он 189 нафар духтарон ба муассисаҳои олии касбӣқабул карда шуданд. Ҳамин тариқ, соли 1998 аз 655 квотаи ҷудогардида, ҳамагӣ 219 нафар духтар, соли 1999 аз 802 ҷой - 434 нафар духтарон, соли 2000 аз 718 ҷой - 519 нафар духтарон ба муассисаҳои олии касбӣ дохил шуданд. Дар давраи солҳои 1997-2015 дар асоси квотаи президентӣ 16030 донишҷӯ, аз он ҷумла 9594 нафар духтарон ба муассисаҳои таълимии олии касбӣ дохил шуданд. Ҳамагӣ то аввали соли 2016 мувофиқи квотаи президентӣ

муассисаҳои таълимии олии касбиро 8349 нафар, аз он ҷумла 5923 нафар духтарон хатм намуданд [59, с.55-56]. Вале имрӯзҳо бошад чуноне, ки Президенти кишвар дар суханронии худ ба муносибати рӯзи модар 7-уми марти соли 2020-ум зикр намуданд, ки: «то соли хониши 2019-2020 зиёда аз 11-ҳазор духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бо истифода аз ин имтиёз ба мактабҳои олӣ дохил шуда ва соҳиби касбу ҳунар гардида ҳоло дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ муваффақона фаъолият карда истодаанд ва аз 30-ҳазор донишҷӯёне, ки дар хориҷи мамлакат машғули таҳсил мебошанд, 12300 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд» [15, с.477].

Бояд қайд кард, ки барои ба саҳнаи масъалаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсии кишвар овардани бонувон хеле зарурӣ буд. Аз ин рӯ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои гуногунеро тарҳрезӣ намуд, ки яке аз онҳо ҷалб намудани духтарон, хусусан духтарони ноҳияҳои дурдаст ба муассисаҳои олии касбӣ дар саросари кишвар ба ҳисоб мерафт. Дар ин замина санаду меъёрҳои зиёде қабул гардид. Чуноне, ки муҳаққиқи ватанӣ М. Хидирова қайд менамояд: «Қабули як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқуқӣ, аз қабили қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ва стратегияи миллии фаъолгаргардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020, ки усулҳои конститутсиониро дар бораи баробарии мардону занон тақвият медиҳанд, бори дигар ифодагари иродаи сиёсии роҳбарияти давлат дар самти татбиқи сиёсати самарнок ва ҳадафманди гендерӣ ба ҳисоб мераванд» [115, с.35]. Дар идома қайд менамояд, ки таъсири таҳсили духтарон ба вазъи гендерии кишвар воқеан назаррас аст, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол то сол шумораи занону духтарони машғул дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа зиёд шуда нақши онҳо назаррас гашта истодааст.

Оморҳо оид ба муассисаҳои таълимии касбӣ ва техникӣ ва олиро муҳаққиқи ватанӣ А. Қурбонов низ таҳлил намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки: «дар оғози соли 1992 дар ҷумҳурӣ 76 муассисаи таълимии касбӣ-техникӣ фаъолият намудааст, ки дар онҳо 33965 хонанда таҳсил менамуданд ва

шумораи таҳсилоти олӣ 18 ададро ташкил медод, ки 70600 донишҷӯро фаро мегирифтанд» [53, с.191]. Оморҳои солҳои охир аз нигоҳи миқдорӣ хеле хушҳолкунандааст. Масалан, дар соли таҳсили 2019-2020, 60389 нафар донишҷӯқабул гардид, ки 21743 нафар аз онҳо духтарон мебошанд, дар маҷмӯъ адади донишҷӯён дар ин соли таҳсилӣ ба 229626 нафар расид, ки дар ҳамин соли таҳсилӣ 43166 донишҷӯ донишгоҳҳоро хатм намуданд, ки 8461 нафари онҳоро духтарон ташкил медиҳад [5, с.62-64]. Аммо бояд қайд намуд, ки дар раванди инкишоф ва дурнамои маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда ҳатман корҳои муҳимми зеринро иҷро кардан зарур аст:

1. Сифати таълимро ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир кардан лозим аст, на бо қабули қонун ва фармонфармоӣ, балки дар амал коре анҷом дода шавад;

2. Ташкили ҷойҳои нави корӣ бо дарназардошти хатми донишҷӯён ва тахассусҳои онҳо, дар ғайри ин сурат соҳаи маориф ба мушкилиҳои нав ба нав рӯ ба мегардад, ки натиҷаи он бӯҳрон дар тамоми соҳаҳои иҷтимою иқтисодӣ мебошад;

3. Омори омодасозии мутахассисонро ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ кардан лозим аст, алахусус дар робита ба салоҳиятҳои нав, ки тавассути истифодаи технологияҳои муосир дастрас шудаанд.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф аз рӯи талаботи «Маориф ҳастии абадии тамаддуни инсонӣ буда, қабл аз ҳама тавлидкунанда ва таҷассумкунандаи рӯҳ ва зеҳни миллат мебошад», асос ёфтааст ва ба ин бовар ҳастанд, ки бо барҳам хӯрдани маориф миллат нест мешавад [53, с.195]. Дар асоси ин талабот, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳоро ошкор ва дармон намуда, самти фаъолияти худро дар ҳалли масъалаҳои зерин мебинад:

- мутобиқсозии системаи маориф дар давлат ба меъерҳои байналмилалӣ;

- такмили системаи маориф тавассути ислоҳоти идоракунӣ ва маъмурӣ. Ҳадаф гузариш аз бахши мутамаркази давлатӣ ба бахши шарикӣ дар сатҳҳои

гуногун мебошад. Иштироки фаъолонаи бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар системаи маориф ба ин мусоидат хоҳад кард;

- таҳкими ҳамкорӣ ва муттаҳидсозии тамоми зинаҳои таҳсилот: аз ибтидоӣ то олии касбӣ. Таҳияи системаи арзёбии сифати таълим дар ҳар марҳила;

- ҷалб ва истифодаи захираҳои гуногун: захираҳои инсонӣ, моддӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ – барои рушди соҳаи маориф ва таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва инсонӣ, ки барои самаранок идора кардани ин захираҳо заруранд;

- фароҳам овардани шароит ва таъмини дастрасии баробар ба таҳсил барои ҳамаи кӯдакон, хусусан дар деҳот, ки кӯдакон метавонанд имкониятҳои маҳдуд дошта бошанд. Баробарии гендерӣ дар ҳама сатҳҳои таҳсилот низ бояд таъмин карда шавад. Аммо, ба андешаи мо, ин ҷанбаҳо ҳанӯз пурра амалӣ нашудаанд ва татбиқи амалиро талаб мекунанд.

Мақомоти Тоҷикистон таҳсилоти миёнаро дар системаи маориф калидӣ мешуморанд ва гирифтани таҳсилоти асосиро аз ҷониби ҳамаи кӯдакон кафолат медиҳанд. Дар алоқамандӣ бо ин, захираҳои молиявӣ ва сармоягузориҳо ҷудо ва равона карда мешаванд. Мутобиқи муқаррароти моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқ доранд на танҳо аз буҷет маблағгузории иловагӣ гиранд. Онҳо инчунин метавонанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои давлатӣ ва маҳаллӣ маблағҳои иловагӣ ҷалб намоянд [30, с.45-46]. Маблағгузории буҷавиро тақвият бояд бахшид, ки минбаъд ба воридшавии зеҳният имконият медиҳад.

Барои беҳтар намудани вазъияти кунунии соҳаи маориф дар Тоҷикистон рӯ овардан ба ислоҳот хеле зарур аст, вале он эҳтиёти баландро талаб менамояд. Чун камтарин ғафлат, метавонад роҳи ислоҳотро ба бегонапарастӣ ва ё ба ғарбгароии канора мубаддал намояд ва монеаи инкишофи соҳаи

маорифи миллӣ гардад. Зеро, инкишофи раванди ҷаҳонишавӣ ба тезутундшавии рақобат байни истеҳсолкунандагони молу маҳсулот ва хизматрасониҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналхалқӣ оварда мерасонад. Дар чунин шароит барои нигоҳ доштани рақобатпазирӣ меҳнати эҷодии навоварон талаб карда мешавад. Барои ин шавқмандиҳои нав – шавқмандии худамалинамоии эҷодии шахсият зарур аст. Имрӯз, на тақлиди кӯр-кӯрона, ки ҳазорсолаҳо чунин буд, балки ҷомеа ба кормандони эҷодкор зарурат дорад, ки мехоҳанд ва метавонанд воситаи наверо бунёд ва эҷод намоянд. Тайёр, такмил ва ташаккули чунин кормандон дар соҳаи маориф барномаи наверо талаб менамояд. Дар мактаб ва донишгоҳҳо омӯзгоронро зарур аст, ки қобилияти эҷодиро инкишоф диҳанд, натанҳо донистан, балки фаҳмидан ва тавонистанро пеш аз ҳама омӯзонанд.

Маълумот қисми таркибии раванди иҷтимогардии шахс ба ҳисоб рафта, бояд таҷрибаи ғуншуда ва маҷмӯи донишҳоро барои насли оянда ҳамчун мақсади ягона пешниҳод намояд, ки дар доираи ниҳодҳои иҷтимоии мувофиқ, амалӣ карда шавад. Ниҳодҳои маориф фаъолияти одамони зиёдро ҳамоҳанг менамоянд, ки амалу кори онҳоро барои қонеъ гардонидани талаботҳо, ба монанди: ба таълиму тарбияи насли навраси ҷомеа додани донишҳои илмӣ ва амалӣ, шиносоӣ бо арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоии ватанӣ, баланд бардоштани қобилият ва маҳорати касбии онҳо равона карда шудааст. Барои амалӣ намудани фаъолияти мазкур дар ҷомеа муассисаҳои таълимӣ аз ҷумла: мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гимназияҳо, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо, донишкадаҳо, донишгоҳҳо ва академияҳо ташаккул дода шудааст. Барномаҳои таълимӣ, ки дар онҳо истифода карда мешаванд, ба ҳамдигар алоқаманд буда, аз рӯи намунаҳои муайян омода карда шудаанд, ки ягонагии маълумотро таъмин менамоянд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ, ба таври саҳеҳ, гузариш ба иқтисодиёти нав, ки дар пояи донишҳо асос ёфтааст яке аз нишондиҳандаҳои рушди низоми маориф мебошад. Дар шароити иқтисодиёти навҷиҳати бадастории боигарӣ,

сармояи молиявӣ ба назар мерасад, ки нақши ҳукмронии худро аз даст дода истодааст ва ҷои онро воқеан сармояи зеҳнӣ ишғол менамояд. Дар ин маврид нақши ҳалкунандаро сармояи зеҳнӣ ва иҷтимоӣ иҷро хоҳад кард. Аз солҳои 60-ум асри XX инҷониб, таълимоти «сармояи инсонӣ» пешниҳод гардид, ки он дар рушди маориф ва таҷдиди нерӯи зеҳнӣҳамчун дастоварде хоҳад буд, ки фишори таҳаввулоти иҷтимоиюи иқтисодиро аз афрод ва ҷомеа коҳиш медиҳад [77, с.307].

Барои баланд бардоштани сатҳи камолоти зеҳнии аҳолӣ тағйир додани талабот нисбат ба маълумот зарур аст, ки асосан сармояи инсониро ташаккул медиҳад ва ин сармоя нисбат ба дигар захираҳо нақши калидӣ дорад. Дар шароити нав маълумоти намунаи нав талаб карда мешавад. Дар мактаб ва муассисаи таълимии олии касбӣ, бояд пеш аз ҳама, муносибати эҷодӣ омӯзонида шавад. Воқеан, маълумоти муосир се унсурро дарбар мегирад: ташаккули шахсияти эҷодӣ, таълим ва тарбия. Танҳо дар чунин ҳолат дар ҷомеа ва дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт нақши бузургро кормандони эҷодкор ва навовар, яъне фаъолони зеҳнӣ мебозанд. Кормандони зеҳнӣ - ин ҳамон кормандони меҳнати зеҳние мебошанд, ки метавонанд ва мехоҳанд чизи наверо бунёд намоянд. Онҳо на иҷрокунанда, балки эҷодкор ва бунёдгар ба ҳисоб мераванд. Ва кормандони эҷодкор ва навовар дорои қудрати зеҳнии фавқулодда мебошанд. Имрӯз, бояд ба маълумоти сифатнок бештар аҳамият дода шавад. Сифатнокии маълумот ва дониш аз қобилияти зеҳнии эҷодкор ва бунёдгар вобастагӣ дорад. Ба хотири дастрасӣ ба маълумоти сифатнок ва комёбиҳо дар ин самт, ба ақидаи мо тамоми ҷавонони қобилиятнок ва лаёқатмандро пайдо намуда, ба онҳо шароити таълим ва таҳсили ройгон муҳаё кардан лозим аст.Қайд кардан зурур аст, ки барои ташаккул ва рушди сиёсати иҷтимоии давлат бояд ба сармояҳои иҷтимоӣ такя карда шавад. Аз ин ҷиҳат амалисозии сиёсати самараноки иҷтимоӣ, давлатҳои муосир ба консепсияи рушди сармояи инсонӣ такя намуда ва муттасилии раванди ғанисозии донишҳо, болоравии сатҳи касбияти аҳолиро ҳадаф қарор медиҳанд.

Сармоягузорӣ ба маърифатнокии аҳолӣҳамчун сармоягузории сераҳаммияттарин ба иқтисоди миллӣ дониста мешавад, ки ҳамаи ин ташаккулу таҳаввули ҷомеаро ба сатҳи нав мебарорад [90, с.25].

Омилҳои муҳим, ки талаботҳои муосирро нисбат ба маълумот муайян менамоянд, кадомҳоянд? Пеш аз ҳама, гузариш ба тарзи нави истифодабарии навоварии техника, технология ва илмҳое, ки хусусияҳои технологӣ дошта афзалияти онҳо аз ҷумла таҷҳизотҳои техникӣ, телекоммуникатсия, интернет ва электроника ба ҳисоб мераванд. Дар марҳилаи гузариш, ҷомеа ба самти гузариш ба биотехнология, нанотехнология рӯ овардааст, ки он нақши муҳим дар сармоягузорӣ ба инсонро пешниҳод менамояд. Ин тарз, соҳаи нави маорифро ба вуҷуд меорад, ки он муносибаҳои навро талаб менамояд. Дар чунин ҳолат оид ба давраи нави инкишофи тамаддун – давраи тамаддуни иттилоотӣ сухан меравад. Бунёд ва инкишофи соҳаи захиранамоӣ ва таснифот ба ояндаи иттилоот, яъне соҳаи маориф, асос мегардад. Асри XXI – ро асри иттилоот номгузорӣ кардаанд, вале чуноне, ки маълум аст, ҳар кишваре, ки маорифи қудратманд дорад, иттилооти бештар дар ихтиёр дорад ва аз он самаранок истифода намуда ҷаҳонро идора карда метавонад.

Вазъияти муосири маълумотро таҳлил намуда, мо чунин ақида дорем, ки дар ояндаи наздик ҷаҳон ба тарзи нави технологӣ мегузарад. Ин ҷаҳишҳои нави сифатӣ, сармояҳои баланд ва дарозмуддати зеҳниро талаб менамояд, ки натиҷаҳояш пешрафт дар тамоми соҳаҳо мебошад. Самаранокии истеҳсолот ва меҳнати истеҳсолӣ нохост боло мераванд. Талош менаоянд, ки талабот ба ашёи хом, энергия ва қувваи кориро то андозае поён баранд. Миллионҳо одамоне, ки дар соҳаҳои куҳнаи саноат кор мекунанд, нолозим мегарданд ё бекор мемонад. Маҳз маълумот дар чунин шароит метавонад ба одамон салоҳиятҳои нав диҳад, ки дар шароити тарзи нави технологӣ серталаб гарданд ва бештар талош намоянд.

Омили дигаре, ки талаботи навро нисбат ба маълумот муайян менамояд, ин инкишофи иқтисодиёти навгонӣ (инноватсионӣ) мебошад. Имрӯз, захираи

асосии иқтисодиёти навгонӣ идея ба ҳисоб меравад. Инкишофи иқтисодиёти навгонӣ, ба захираҳои зеҳнӣ, соҳаи маориф ва бунёди (база)-и илмии бузург ниёзманд аст. Мафҳуми инноватсия (навоварӣ ё навгонӣ) аз ҷониби олимони саҳаҳои гуногун маънидод ва таъриф гардидаанд. Чуноне, ки олимони ватанӣ қайд намудаанд: «Инноватсия ин ҷараёни бавуҷудоии ғояҳои нав дар маҳсулотҳои аввалиндараҷаи иҷтимоӣ мебошад, ки нишондиҳандаи навро дорост» [53, с.133]. Вай инчунин боварӣ дошт, ки: «қобилияти навоварӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ яке аз ҷанбаҳои калидӣ мебошад, ки донишгоҳро барои довталабон ҷолиб мегардонад ва онро дар байни дигар муассисаҳои таълимӣ рақобатпазир мекунад» [53, с.135]. Инкишофи шахсият ва ҳидояти онҳо ба сӯи мақсадҳои бузург (на танҳо таълим, аз нав омӯхтан, такмили ихтисос) аз тарафи аксарияти мутафаккирони гузашта мақсади асосии ҷомеа эълон карда шудааст. Халқи тоҷик, ки таърихан дар тӯли якчанд ҳазорсолаҳо ба ҳайати империяҳои қадимаи форс дохил буданд, низ саҳми худро дар ташаккул ва инкишофи тамаддуни зардуштия, ориёӣ, форсӣ ва баъдтар тамаддуни исломӣ гузоштааст.

Фалсафаи маорифи тоҷикон таърихи зиёда аз панҷҳазор соларо доро мебошад. Маълумот ҳамчун илм оид ба таълим ва тарбия соҳаи афзалиятнок барои тоҷикони қадима ба ҳисоб мерафт. Аввалин мактабҳо (дабистон ва дабиристонҳо) дар ҳудудҳои сукунати тоҷикони қадима пайдо шуда, савод (хат ва ҳисоб), маҳорати касбҳои гуногуни он даврaро дар мактабҳои замони худ таълим медоданд ва шогирд дар рӯҳияи фаросат, меҳнатдӯстӣ, бошарафӣ бовиҷдонӣ тарбия карда мешуд. Ин фалсафаи қадимаи маълумот, тоҷикон ва форсҳоро дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамроҳӣ намудааст, ки натиҷаи он ба тамаддуни ҷаҳонӣ пешниҳод намудани садҳо нобиғаи барҷастаи ақида, илм ва фарҳанг гардидааст [62, с.7]. Раванди ташаккул ва инкишофи илм, таълиму тарбия бештар дар асрҳои миёна рушд ёфтааст, ки муҳаққиқи ватанӣ Муҳаммадҷони Т. ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷикро мавриди омӯзиш, баррасӣ ва баҳогузории илмӣқарор дода, чунин қайд менамояд: «Давраи эҳёи

тамаддуни форсу тоҷик ба асрҳои IX-XIII рост меояд, ки он дар эҳё ва рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Маҳз бо сабаби рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ, махсусан илму маориф ва маърифатнокӣ ин асрҳо давраи Эҳёи фарҳанги тоҷику форс, Асри заррин ё Эҳёи Аҷам ном гирифтааст» [129, с.13].

Лекин ба ин дастовардҳои бузурги таърихӣ нигоҳ накарда, имрӯз ба таври умумӣ соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба талаботҳои ҷомеаи тавлидкунандаи дониш ҷавобгӯ нест. Бояд моҳият ва мундариҷаи маълумотро дар шароити нави гузариши ҷомеа дар беҳтарин донишгоҳҳо тағйир дода шавад. Раванди қабули донишҷӯён аз кишварҳои хориҷ рӯз ба рӯз беҳтар гардида истодааст ва ин масъала водор менамояд, ки соҳаи маориф бояд дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад, то обрӯи макотиби олии кишвар дар минтақа ва ҷаҳон баланд бардошта шавад.

Имрӯз, дониш босуръат кӯҳна мешавад, технологияҳо бошанд бе монеа рӯйбардор карда мешаванд. Ба хотири сарбаландӣ дар оянда, ба кормандон боғайратӣ, ҳиссиёти баланди тафаккури мустақил, рӯҳбаландӣ, ҷустуҷӯи эҷодӣ, эҳсосоти илм ва кашфиётҳои нав ба нав зарур аст. Имрӯз дар идоракунии ҳар як ширкат бештар санъати идоракунӣ ва илм баромад менамояд.

Оид ба ташаккули соҳаи нави маориф инро бояд эътироф намуд, ки бо инкишофи муносибатҳои нав нисбати таълим дар мактабҳо ва муассисаҳои таълимии олии касбӣ, бартараф намудани таназзули фарҳанги мавҷудаи ҷомеа хеле зарур аст. Зеро ҷомеаи бемаърифат наметавонад ҷомеаи навовар бошад.

Кишварро маҳз тавассути соҳаи маориф аз мамлакати истеъмолкунанда ба истеҳсолкунанда табдил дод. Чӣ тавр арзишҳои ҷомеаи истеъмолгароро бо арзишҳои ҷомеаи созанда иваз намудан мумкин аст. Ба назари мо, ин мавзуи таҳқиқоти алоҳида аст. Дар инҷо фақат ҳаминро қайд менамоем, ки соҳаи маориф дар ҷомеаи нав омили пешравии он мегардад, вагарна, қонунҳои хуб бисёр қабул мегардад, вале зуд фаромӯш мешаванд. Аммо, дар ҷомеаи воқеан

нав, омӯзгорон гурӯҳи касбии воқеӣ ва дорои имтиёзҳои бузург мегарданд, ба қавле дар Япония омӯзгорон ба андозаи вакилҳо дорои имтиёз мебошанд. Дар чунин ҳолат вазъияти моддӣ, обрӯву эътибор ва мавқеи дарназардошта оид ба омӯзгор бароварда мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудааст: «Омӯзгор меҳвари тамоми соҳаи маориф ба ҳисоб меравад, сатҳ ва сифати дониши хонандагон, тарбияи онҳо, ба дониш, тачриба, маҳорат ва қобилияти касбӣ, методикаи таълимӣ ва дигар ҷиҳатҳои фаъолияти меҳнатии фардии омӯзгор алоқаманд аст» [29, с.55]. Ректори Донишгоҳи давлатии Москва, академик В.А. Садовничий қайд намудааст, ки барои ташаккул ва инкишофи ҷомеа, ки бо дониш асос ёфтааст, инсоне зарур аст, ки дорои донишҳои бунёдӣ (фундаменталӣ)бошад. Агар ӯ математикаро ҳамчун воситаи маърифати ҷаҳон, илмҳои дақиқро ҳамчун фалсафа барои маърифати падидаҳои табиат, илмҳои ҷомеашиносиро ҳамчун таҳлил ва коркарди мавқеъ донад, пас ӯ «нав» дар ҷомеаи нав ва иқтисодиёти нав ба ҳисоб меравад. Маҳз чунин шахсиятро соҳаи нави маориф бояд ташаккул диҳад [97, с.14].

Рақобатнамоии миллатҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ хеле тезутунд гардидааст ва танҳо маълумот ва мавқеи маънави аҳолии солим метавонад рақобатпазирии миллатро дар арсаи ҷаҳонишавӣ таъмин намояд. Дар раванди гузариши ҷомеа, инкишофи техника ва технологияи иттилоотӣ, ба тамоми соҳаи хоҷагидории кишвар, дигаргуниҳоро ворид намуд, махсусан, корҳои таълимиву тарбиявӣ ба тариқи ҷиддӣ дигаргун шудаанд. Ин дигаргуниҳо дар истифодаи васеи компютер, телефонҳои мобилӣ, электроника, телекоммуникатсия ва интернет зоҳир мегарданд. Ин, аз як тараф, ба ташаккули тафаккури эҷодии ҷавонон ва мустақилияти онҳо мусоидат менамояд, аз тарафи дигар, маълумотро бевосита бо низоми таҳсилоти байналхалқӣ алоқаманд менамояд. Дар баробари ин ақидаҳои дигаре низ вуҷуд дорад. Аз ҷумла дар ин бора Темур Атахонов қайд менамояд, ки: «Ин шуғл агар барои таълим фоидаовар бошад ҳам, дар тарбия на он қадар мусоид аст» [84, с.7]. Албатта, бо ин фикр розӣ шудан мумкин аст, лекин ҷаҳони муосирро

бидуни онҳо тасаввур намудан ғайриимкон аст. Ҳамин тариқ, интернет – ин алоқаи мо бо ҷаҳони иттилоотӣ ба ҳисоб меравад ва ҷаҳони иттилоот тафаккури моро месозад. Аз ин сабаб мо бояд вобаста ба мақсадҳои худ аз он хуб истифода намоем ва зери тафаккури бегонагонқарор нагирем. Махсусан, дар асри XXI – асри техникаи пешбар, ки бе он, ташаккули шахси дорои тафаккури озод ва ҳаматарафа инкишофёфта, номумкин аст. Бо ҳамин хотир, аз соли 2000-ум оғоз карда ба ворид намудани технологияҳои муосир ба раванди таълим диққати зиёд медиҳанд. Президенти кишвар дар Паёми солонаи худ ба маҷлиси олӣ оид ба ин масъала чунин қайд намудаанд: «Муҳлати татбиқи «Барномаи компютерикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» ба охир расида ва дар миқёси мамлакат 106% иҷро гардид» [13, с.127]. Иҷроиши ин барнома барои кишвари мо саривақтӣ буда, сатҳи низоми маорифро баланд бардоштааст. Бояд қабул намоем, ки истифодаи компютер бо мақсади хондани китоб, тайёр намудани дарсҳо ва дигар баҳсҳои илмӣ камтар истифода мегардад.

Дар раванди инкишоф ва дурнамои маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққати махсус дода шудааст. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ таваҷҷӯҳ намуда дар ин самт «Барномаи давлатии мукаммалгардонии таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014» қабул намуд [9]. Оид ба ин масъала Президенти мамлакат дар Паёми солонаи 2021-и худ боз таъкид намуд, аз ҷумла зикр намуданд: «Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, вазифадор карда мешаванд, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, аз муассисаҳои томактабӣ сар карда, то гимназияву литсейҳо ва зинаҳои дигари таҳсилот ба таври ҳатмӣ омӯхтани забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русию англисӣ ва технологияи иттилоотиро ташкил карда, назорати қатъии сифати таълимро дар ин самт ба роҳ монад» [23]. Дар баробари ин қаблан барои такмил гардидани омӯзиши забонҳои русию англисӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дигареро «Дар бораи барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши

забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» қабул намуда буд [59, с.7]. Қайд кардан зарур аст, ки барои дар амал татбиқ намудани ин барномаи қабулгардида нақши Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода хеле калон аст. Ҳоло дар ин донишкада бо 11 забон аз рӯи 41 ихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мутахассис тайёр карда мешавад вааз 21 кишвари ҷаҳон дар ин донишкада фаъолият менамоянд. Ҳамзамон ин донишкада бо 52 муассисаи таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту муассисаҳои минтақаквию байналмилалӣ робитаҳои ҳамкорӣ ба роҳ мондааст. Ҳамчунин дар ин давра 2700 шаҳрвандони 19 кишвари дурру наздики хориҷӣҳамчун донишҷӯву аспирант, инчунин дар курсҳои кутоҳмуддати забономӯзии донишкада таҳсил кардаанд [55, с.78]. Мисоли дигаре метавонад бе ҳамто бошад, ин ифтитоҳи 5 мактаби миёна бо забони русӣ бо иштироки Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин мебошад, ки ин самараи ҳамкориҳои судманд дар соҳаи илму маориф мебошад [54, с.22].

Дар ҷаҳони муосир азхудкунии забонҳои русӣ ва англисӣ, инчунин ба даст овардани малакаҳои кор бо компютерҳо, дастгоҳҳои мобилӣ, электроника, системаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернет ба ҷанбаҳои калидӣ табдил ёфтааст. Ҳатто дар баъзе маврид бо тиҷоратҳои интернетӣ аз тиҷоратҳои маъмулӣ фоидаи бештареро касб намудан мумкин аст. Аз ин хотир ширкатҳои тиҷоратию истеҳсолӣомоданамоии кадрҳоро дар курсҳои кутоҳмуддат барномарезӣ намудаанд, ки дар муддати аз 2 то 4 моҳ метавонанд мутахассисони маркетинги иқтисодиро омода намоянд. Ин дар солҳои қабл бештар аз 2 сол тӯл мекашид, то ин мутахассисон омода карда шаванд.

Барои амалӣ намудани нақшаи ислоҳоти соҳаи маориф ва ташаккули тафаккури илмии хонандагон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-уми майи соли 2011 «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, таҷҳизоти таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011-2015», тасдиқ карда шуд [59, с.6]. Амалӣ намудани ин барнома имконият медиҳад, ки таъмини муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти

нав, кабинетҳои фаннӣ, воситаҳои таълимӣ ва техникӣ то андозае роҳи ҳалли худро пайдо намудааст.

Бозсозии сохтор ва мундариҷаи маълумоти миёна ва умумӣ - ин маҷмӯи чорабиниҳоест, ки бояд аз тарафи фаъолони ҷомеа баррасӣ карда шавад. Чунин муносибат, бо назардошти хусусиятҳои шароити ҷумҳурӣ асос ёфта, ба беҳтар намудани сифати таълим, азхудкунии донишҳо аз тарафи хонандагон, васеъ намудани доираи тафаккур ва зиёда аз ин барои ба даст овардани маълумоти касбӣ мусоидат менамояд. Бо мақсади танзими иштироки хонандагон дар озмунҳо, дар назди Вазорати маориф ва илм, Маркази ҷумҳуриявии кор бо мактаббачагони болаёқат ташкил карда шудааст. Тариқи ин марказ, хонандагони болаёқат, имконият пайдо менамоянд, ки қобилият ва дониши худро дар озмунҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ бисанҷанд. Масалан, тибқи маълумоти Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳои Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ дар соли равон (2019) хонандагони лаёқатманди тоҷик дар 25 олимпиадаи байналмилалӣ иштирок карда 207 медал ба даст оварданд, ки аз онҳо 49 медали тилло, 56 медали нуқра ва боқимонда биринҷӣ мебошад [26].

Бояд зикр намоем, ки дар даҳсолаҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи маориф як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣқабул намуданд, ки барои амалӣ намудани ислоҳот хеле кумак намудааст. Аз ҷумлақарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.05.2015. таҳти № 316, барои «Дар бораи мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат» [59, с.7] қабул гардид, ки то ба имрӯз раванди таҳсил дар мактабҳои мазкур идома дорад. Вазифаи асосии ислоҳот беҳтар кардани сифати таълим дар мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Барои ин, мо бояд мутахассисонеро тайёр кунем, ки дар бозори ҷаҳонии меҳнат талабот дошта бошанд. Тамоми дастовардҳое, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ амалӣ шудаанд, ҳанӯз нокифоя мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки омӯзгорон аз сатҳи дониш, алалхусус аз тарбияи шогирдони худ қаноатманд нестанд. Дар шароити имрӯза, Тоҷикистон аз раванди ҷаҳонишавӣ

дар канор буда наметавонад, ин раванд дар баробари хусусиятҳои мусбии худ, боз дорои ҷиҳатҳои манфӣ низ мебошад, ки таъсираш ба ҷаҳони маънавии шахс бештар аст. Дар натиҷа, одамон ҳисси нафратро инкишоф доданд ва инчунин шоҳиди ҷангҳо, хунрезӣ, терроризм, коррупсия ва дигар падидаҳои манфӣ шуданд, ки ҳаёти маънавии онҳоро торик карданд. Дар чунин шароит назорат кардани рафтори худ, мавқеи возеҳ доштан, нигоҳ доштани эътиқод ба арзишҳои фарҳангӣ, дониш ва ҷаҳонбинии инсонӣ душвор шуд. Ин вазъ муносибати ҷиддӣ ва масъулиятноки волидон, муаллимон ва ҷомеаро талаб мекунад. Аммо, сатҳи касбии омӯзгорон, давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ то андозае аз зарари маънавӣ ва моддӣ азият мекашанд. Муаллим ҳақ надорад дар тарбия ва таълими насли ҷавон хато кунад, зеро ояндаи ҷомеа ва давлат дар дасти ӯст.

Мо чунин мешуморем, ки зиёд намудани миқдори саотҳои тарбиявӣ дар мактабҳои маълумоти умумии миёна ва ворид намудани фанни нав - «Тарбия» зарур аст, вале омӯзиши ин фан бо адабиёти баланд ба роҳ монда шавад. Омӯзгорони воқеӣ бояд фахр намоянд, ки яке аз қисми муҳимми ҷомеа, яъне зиёиёнро ташкил намуда ва кӯшиш намоянд, ки дар ояндаи таълим ва тарбияи миллат саҳми босазо гузоранд. Бешубҳа, омӯзгор – мураббии ақл, шарафу номус, виҷдон ва симои асосии ҷомеа ба ҳисоб меравад ва на ҳар кас метавонад, ки ба ин унвон сазовор бошад. Аз тарафи дигар, давлатро зарур аст, ки дар баланд бардоштани эътибори касби омӯзгор чораҳо андешад. Шароити омӯзгоронро барои зиндагии сазовор фароҳам созад, то омӯзгор мушкилии моддӣ ва маънавӣ надошта бошад. Омӯзгор фақат дониши худро боло бардорад, фикр кунад ва тарҳ пешниҳод намояд, ки кишвараш аз замона ақиб намонда, аз равандҳои номатлуб осеб набинад ва рушд намояд.

Муассисаи таълимӣ як муассисаи муҳимми иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад, ки дар соҳаи таълим нақши калидӣ дорад. Бе мактаб системаи маориф вуҷуд дошта наметавонад. Мувофиқи талаботи давлат ва ҷомеа маҳз дар мактаб ташаккули ҷаҳонбинӣ, системаи арзишҳо ва мутобиқсозии шахс ба ҷомеа ба

амал меояд. Аз ин рӯ, обрӯи кишвар аз сатҳи таҳсилот ва рушди зеҳнии шаҳрвандони он вобаста аст. Тавассути иттилоот давлат метавонад мушкилоти иҷтимоию иқтисодиро дар дарозмуддат ҳал кунад. Гузариши Тоҷикистон ба арзишҳои нав, ки бо ба даст овардани истиқлолият ва эҳёи худшиносии миллӣ алоқаманд аст, барои рушди тадриҷии низоми маориф дар мамлакат ва ба қатори самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дохил намудани ин соҳа аҳамияти калон дорад. Аз ин хотир барои Тоҷикистони соҳибистиқлол, ошкор намудани қонуниятҳои инкишофи маориф дар оянда, муайян намудани хусусиятҳо, мундариҷа ва самтҳои асосии роҳҳои бадастории маълумоти сифатнок вобаста ба талаботи замон ва манфиатҳои миллӣҳатмӣ ва зарурӣ аст.

Дар замони имрӯза, талабот ба таҳқиқотҳои назариявӣ, ки ҳалли масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маорифро пешниҳод менамоянд, боло рафтааст. Махсусан, ба масъалаҳои мукаммал намудани мундариҷаи маълумот, ворид намудани технологияҳои замонавӣ ба раванди таълим, тағйири сохтор ва идоракунии муассисаҳои таълимӣ дахл дорад.

Омӯзиши хусусиятҳо, вазъият, мундариҷа ва дастовардҳо дар соҳаи маориф ба дарки ногузирии раванди навоварӣ (модернизатсия) дар соҳаи маориф, кӯмак менамояд. Фаъолияти самаранок дар соҳаи маориф яке аз қисмҳои таркибии ҷаҳони маънавии ҷомеа шуморида мешавад. Тайёр ва тарбияи кадрҳои лаёқатманд дар тамоми соҳаҳо, ки дорои маърифати баланд бошанд, зарур аст. Мавҷудияти миқдори зиёди муассисаҳои таълимии олии дорои ихтисосҳои гуногун, тарбияи кадрҳо, ки ба талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгӯянд, талаботи замон аст. Лекин, таъмини муассисаҳои таълимии олӣ бо кадрҳои баландихтисос, ки дорои унвонҳои илмӣ бошанд, бунёди шароити заруриро талаб менамояд. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, бо мурури замон барои инкишофи ин зинаи маълумот, диққати муҳим дода ва барои ҳалли масъалаҳо чораҳои иловагӣ андешида мешавад. Дар оғози ислоҳот мақоми муассисаҳои таълимии олиро дар кишвар хеле баланд намуданд. Ҳатто як

қатор донишкадаҳои педагогиро ба донишгоҳҳои педагогӣ номгузорӣ намуданд. Соли 1992 дар Хоруғ Донишгоҳи давлатӣ бунёд гардид. Ин амал шароитро барои беҳтар гардидани соҳаи маориф муҳайё намуд. Дар солҳои 1999-2005 бо фароҳам гардидани шароити нави иқтисодӣ сохтори муассисаҳои олии касбӣ-таълимӣ дигаргун карда шуд. Тайи солҳои 2006-2011 дар ҳаёт ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тағйироти куллӣ ба вуқуъ пайваст. Маҳз дар ин давра дар ҷумҳурӣ 6-донишкада ва 5-филилал таъсис дода шуд [59, с.61]. Вале дар баробари ин мутаассифона дар ин даврон бо сабаби нарасидани устодони дараҷа ва унвонҳои илмидошта ва мутобиқат накардан ба стандартҳои давлатии таҳсилот якчанд донишгоҳҳо баста шуданд [59, с.62].

Танҳо дар давраи соҳибистиқлолӣ, муассисаҳои олии касбӣ-таълимӣ ба таълими бисёрзинагӣ гузаштанд. Дар солҳои 1991-1992 барои соҳаҳои хоҷагии халқ, дар ҷумҳурӣ, мутахассисон аз рӯи 170 ихтисос дар дохили ҷумҳурӣ ва аз рӯи 85 ихтисосҳои дигар, дар асоси қарордодҳои байнидавлатӣ, берун аз кишвар тайёр карда мешуданд [134]. Вале имрӯз, танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, мутахассисонро аз рӯи 400 ихтисос, барои соҳаҳои мухталиф ва 200 ихтисос, ки барои кишвари мо зарур аст, дар хориҷ тайёр менамоянд. Ҳар сол миқдори мутахассисони дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва берун аз он тайёргардида зиёд мегарданд. Танҳо дар соли 2010 муассисаҳои таълимии олиро 25711 нафар мутахассис хатм намуд: 616 – нафар дар соҳаи саноат; 642 –нафар хоҷагии қишлоқ; 8251 – нафар соҳаи иқтисодӣ; 795-нафар соҳаи тандурустӣ; 580 – нафар тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; 9347-нафар соҳаи маориф; 2275 – нафар соҳаи ҳуқуқ; 522 –нафар фарҳанг ва киномотография; 352 – нафар соҳаи нақлиёт; 36 –нафар соҳаи сайёҳӣ; 121 – нафар соҳаи иҷтимоӣ; 96 –нафар соҳаи экологӣ; 304 - нафар соҳаи техникӣ ва технологӣ; 331 – нафар соҳаи энергетика; 1145 – нафар соҳаи иттилоотиву коммуникатсионӣ; 298 – нафар соҳаи сохтмон [5]. Лекин душворӣ дар он зоҳир мегардад, ки солҳои охир хатмкунандагон бекор монда, ба корҳое машғуланд, ки умуман ба маълумот

ва ихтисоси онҳо мувофиқат намекунад. Дар муассисаҳои олии ҷумҳурӣ, солҳои охир, ҳазорҳо иқтисодчӣ ва ҳуқуқшинос тайёр карда мешаванд, ки аксаран бекоранд, лекин имрӯз кишвари мо ба сохтмончиён, энергетикҳо, технологҳо, барномасозон ва мутахассисони болаёқат ва соҳибкасб дар соҳаи тандурустӣ, ҳатто дар сатҳи байналхалқӣ ба онҳо ниёзмандӣҳис карда мешавад. Аз рӯи далелҳои оморӣ дар давоми солҳои 2008 - 2012, муассисаҳои олиро 9300 нафар ҳуқуқшинос ва зиёда аз 40 ҳазор нафар аз рӯи ихтисосҳои гуногуни иқтисодӣ хатм намудаанд [20], ки бештари онҳо кор намеёбанд, зеро зарфияти ҷои кор хеле кам аст, вале дар баробари ин, баъзе аз хатмкунандагон ба савияи дониши худ бовар надорад, ки масъулияти ба дӯшашон гузошташударо иҷро карда метавонанд ё не?

Дар соҳаи тайёр намудани мутахассисон, ҳамчунин таносуб ҷой надорад, тибқи омор: 52% ба ихтисосҳо дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ; 16% - ба илмҳои табии; 15% - ба муҳандис сохтмончӣ рост меояд. Хоҷагии қишлоқ, ки яке аз соҳаҳои бузург ва тезрушдкунандаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, аз рӯи ихтисосҳои аграрӣ 3%, дар соҳаи хизматрасонӣ 1% ҷавонон таҳсил менамоянд [10]. Ба омоданамудани кадрҳо бояд диққати ҷиддӣ дода шавад ва тамоми соҳаҳо ва ихтисосҳо дар асоси талаботи бозори меҳнат омода карда шаванд, вагарна бозори меҳнат, наметавонад аз рӯи ин ихтисосҳо аксарияти хатмкунандагони муассисаҳои олиро бо кор таъмин намояд. Дар натиҷа, маълумоти олӣ дар кишвар эътибори худро аз даст дода ва нолозим мегардад, мартаба ва сифати он поён рафта ва хароҷоти беҳудаи маориф меафзояд.

Дар тайёр намудани кадрҳо бояд сари ин масъала бештар фикр кард ва бо барномаҳои пешбинишуда ва ниёзмандии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ кадрҳо омода карда шаванд. Агарчи раванди ҳамарофарогиранда ба самти донишкадаву донишгоҳҳо хуб аст, миллат бо савод мешавад. Миллати босавод ҳамеша дар ҳолатҳои зарурӣҳамчун ҳимоякунандаи манфиатҳои миллию давлатӣ баромад менамоянд. Вале мутаассифона, масъалаи асосӣ дар он аст, ки мутахассисони хуб кишварро тарк менамоянд ва чунин ба назар мерасад,

ки Тоҷикистон бо ин мутахассисони хуби худ ба рушди иқтисодии кишварҳои дигар таъсир расонида, ҳамчун сармоягузорони зеҳнӣ баромад менамояд. Бояд зикр намоем, ки мақсади асосии мактаби олӣ натанҳо фарогирии донишҷӯён ба таълими панҷсола ё чорсола, балки бояд диққати асосӣ ба ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти амалӣ дар корхонаҳо ва идораҳои мавҷудаи кишвар равона карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки аллакай дар давраи донишҷӯӣ муносибати тарафайни донишҷӯ ва фаъолияти ояндаи ӯ ба роҳ монда шавад ва ҳамин тариқ маълумот бо истеҳсолот алоқаманд гардад. Танҳо бо ин роҳ метавонем мақсадҳои худро ба даст орем, тартиби муайянро дар раванди таълим ва тарбия амалӣ намоем ва ба талаботҳои нави замона мувофиқ созем. Аз ин хотир, боз як бори дигар бозоромӯзии касбӣ кардан лозим аст.Қайд кард лозим аст, ки нуфузи донишгоҳҳо бо тайёр намудани мутахассисоне, ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд, сахт вобаста аст. Дар кишварҳои пешрафта ширкатҳо ва ё дигар сохторҳо барои тайёр намудани кадрҳои лозимаи худ бо донишгоҳҳо шартнома мебанданд ва аз ин роҳ донишгоҳҳо соҳиби маблағҳои бузург мегарданд.

Дар кишвар, дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ, барномаи махсуси «Маълумот барои ҳама» ва «Маълумот барои духтарон» амалӣ мегардад, ки новобаста аз ҷинс тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ бояд бо маълумот фаро гирифта шаванд. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз дастовардҳои назаррас як қатор мушкилиҳои фарогирии духтарон бо маълумоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣҷой дорад. Иштироки духтарон дар маълумоти миёна, дар Тоҷикистон, махсусан дар синфҳои 10-11, нисбат ба Қазоқистон ва Қирғизистон паст аст. Аз ин рӯ, монеаҳое, ки вуҷуд доранд, бояд бардошта шавад, кӯшиш намудан зарур аст, ки духтарон дониши саривақтӣ гиранд ва заминаи устувори ҳаёти худро худ муҳайё намоянд. Хушбахтона, солҳои охир сиёсати давлатӣ оид ба омода намудани кадрҳои баландихтисос аз ҷониби бонувон хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Масалан, аз 19000 нафар хизматчии давлатӣ 4500 нафар ё 25%-ро занон ташкил медиҳанд,

ки 1100 нафар ё 19%-и онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият менамоянд. Дар баробари ин 24%-и маҷлиси намояндагонро хонумон ташкил медиҳанд. Инчунин, 73% дар соҳаи маориф, 67% тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, 51% соҳаи фарҳангро занону духтарон ташкил медиҳанд. Дар сарчашмаҳои расмӣ ишора мегардад, ки: «Дар баробари ин нақши занон дар пешрафти илм низ хеле бузург аст, аз ҷумла дар соҳаҳои гуногуни кишвар 116-нафар докторони илм, 1124-нафар номзади илм, ки аз он 15 нафар доктор ва 133 нафар номзади илм дар соҳаи илмҳои дақиқ аз ҳисоби бонувон мебошад. Ҳатто дар иншоотҳои бузурги аҳамияти стратегидошта ба монанди Нерӯгоҳи Барқии обии «Роғун» 750 нафар, аз ҷумла 40 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, нерӯгоҳи «Норак» ва «Бойғозӣ» 1500 нафар ва дар корхонаи «Алюминийи тоҷик» зиёда аз 150 нафар дар бахшҳои гуногун бонувони мамлакат фаъолият менамоянд. Онҳо дар таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣ саҳми шоиста мегузоранд. Аз ҷумла 32200 хоҷагии деҳқониро занон роҳбарӣ менамоянд» [15, с.474-477].

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо идораҳои соҳавии дигар давлатҳо, ташкилоту институтҳои байналмилалӣ, ки ба лоиҳаҳои таълимӣ ҷалб шудаанд, барои таъмини таълиму тарбияи самарабахши мутахассисони соҳибихтисос дар хориҷа чораҳои зарурӣ меандешад. Аз ҷумла, ҳоло дар хориҷа тақрибан 30 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекунанд [15, с.477].

Дар раванди инкишоф ва дурнамои маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда, коркарди роҳҳои қабули донишҷӯён яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар замони имрӯза, дар аксарияти давлатҳои тараққикарда қабули донишҷӯён ба муассисаҳои олии касбӣ тариқи имтиҳоноти марказонидашудаи дохилшавӣ амалӣ мегардад, ки ба паст рафтани сатҳи коррупсия дар соҳаи маориф ёрӣ мерасонад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд ҳамқадами онҳо гардидааст. Бо мақсади қабул намудани довталабон ба донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ «Маркази миллии тестӣ» ташкил карда

шуд, ки ин марказ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми феврали соли 2014 таҳти рақами № 138, фаъолияти худро ба роҳ монд, ки то ба имрӯз натиҷаҳои хубе додааст, ки аксари шаҳрвандон аз раванди қабули донишҷӯён ба муассисиҳои таълимӣ розӣ мебошанд. Дар Паёми Сарвари давлат аз соли 2015 қайд мегардад, ки: «Имтиҳоноти дохилшавии марказонидашуда ин соҳаест, ки бо технологияи муосир таҷҳизонида шудааст ва ба баҳогузории объективӣ, адолатнок ва шаффофи довталабон ва дастрасии баробар ба муассисаҳои таълимии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Солҳои пешин то 20% довталабон ва волидайни онҳо, оид ба натиҷаи имтиҳонот, шикоят менамуданд, дар соли таҳсили 2014-2015 аз 52 ҳазор довталабон танҳо 400 нафар шикоят намуданд, ки камтар аз 1%-ро ташкил менамояд» [21].

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар дар замони соҳибистиқлолӣ, таъмини муассисаҳои олӣ ба кадрҳои педагогӣ ба ҳисоб меравад ва доимо зери назорати ҳукумат қарор дорад. Масалан, бо мақсади ҷалби мутахассисони ҷавон ба муассисаҳои таълимӣ ва иқтисодиёти кишвар, соли 1995 Қарор «Оид ба чораҳо нисбати беҳтар намудани истифодаи мутахассисони ҷавон пас аз хатми муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи махсус» тасдиқ карда шуд [6], ки ба беҳтар гардидани таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои педагогӣ мусоидат намуд. Моҳи апрели соли 1996 Қарори Ҳукумати Тоҷикистон «Оид ба муқаррароти фиристодани мутахассисон, ки маълумоти олӣ ё миёнаи махсус доранд дар асоси шартномаи ҳамкорӣ» қабул карда шуд [7]. Дар ин соҳа, Ҳукумати кишвар ба тайёр намудани мутахассисони ҷавон диққат махсус медод. Аз ин рӯ, мактабҳои маълумоти умумӣ аз ҳисоби ҷавонон, ки маълумоти миёнаи умумӣ доштанд, бо педагогҳои касбӣ таъмин карда мешаванд ва ин раванд то ба имрӯз дар баъзе минтақаҳо вуҷуд дорад. Вале мутаассифона танҳо дар соли 2000-ум миқдори омӯзгороне, ки дорои маълумоти миёнаи умумӣ буданд, ба 15,2 ҳазор баробар будааст, ки ин рақам нисбати солҳои гузашта бештар аст, ин дар ҳолест, ки аз тарафи Хукумат

тамоми чораҳо андешида шуда истодаанд, то омӯзгорони соҳибкасбро ба кори таълиму тарбия ҷалб намояд. Чуноне, ки аз оморҳо маълум мегардад то ба ҳол натиҷаи мусбӣ надодааст, зеро дар соли таҳсилии 2019, 1790 нафар бо фаъолияти педагогӣ машғуланд, ки дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд, ки дар ин бора қаблан дар диссертатсия зикр гардидааст.

Дар баробари ин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-уми майи соли 2006 таҳти рақами № 197 «Оид ба муқаррар намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон» тасдиқ гардид. Аз моҳи январи соли 2007 барои омӯзгорони ҷавон чунин имтиёзҳо муқаррар карда шуданд: ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ; дар ноҳияҳои кӯҳӣ, дар доираи имкониятҳои минтақаи мазкур, ҷудо намудани қитъаи замин барои ташкил намудани боғ ва зироаткорӣ; пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок; ёриву дастгирии омӯзгорони ҷавон аз тарафи ҳокимиятҳои маҳаллӣ. Илова бар ин, як қатор чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани таъминоти касбӣ дар соҳаи маориф қабул карда шуданд. Дар давоми солҳои 2007-2015, 608 нафар омӯзгорони ҷавон бо имтиёзҳо таъмин карда шуданд, 2792 нафар бо қитъаҳои замин, 514 – қитъаҳои замин барои боғдорӣ ва зироаткорӣ, 1302 – қарзҳои имтиёзнок, гирифтанд. Миқдори имтиёзҳои муайянгардида дар вилояти Бадахшони кӯҳӣ ба 293 нафар, дар вилояти Хатлон – 1651 нафар, вилояти Суғд – 1460 нафар, шаҳри Душанбе –7 нафар, ноҳияҳои тобеи марказ –1197 нафар пешниҳод гардид. Дар ин давра ба 1302 нафар мутахассисони ҷавон қарзҳои имтиёзнок ба маблағи 7 млн 390 ҳазор сомонӣ дода шуд, ки мақсаднок истифода гардиданд [25]. Мувофиқи фармони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали соли 2013 таҳти рақами № 476, 3870 мутахассиси ҷавон дар асоси роҳхати Вазорати маориф ба муассисаҳои маълумоти умумӣ ба кор фиристода шуданд. Дар айни замон аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии шаҳру ноҳияҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-уми майи соли 2006 таҳти рақами № 197, «Оид ба муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» диққати зарурӣ

намедиҳанд, ки ба таъминоти кадрҳои педагогии мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ таъсири манфӣ мерасонад [102, с.9]. Яке аз омилҳои нигоҳ доштани мутахассисон дар соҳаи маориф пешниҳоди саривақтии имтиёзҳо ва дастгирӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҷамоатҳо ба ҳисоб меравад.

Таъмини муассисаҳои таълимии соҳаи маориф бо кадрҳои педагогӣ, зарурати васеъ намудани фаъолияти муассисаҳои олии педагогиро талаб менамояд. Дар байни онҳо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии пешқадам буда, маркази калони тайёр кардани мутахассисон мебошад. Он маркази илмӣ-тадқиқотии худро дорад ва дар рушди самтҳои гуногуни илмӣ нақши муҳим мебозад. Донишгоҳ ба баланд бардоштани сатҳи дониш, худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандӯстӣ, инчунин тайёр кардани кадрҳои баландихтисос мусоидат мекунад. Донишгоҳ бо 286 муассисаи таҳсилоти олӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотии дигар кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ созишномаҳо ва шартномаҳои ҳамкорӣ бастааст. Дар Донишгоҳ 110 аспирант, 12 докторант, 270 унвонҷӯён,152 докторант PhD ва 1022 нафар магистр, дар соли 2020 ба таҳсил фаро гирифта шудаанд [27]. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аъзои Ассосиатсияи байналхалқии донишгоҳҳои Европа ва Осиёи Марказӣ аст, ки ба он 55 донишгоҳ шомил аст. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо аксарияти муассисаҳои таълимии ИДМ ва ҷаҳон ҳамкорӣ менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф симои худро дигаргун сохта, низоми муайянро коркард намуда, анъанаҳои ғаниро нигоҳ дошта, махсусан дар соҳаи маълумоти олӣ, тариқи ислоҳоти мухталиф, натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва рӯ ба тараққӣ нишон медиҳад, ки асоси рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар навбати аввал аз сатҳи маърифати миллат вобаста мебошад, ки барои кишвари мо низ хос аст. Равандҳои тағйироти бо суръат ва гузариш ба ислоҳот, ҷомеаи моро аз ҷумла

соҳаи маорифро ба пуррагӣ дигаргун сохтааст. Нақши маориф дар ҳаёти ҷомеа боло рафта ва он бо соҳаи бисёрсамтаи худ ба сохтори мураккаб мубаддал гардидааст. Ба мушкилоти мавҷуда нигоҳ накарда мувофиқаткунонии соҳаи маориф бо намунаҳои байналхалқӣ идома дорад. Дар ҷомеаи муосири тоҷик маориф яке аз афзалиятҳои асосии миллӣ ба шумор меравад ва барои таъмини суботи он дар дарозмуддат талошҳо ба харҷ дода мешаванд.

Дар муносибатҳои минтақавию байналмилалӣҳамкориҳо дар соҳаи маориф низ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Олимони кишвар таъкид менамоянд, ки: «Имрӯз, соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқии зиёде ҳамкорӣ менамояд, аз ҷумла: Барномаи рушди СММ, Созмони байналхалқии муҳоҷират, Хазинаи Оғохон, Хазинаи Қувейт, Ҳамкории техники Олмон, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки инкишофи Осиё, Агентии байналхалқии ИМА оид ба инкишофи байналхалқӣ, (ЮСАИД), Бонки рушди Саудӣ, ЮНИСЕФ, Намояндагии САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра» [59, с.184].

Дар давоми замони соҳибистиқлолӣ мо муносибатҳои шарикиро дар соҳаи маориф бо давлатҳои хориҷӣ, институтҳои байналмилалӣ ва ҷомеаҳои касбӣ фаъолона инкишоф дода, ба табодули донишҷӯён диққати махсус додем. Ин хуб аст, ки мо имконият дорем, то кадрҳои ватаниро, ки барои мо заруранд, дар хориҷ омода менамоем. Лекин бояд қайд намоем, ки он кадрҳоеро, ки имконияти тайёр намудани онҳо дар дохили кишвар вуҷуд надорад, бояд дар хориҷ тайёр намоем. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, як қатор масъалаҳо бояд баррасӣ карда шаванд. Аён аст, ки дар ҷаҳони имрӯза вазъи сиёсӣ аз сабаби ҷалби ҷавонон ба созмонҳо ва гурӯҳҳои номатлуб, ки метавонанд онҳоро барои мақсадҳои худ истифода баранд, торафт ноустувортар мешавад. Барои ҷавоне, ки нав мактабро хатм кардааст ва худро дар муҳити нав ва ношинос мебинад, муайян кардан ва дарк кардани манфиатҳои онҳо дар сатҳи шахсӣ, гурӯҳӣ, миллӣ, динӣ ва ҳатто сиёсӣ ва давлатӣ ҳанӯз душвор аст.

Муошират бо донишҷӯён, махсусан бо донишҷӯёни курси якум нишон медиҳад, ки дар ин синну сол онҳо зудбовар, дорои психикаи заиф, ҷаҳонбинии маҳдуд, иттилооти кам ва ҳанӯз ташаккулнаёфта буда, надонистану надоштани тасаввурот оиди бозиҳои пасипардагии сиёсати бузург, онҳоро зудтар ва бештар ноустувор ва суст мегардонад. Дар Ватан имкониятҳои ин донишҷӯён маҳдуд карда шудааст, зеро давлат бо мақсади таъмини амният, барои пешгирӣ аз таъсири иттилооти манфӣ ва номатлуб, сайтҳои интернетиро маҳдуд нигоҳ медорад. Дар баробари ин, онҳоро дар асоси манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ бояд тарбия намуд, то зиракии сиёсии онҳоро баланд бардошта шавад. Инсон метавонад боақлу бофаҳму босавод бошад, лекин дурандешӣ, оқибатандешӣ, эҳтиёткорӣ, пухтагии сиёсӣ бо тайёрии махсус ва ё дар натиҷаи ба даст овардани таҷрибаи ҳаётӣ ба даст меояд, ки он солҳои тӯлониро дарбар мегирад.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки пас аз хатми мактаби миёна фиристодани ҷавонон ба хориҷ барои таҳсил мувофиқи мақсад нест. Беҳтар мешуд, пас аз хатми донишгоҳ дар кишвар, ҷавонон барои таҳсил дар магистратура, докторантура ва ё такмили ихтисос ба хориҷ фиристода шаванд. Дар баробари ин аз устодони маъруф, ботаҷриба, соҳибкитоб ба донишгоҳҳои кишвар даъват карда шаванд, то аксари донишҷӯён ба низоми таълимии онҳо ошно гарданд ва устодон низ аз таҷрибаи онҳо истифода намоянд. Инчунин устодони донишгоҳҳои мамлакатро ба донишгоҳҳои бо нуфӯзи ҷаҳонӣ барои таҷриба фиристодан лозим аст. Хушбахтона раванди мазкур роҳи ҳалли худро пайдо намуда истодааст, чуноне, ки Президенти кишвар дар Паёми солонаи худ зикр намуданд, ки: «Тибқи маълумот ҳар сол аз институтҳои Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар то 500 нафар омӯзгорон ва олимону муҳаққиқон барои табодули таҷриба, бозомӯзӣ, таҳсил дар зинаҳои магистратура ва докторантура сафарбар карда мешаванд, вале ин ҳоло ҳам кам аст» [23].

Имрӯз муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналхалқӣ» бо ҳамкории зиёда аз 20 давлати хориҷӣ мутахассисонеро тайёр менамояд, ки мо ба онҳо ниёзмандем ва имконияти дар кишвар тайёр намудани онҳоро надорем. Аз тарафи Маркази барномаҳои байналхалқӣ, бо 104 муассисаи таълимии хориҷӣ созишнома ба имзо расонида шудааст [59, с.187].

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соҳаи маориф ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст, ки ба рушди муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири бузург мерасонад. Солҳои охир дар соҳаи маориф дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд. Стандартҳои нави касбӣ таҳия карда шуданд ва инчунин шумораи одамони дорои маълумоти олӣ афзоиш меёбад. Маълумоти босифат афзалияти муҳим ва сармояи бузург барои давлат маҳсуб мегардад. Маълумоти миёнаи умумӣ, ки дастрасиро ба маълумоти асосӣ (базавӣ) таъмин менамояд, барои тамоми кудакон, афзалиятнок эълон гардидааст.

Дар шароити инкишофи ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани рақобат, ба ҷои аввал меҳнати эҷодӣ мегузарад, ки ҳавасмандкунии нав, яъне ҳавасмандкунии худамалинамоии эҷодии шахсро талаб менамояд. Ташаккули тафаккури нав, ҳавасмандкунии нав ва кормандони нав, ки мехоҳанд ва метавонанд чизи наве бунёд намоянд, низоми нави маорифро талаб менамояд, ки дар қатори дигар кишварҳо, давлати мо низ дар ин самт кӯшиш карда истодааст. Барои амалӣ намудани ин мақсад, шароити зарурӣ бунёд гардида истодааст. Барои мо меҳнати доимиву давомнок ва кӯшиш барои баланд бардоштани сатҳи зеҳнии аҳолӣ, инчунин тағйири талабот нисбати маълумот зарур аст.

Ҳамин тариқ, инкишофи соҳаи маориф, ки яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоии давлат шуморида мешавад, ҳанӯз аз талаботи муосир қафо мондааст. Дар ин рӯзҳо тақдири давлат аз он муайян карда мешавад, ки то чӣ андоза системаи маориф метавонад ба рушди иқтидори зеҳнӣ мусоидат кунад ва барои тарбияи истеъдодҳои барҷастаи миллӣ асос гардад. Бо вуҷуди он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад бо суръати баланд сатҳи олии

байналхалқии илмӣ ва таълимиро ба даст орад, лекин мо бояд пай дар пай ва давра ба давра дар ин ҷода фаъолият намуда, ба натиҷаҳои бузург ноил шавем. Зеро миллати тоҷик дорои мактаби таълимии худ буда ва чун миллати соҳибтамаддун, меҳнатдӯст, босабр, маърифатдӯст эътироф гардидааст.

Таъкид кардан муҳим аст, ки дар давраи гузариши рушди ҷомеа вазифаҳои барқарорсозии системаи таҳсилоти олӣ ҳал карда шуданд. Дар шароити муосир ин вазифаҳо бояд бо рушди давлат алоқаманд бошанд ва ба талаботи асри XXI ҷавобгӯ бошанд.

Дар робита ба ин, таҳсилоти олӣ ба дигаргуниҳои зерин ниёз дорад:

- беҳтар кардани заминаи моддию техникии аксари донишгоҳҳо, аз ҷумла таъмини адабиёти таълимӣ, компютерҳои муосир ва пайвастшавӣ ба интернет;

- баланд бардоштани самаранокии барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон;

- равона намудани соҳаи мактаби олӣ ба бозори меҳнат ва қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат бо мутахассисони соҳибмаълумот;

- истифодаи усулҳои босифат ҷиҳати идоракунӣ дар соҳаи маълумоти олӣ, ҳамзамон ҷудо намудани маблағи зарурӣ ба масъалаҳои идоракунии сифати маълумот;

- аз байн бурдани нобаробариҳо дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ ва васеъ намудани майдони илмҳои дақиқ, зеро аксарияти онҳоро ихтисосҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳанд;

- зарурати таъмини миқдори зиёди хатмкунандагони мактаби олӣ бо ҷои кор дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо ҳавасмандгардонии онҳо;

- тайёр намудани мутахассисониварзида дар соҳаҳои наве, ки бозори меҳнат дар замони муосир талаб менамояд ва ба он ниёз дорад;

- ташкили «Паркҳои техникӣ» - и бузург дар назди ҳар як донишгоҳ ва бо ин восита дар амал татбиқ намудани назарияҳо ва таълимоту андешаҳои мавҷуда;

-дар «Паркҳои техникӣ»-и бузург ба роҳ мондани истеҳсолоти илмие, аз ҷониби ширкатҳои давлатӣ ва ё хусусӣ супориш (заказ) дода мешавад ва ғайра, ки ба воситаи ин ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд.

Агар мо воқеан мехоҳем, ки тадқиқотҳои илмӣ натиҷаи хуб диҳад ва онро ҷомеа дарк намояд, бояд сохтори зидди инҳисорӣ фаъолияти худро дуруст ба роҳ монад, то ҳар гуна ҳаракатҳои фасодкорӣ ва монеаҳои бюрократӣ ва ғайраҳо пешгирӣ карда шаванд, дар чунин ҳолат сармоягузорон бе монеаҳои сунъӣ корхонаҳои истеҳсолии худро ба роҳ монда ва сармоягузориҳояшонро афзоиш медиҳанд. Дар ин сурат мутахассисони омода намуда дар корхонаҳои замонавӣ машғул ба кор шуда ва дар сурати пайдо гардидани камбудиҳо оид ба омоданамоии мутахассисони нав, барномаҳои таълимӣ такмил дода шуда ва бо талаботҳои замони муосир мутобиқ карда мешаванд.

ХУЛОСА

Маориф ҳамчун соҳаи такмилдиҳандаи зеҳни инсонӣ ва ангезандаи пешравии ҷомеаи инсонӣ, хизмат мекунад. Аз ин ҷо, дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ва таҳлили сарчашмаҳо ва маводҳои илмию назариявӣ дар пажӯҳиши мавзуи мазкур оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф корҳои зиёд анҷом дода шуданд ва аз натиҷаи таҳқиқоти мазкур мо ба чунин хулоса расидем:

1.Маориф ҳамчун падидаи муҳимми ҳаёти ҷомеа, марҳилаҳои тӯлонии таърихи инсониятро дар бар гирифта, таваҷҷӯҳи мутафаккирон ва муҳаққиқони халқҳои гуногуни оламро ба худ ҷалб карда ва то ба имрӯз ин раванд идома дорад. Бинобар ин зимни таҳқиқ ва таҳлили мавзӯи мазкур мо ба мероси гузаштагон такя намуда, кӯшиш кардем, ки мувофиқ ба талаботи замони муосир дар соҳаи маориф ба пажӯҳиши он дар рисолаи мазкур иқдом намоем.

Таҳқиқот ва таҳлилҳо нишон доданд, ки маориф яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки ҳаёти ҷомеаи муосир мебошад. Сатҳи рушди давлат асосан аз рӯи иқтидори зеҳнии ҷомеа муайян карда мешавад. Чунон ки маълум аст ҷомеаи пешрафтаю тараққикарда бе рушди маориф ва заминаи боэътимод барои инкишофи асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангӣ вуҷуд дошта наметавонад.

Имрӯз ки Тоҷикистон дар давраи гузариш ба ҷомеаи демократӣқарор дорад, зарурият ба он фаро расидааст, ки тамоми шаклу усулҳои нави муосири инкишофи соҳаи маориф оид ба талабот ва меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонида шавад. Чунон ки маълум гардид дар давраи гузариш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби давлат ва Ҳукумати кишвар як қатор қонунҳо, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣқабул гардида, ба раванди рушди маориф такони ҷиддӣ додааст.

Тадқиқотҳо нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бо муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ вобастагии зич дошта, барои

муваффақгардидан ба раванди ислоҳот дар соҳаи маориф асос мегузорад. Дар раванди таҳқиқот, мо ба хулосае омадем, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро метавон ба самте равона намуд, ки он аз соҳаи хароҷотнок ба соҳаи даромаднок ва афзалиятнок, табдил дода шавад. Таҳқиқотҳо нишон дод, ки соҳаи маориф дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бозори меҳнат хосияти умумӣ пайдо кард. Пажӯҳиш собит намуд, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҳамчун унсури калидии сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб шуда, бо мақсади муваффақ гардидани самаранокӣ ва сифати таълим ҷиҳати амалӣ намудани барномаҳои ислоҳотӣ оғоз гардид, ки метавон онро бо тартиби зерин ҷудо кард:

-бунёди асосҳои қонунгузорӣ, меъёрӣ ва дурнамо барои ислоҳоти низоми маълумоти бисёрзинагии тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи маориф;

- ғайримарказонидани соҳаии идоракунӣ ва пешниҳоди сатҳи муайяни мухторият ба муассисаҳои таълимии олӣ, васеъ намудани соҳаии таълимӣдар асоси шартнома ва ба роҳ мондани муносибатҳои шарикӣбо муассисаҳои таълимии олии ИДМ ва хориҷи дур;

- тайёр намудани мутахассисони босалоҳият, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, ҳамгироии низоми маорифи Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ, ташаккули низоми рушди пайвастаи касбӣ барои ҳамаи мутахассисон. Мақсади асосии гузариш ба тарҳи бисёрзинагӣ ин тайёр намудани кадрҳо, омода намудани мутахассисони намунаи нав, ки дорои сатҳи баланди касбӣ мебошанд;

-ҳамзамон гузариши соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми фосилавии таълим низ ба сифати таҷриба бояд истифода карда шавад.

-барои зудтар раҳоӣ ёфтан аз ақибмондагии зеҳнӣ таваҷҷӯҳи бештару зиёдтар ба ҷавонони зеҳнияташон баланд дар соҳаи илмҳои дақиқ таваҷҷӯҳ зоҳир карда шуда, кадрҳои лаёқатманд дар идоракунии ҷомеа пешбарию дастгирӣ карда шавад ва аз ҳамагуна «бо кор таъминкунии худӣ» ҳазар карда шавад.

Таҳқиқотҳо нишон дод, ки низоми маорифи Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии маориф бо дарназардошти хусусиятҳои фардӣ дар таълим, бунёди имкониятҳо барои эҷод ва тафаккури истифодаи дониш ва маҳорат, инчунин технологияҳои муосири иттилоотӣназдик шуда истодааст. Таъсиси ҷомеаи зеҳнӣ дар давлат на танҳо бо дараҷаи коркарди асосҳои назариявӣ ва усулҳои татбиқи онҳо, балки бо динамикаи ҳаёт, ниёзҳои ҷамъиятӣ ва ҳадафҳои таълимии ҳар як шахс вобаста аст.

2. Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки имрӯз модернизатсияи маориф ҳамчун талаботи ҷомеаи муосири рушдкарда маънои мусбиро касб намуда бо маорифи анъанавӣ омезиш меёбад ва раванди таълимро бо мазмуну мундариҷаи нав пурра менамояд. Дар робита бо ин, маориф ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми иҷтимоӣ, шавқу рағбати ҷомеаи ҷаҳониро барои ба даст овардани тахассусҳои нав баланд намудааст, зеро тамоми умеду орзуҳо дар баромадан аз буҳрони фарҳангӣ ва зеҳнӣ, ки дар асоси тағйиротҳои ҷиддии ҳаёти ҷомеа пайдо шудаанд, бо маориф пайвандии зич дорад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки инкишофи таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд, ки низоми маориф ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад.

3.Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ташаккул ва коркарди лоиҳаҳои навоварио пешниҳод менамояд. Маълумоти навоварӣ дар диссертатсия яке аз афзалиятҳои асосӣ шуморида мешавад, ки дурнамои инкишофи маорифи миллиро дар асри XXI муайян менамояд. Фаъолгардии раванди навоварии муассисаҳои таълимоти олӣ асоси тарҳи навоварии инкишофи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Маънои навоварӣ (инноватсия) дар касб кардани чунин қобилият ва маҳорат аз тарафи донишҷӯён, ба монанди пешбинӣ, ояндабинӣ, самтгирӣ дар шароити душвори ҳаёти ҷомеа зоҳир мегардад.

Дар маорифи ватанӣ раванди ворид намудани таълимоти нав идома дорад, ки донишҷӯро дар маркази раванди таълимӣқарор дода, ӯро аз субъекти ғайрифаъол ба субъекти фаъоли раванди таълим табдил медиҳад. Ба ин раванд

сатҳи техникаи муосири компютерӣ, интернет, адабиёти илмию таълимӣ, барномаҳои таълимӣва силлабусҳо мусоидат менамоянд.

Бо мақсади мукаммал намудани раванди омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ, технологияҳои пешбар дар раванди таълим дар мисоли тахтаҳои электронӣ (таълими интерактивӣ) ворид карда мешаванд ва истифодаи он нақши омӯзгорро низ тағйир медиҳад. Афзалияти муҳимми тахтаҳои электронӣ ва навъҳои мухталифи иттилоотрасонӣ дар як барнома дар он аст, ки сатҳи нави таълим шавқи инсонро бештар намуда ва донишҷӯ аз тамоми ҳиссиёти худ, яъне, аз гӯш кардан, дидан ва кор фармудани компютер истифода менамояд.

Дар доираи системаи нави таҳсилоти олӣ, донишҷӯ аз ихтисоси маҳдуд ба сатҳи васеътари касбӣ мегузарад. Ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ диққати махсус дода мешавад, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки мушкилотро самаранок таҳлил кунанд, роҳҳои ҳалли худро пайдо кунанд ва дар бораи қобилияти фикрронии худ хулоса бароранд.

Дар диссертатсия таъкид гардидааст, ки таъмини рақобатпазирии байналхалқии иқтисодиёти миллӣ шавқу рағбати доимиро нисбати масъалаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф пешниҳод менамояд. Ба мавҷудияти ҳуҷҷатҳои бунёдӣ – назариявӣ нисбати инкишофи маълумоти олии ватанӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ нигоҳ накарда, дурнамои ворид намудани талаботҳои Аҳдномаи Болон (Декларатсияи Болон) ба маълумоти олӣ мулоҳизаҳои гуногунро ба миён овардааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай ба низоми таълими бисёрзинагӣ ва вобаста ба талаботҳои Аҳдномаи Болон ворид шудааст. Новобаста аз мулоҳизаҳои гуногун, имрӯз низоми мазкур дар Тоҷикистон фаъол аст. Ба андешаи мо зарур аст, ки низоми зикршуда бояд бо василаҳои ҳозиразамон таъмин карда шавад.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки дар адабиёти илмии ватанӣгуногунии натиҷаи наздикшавӣ ба фазои Европаии маориф, ногузирии аз даст додани як қатор арзишҳо ва анъанаҳои таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ

таъкид карда мешавад. Чӣ тавре, ки маълум аст, раванди ислоҳоти маориф хеле мушкил ва мураккаб буда, захираҳои зиёди зеҳнӣ, молиявӣ ва меҳнатиро талаб менамояд.

Таҳлили самтҳои муосири ислоҳоти маълумоти олӣ нишон медиҳад, ки ин раванд хеле мураккаб амалӣ мегардад ва гузариши пурра ба ин низом метавонад давраи тӯлониро фаро гирад. Сиёсати давлатии маорифи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди мураккаби ҷустуҷӯ ва ташаккули манфиатҳои умумимиллиро дар соҳаи маориф таҷассум менамояд, ки бояд заминаи афзалиятнокии соҳаи маорифро таъмин намояд.

Дар стратегияи таълимии Тоҷикистон тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи маориф то андозае ба инобат гирифта шуданд, вале кишвар обрӯи худро ҳамчун давлати дорои сатҳи баланди фарҳангу илм ва ворид шудан ба арсаи байналмилалӣ нигоҳ дошт. Дар ҷаҳони муосир ҳадафи асосии сиёсати таълимӣ таъмини таҳсилоти босифат ва муосир мебошад, ки ба ниёзҳои шахс, ҷомеа, давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад.

Стандартҳои муосири таълимӣ ва тамоюлҳои рушди системаи маориф таҷдиди усулҳои идоракуниро талаб мекунанд ва ба ноил шудан ба ҳадафҳое равона карда шудаанд, ки дар навбати аввал ташаккули системаи ягонаи давлатии назорат ва мониторинги сифати таълимро дар назар доранд.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки дар замони мо аз нав дида баромадани равишҳо ба рушди технологияҳои иттилоотӣ зарур аст. Ин барои бартараф кардани камбудиҳо ва хатогиҳо дар асоси таҷрибаҳои беҳтарини дар ҷаҳон ҷамъшуда зарур аст. Барои татбиқи ин мақсад ба омилҳои зерин диққат додан зарур аст:

- гузариш ба муносибати салоҳиятнокӣ дар тамоми зинаҳои маълумот;

- ташаккул ва мувофиқ намудани сохтори зинаҳои маълумот ба хотири ба даст овардани сифати нави маълумот;

- инкишофи низоми баҳогузорӣ ва идоракунии сифати маълумот;

- такмил додани сифати маълумот барои бедор намудани ҷавҳари маънавии инсон;

-дуруст ба роҳ мондани раванди имтиҳонсупории донишҷӯён, ки ҳеҷ омиле таъсир расонида натавонад, истифодаи усулҳои нави идоракунӣ, ки дар натиҷа он ризоияти умумро фаро гирад.

4.Модернизатсияи низоми идоракунии маориф, васеъ намудани асоси иттилоотии идоракуниро пешниҳод менамояд, ки он дар асоси назораткунии вазъияти ҷорӣ, таҳлил ва пешбинии инкишофи маориф асос ёфтааст. Дар шароити имрӯза завқи илмӣ нисбати омӯзиши масъалаҳое, ки дар соҳаи маориф вуҷуд доранд, бештар гардида ва онҳо дар маркази таҳқиқотҳо қарор гирифтааст, ки ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал намудани ин масъалаҳо пешниҳод карда мешавад, дар диссертатсия ҷой дода шудаанд.

Чуноне, ки дар боло зикр гардид, раванди модернизатсия аз сатҳи мутобиқшавии низоми маориф, талаботҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа, вазъият ва иродаи сиёсии давлат нисбати инкишофи маориф вобаста аст. Дар шароити модернизатсияи ҷомеаи Тоҷикистон низоми маориф яке аз омилҳои пешбар ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ислоҳоти маорифро бо дарназардошти тағйиротҳои иқтисодӣва иҷтимоӣ дар кишвар муайян намуд. Барои ин, ташаккули низоми маориф, ки метавонад субъекти иҷтимоиро ҳамчун бунёдгари муносибатҳои нави ҷамъиятӣ таҷдид намояд, зарур мегардад. Пайдо намудани тавозуни байни қонеънамоии талаботҳо ва манфиатҳои шахсии қишрҳои гуногуни ҷомеа, бо талаботҳо ва манфиатҳои давлатӣ таъмин гардад. Дар баробари ин, тавозун дар ҳарду самт нигоҳ доштани анъанаҳои таълимии ватанӣ, мукаммал намудани мундариҷаи он, тайёр намудани мутахассисон барои бозори меҳнат ва тарбияи шахсият, зарур мебошад.

5. Дар диссертатсия ба нақши илмҳои ҷомеашиносӣ ва таълими онҳо диққати хоса дода шудааст ва мақоми онҳоро дар баланд бардоштани шуури сиёсӣ, маданияти сиёсӣ ва мустаҳкам намудани иродаи сиёсӣ дар болоравии

худшиносии миллӣҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Нақши фанҳои ҷомеашиносӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо на танҳо гузариши донишҳои илмӣ, балки ташаккули самтгириҳои арзишӣ дар ченаки маънавии насли наврасро таъмин менамоянд. Ба «ҳуҷум» - и фаъоли ҷомеаи иттилоотӣ нигоҳ накарда, таъкид намудан зарур аст, ки бидуни донишҳои гуманитарӣ нигоҳ доштани сатҳи тамаддуни кишвар ва дар маҷмуъ тамаддуни ҷомеаи ҷаҳонӣғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ба рушди донишҳои гуманитарӣ ва маънавию ахлоқӣ, инчунин ташаккули арзишҳои шахсӣ таъкид кардан лозим аст. Дар акси ҳол, мо хавфи табдил додани ҷомеаи худро ба истеъмолкунандагони фарҳангҳои бегона, аз даст додани робита бо фарҳанги худ ва ба миллати вобаста табдил ёфтан дорем.

Ҳамин тавр, ислоҳоти нави таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд воқеиятҳои муосири ҷомеаро ба назар гирад. Дар шароити мустақилияти комили иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ усулҳои ба худшиносӣ, худогоҳии миллӣ ва эътирофи арзишҳои умумиинсонӣ равонашуда ҷорӣ карда мешаванд. Ин усулҳо ба мавҷудияти таърихӣ ва маънавии миллат асос ёфта, дурнамои рушди онро муайян мекунанд. Дар асоси таҷрибаи таърихии халқи тоҷик ва дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи маориф ва тарбия бояд таълимоти нави таълимӣ таҳия ва амалӣ карда шавад, ки ба ҳадафҳои дарозмуддат ва созандаи миллӣ ҷавобгӯ бошад. Ин зарур аст, зеро тоҷикон таърихан системаи таълимии худро доштанд ва метавонанд ин "бренд" - ро баргардонанд.

Дар доираи навсозии системаи таълимӣ, ба беҳтар кардани сифати таълим диққати асосӣ дода мешавад. Ин раванд, ки як системаи мураккаб аст, ба ҳама сатҳҳои таҳсилот таъсир мерасонад ва таҳлили рушд ва ташаккули шахсият, инчунин арзёбии шароит ва натиҷаҳои раванди таълимро дар бар мегирад. Дар асоси ин нишондиҳандаҳо самаранокии кори муассисаи таълимӣ баҳо дода мешавад. Ин як чорабинии муҳим аст ва ҳадафи асосии он тайёр кардани хатмкунандагони баландихтисос мебошад.

Раванди таълимро имрӯзҳо мафҳумҳои нави дигар аз ҷумла «маълумоти бефосила», «маълумоти фосилавӣ», «саводнокӣ», «маълумоти иловагӣ», «аккредитатсияи давлатӣ», «аттестатсия», инчунин таълими сезинагии «бакалавр», «магистр», докторанти PhD ва ғайра фаро гирифтааст, ки он бо меъёрҳои байналхалқӣ дар соҳаи маориф ҳамоҳанг гардида истодааст.

6. Таҳлили мундариҷаи ислоҳот дар Тоҷикистон, ки дар 10 -15 соли охир дар соҳаи маориф гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки амалӣ намудани ислоҳот бо ду монеа рӯ ба рӯ гардидааст: – нокифоягии захираҳо ва мавҷуд набудани механизмҳое, ки ислоҳотро дар амал қувватбахшанд ва онро дар амал татбиқ намоянд. Имконияти иловагии молиявӣ ва механизмҳои мувофиқи амалӣ намудани ислоҳоти таълимӣ танҳо дар натиҷаи дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба амал меояд, ки бидуни онҳо дигаргуниҳои ҷиддӣ дар соҳаи маориф танҳо чун нияти хайр боқӣ мемонанд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар замони истиқлолият вазифаҳои миллӣ дар соҳаи маориф ва тарбия шакл ва мундариҷаи нав пайдо карданд. Дар Тоҷикистон, ки ақли солим дар ҳаёти ҷамъиятӣ бартарӣ пайдо кард, барои рушду таҳкими консепсияҳои миллии таълимӣ заминаҳои воқеӣ ташаккул ёфтанд. Дар натиҷа, таҳсилот ва тарбия ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ гардида, ҳамчун воситаи муассири нигоҳ доштани суботи ҷомеа нақши калидӣ мебозанд.

Бо омӯзиши равандҳои ташаккул ва таҳаввули системаи маориф дар давраи истиқлолият машғул гардида, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

- пас аз он ки Тоҷикистон мустақил шуд, вай ба монанди дигар кишварҳое, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омаданд, дар таъсиси давлатдории нав ба мушкилот дучор шуд. Аз ҷумла, ин ба таҳияи сиёсати нав дар соҳаи маориф, ки яке аз ҷанбаҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад, дахл дошт. Таҳсилот ҳамчун самти афзалиятнок ба назар мерасид, ки бояд барои рушди ояндаи кишвар асос гардад;

- вазъияти ноустувори давлат раванди ташаккул ва инкишофи соҳаи маорифро тулонӣ мегардонад, аз ин хотир Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо баъди соли 2000 – ум соҳаи мазкурро беҳбуд бахшид, зеро дар ҷомеа устувории комил ба даст омад;

- раванди мутобиқшавӣ ба вазъи нави геополитикӣ, ба назар гирифтани манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ ва ташаккули афзалиятҳои сиёсӣ бо дарназардошти шароити нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин ба даст овардани мақоми ҳақиқии давлати мустақил дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби Тоҷикистон;

- дарки аҳамияти маориф ҳамчун ҷанбаи калидии пешрафти иқтисодӣ, дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва ҳамчун соҳае, ки таваҷҷӯҳи ҷиддии давлатро талаб мекунад, зеро ҳатто амнияти миллӣ аз он вобаста аст;

- гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф дар ду самт:

а) сол ба сол баланд бардоштани андозаи маблағгузорӣ ба соҳаи маориф ва табдил додани соҳаи маориф аз соҳаи хароҷотнок ба соҳаи даромаднок;

б) мукаммалгардонии сифати маълумот дар тамоми сатҳҳо ва ихтисосҳо, ҳамчунин баланд бардоштани масъулиятшиносии кормандони соҳаи маориф;

- масъалаи аз ҳама муҳим – ин таъмини адолатнокӣ дар тамоми сатҳ ва дар тамоми ноҳияҳо, хусусан аҳамияти бештар ба деҳот, зеро аксари аҳолии кишвар дар деҳот умр ба сар мебаранд. Бояд масофаи шароити беҳтар будани шаҳр аз деҳот, ба воситаи беҳтар намудани шароит дар деҳот, кам карда шавад. Ҳатто дар масъалаи донишгоҳҳо низ иҷроиши адолат дар авлавият қарор дода шавад.

Ҳамин тариқ, чи тавре ки таҳқиқот нишон медиҳад, дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, аллакай ислоҳот марҳила ба марҳила дар низоми маориф ҳамчун пешниҳоди маҷмӯи донишҳои назариявӣқобили қабул дониста мешавад. Дар шароите, ки маориф ҳамчун арзиши муҳим ва сармояи асосии ҷомеа барои инсон ба ҳисоб меравад, пас мақсад ва маҳсули соҳаи маориф бояд зеҳн ва шахсияти инсон гардад, зеро он яке аз қисматҳои асосӣ ва таркибии ҷаҳони

маънавии ҷомеа шуморида мешавад. Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол ошкор намудани қонуниятҳо, хусусиятҳои инкишофи маориф, нишон додани роҳҳои бадастории маълумоти сифатнок дар оянда низ хеле зарур аст ва пешравии давлати тоҷикон аз он вобастагии амиқ дорад. Маориф нигоҳдорандаи ганҷи миллӣ, зеҳн ва ақлу заковати миллат мебошад.

НОМГӮИ АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

[1]. Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Нашри Ганҷ» 2016. [Матн] – 135с.

[2]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг». –2013. [Матн] –180с.

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти олӣ ва пас аз дипломӣ». –Душанбе, 2009.

[4]. Стратегияи миллии инкишофи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.

[5]. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2020 [Матн] – 108с.

[6]. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О некоторых мерах по улучшению использования молодых специалистов после окончания высших и средне - специальных учебных заведений» [Текст]. – Душанбе, 1995. – № 312. – 10 июня.

[7]. Постановление Правительства Республики Таджикистан «Об утверждении Положения о целенаправленной подготовке специалистов, имеющих высшее и средне - специальное образование договорным путем» [Текст]. – Душанбе, 1996. – № 329. -–27 апр.

[8]. Стратегия государственной молодежной политики в Республике Таджикистан до 2020 года.

[9]. Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2004 - 2014 годы [Текст]. –Душанбе, 2004.

[10]. Текущий архив Министерства образования и науки Республики Таджикистан. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан до 2020 года [Текст]. – Душанбе, 2012.

[11]. Текущий архив Министерства образования и науки Республики Таджикистан. Годовые отчеты за 2000-2001 гг.

Асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Эмомалӣ Раҳмон

[12]. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат[Матн] / Э. Раҳмон. Ҷ.15. –Душанбе:«Ирфон», 2017. –576с.

[13]. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. Ҷ. 16. –Душанбе:«Ирфон», 2018. –576с.

[14]. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат[Матн] / Э. Раҳмон. Ҷ.17. –Душанбе: «Ирфон», 2018. –576с.

[15]. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат[Матн] / Э. Раҳмон.Ҷ.19. –Душанбе: «Ирфон», 2020. –576с.

[16]. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён[Матн] / Э. Раҳмон. –Душанбе:«Ирфон», 2016. –704с.

[17]. Раҳмонов Э. Ш. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст[Матн] / Э. Ш. Раҳмонов. – Душанбе, 2006. – 108с.

[18]. Раҳмонов Э. Ш. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст[Матн] / Э. Ш. Раҳмонов. – Душанбе, 2007. – 320с.

Паёмҳо ва маҷаллаҳо

[19]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 15 апрели 2009.– Душанбе:«Шарқи озод» [Матн] Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[20]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистан Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистан [Матн] // Садои мардум. – 2013. – 25 апр.

[21]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистан Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистан [Матн] // «Садои мардум» 23.01.2015. №11 (3312).

[22]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистан Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистан. 26. 12. 2019[Матн] // Адабиёт ва санъат. 01.01.2020 №1 (2024).

[23]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.01.2021[Матн] Душанбе. // Ҷумҳурият. 27.01.2021. №18 (24 125).

[24]. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистан Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино. [Матн] //Садои мардум. – 2022. – 2 сентябр. № 109 (4529).

[25]. Кодир Х. Молодые учителя извлекают пользу от льгот? [Текст] /Х. Кодир. Газетаи «Омузгор». – 2016. – 11 февр.

[26]. Охунзода Н. 207 медали хонандогони тоҷик. [Матн] / Н. Охунзода. // Газетаи «Омузгор»,–№ 37. – 12 сентябр. – 2019.

[27]. Донишгоҳи милли Тоҷикистон боргоҳи бузург дар омода намудани мутахассисон. [Матн].// Фараж.– № 36 (718). – 2 сентябр. – 2020.

[28]. Ба қуллаҳои дониш – нашрияи ДМТ. – №19 (1445). 1 –уми декабри соли 2018.

Китобҳо

[29]. Абдуқаҳҳор Х., Зафар С. Эмомали Раҳмон – Асосгузори давлатдории муосири тоҷик [Матн] – Душанбе, 2017. 336с.

[30]. Акилов Н. И. Маблағгузории ғайрибуҷетии[Матн] – Душанбе: «Ирфон», 2011. 195с.

[31]. Амондуллоев Б.С. Фалсафаи маорифпарварии Шарқи наздик, Миёна ва Ҳинд (нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ) [Матн] / Б. С. Амондуллоев. –Душанбе, 2019.– 245с.

[32]. Андреев А.Л. Российское образование: социально-исторические контексты [Текст] / А. Л.Андреев.М.: Наука, 2008. – 359 с.

[33]. Базарова С.Ш. Принципы и перспективы инновационной деятельности национальной политики высшего образования [Текст] / С.Ш. Базарова. – Душанбе, 2009. 161с.

[34]. Бартольд В.В. «История культурной жизни Туркестана». Соч. том 2 ч.1. – М.: ИВЛ, 1963.– 657с.

[35]. Бермус А.Г. Модернизация образования: философия, политика, культура: научная монография [Текст] / А. Г.Бермус. – М.: Канон*, РООИ «Реабилкгациа», – 2008. – 384 с.

[36]. Ветохин С.С. Болонский процесс как путь модернизации системы высшего образования Белоруссии[Текст] / С.С. Ветохин. О.В. Граблевский, В.А. Дунаев, А.В. Лаврухин, Е.О. Савко. – Минск: Медисонт, 2014. – 68с.

[37]. Гершунский, Б.С. Философия образования[Текст] / Б.С. Гершунский. – М.: Флинта, 1998. – 298с.

[38]. Гидденс Э. Социология [Текст] / Э. Гидденс. – М. 2005. – 632с.

[39]. Дарендорф Р. Тропы из Утопии. Работы по теории и истории социологии [Текст] / Р. Дарендорф.– М.:Ираксис, 2002. – 536 с.

[40]. Дианова Н.Ф. Модернизация культуры и образования в условиях глобализации: философско-культурологический анализ [Текст] / Н.Ф. Дианова. – Краснодар: ИД «Юг», 2011. – 367 с.

[41]. Дьюи Д. Демократия и образование [Текст] / Д. Дьюи – М.: Педагогика-Пресс, 2000. – 384 с.

[42]. Дюркгейм Э. Социология. Ее предмет, метод, предназначение [Текст] / Э. Дюркгейм. – М., 1995. – 230с.

[43]. Жуков В.И. Российские преобразования: социология, экономика, политика [Текст] / В.И. Жуков. М.:Академический проект, 2003. –654 с.

[44]. Зихтдинова Ф.Г. Социальные проблемы образования [Текст] / Ф.Г. Зихтдинова. – М.: РГГУ, 1999. – 213 с.

[45]. Зокиров Г. Таърихи таълимоти сиёсӣ [Матн] / Г. Зокиров. –Душанбе: «Истеъдод», 2010. – 392с.

[46]. Идиев Х.У. Трансформирующееся Таджикское общество. –Душанбе: «Ирфон»,2003. –200с.

[47]. Идиев Х.У.Традиции и новации в контексте изменения общественной жизни современного Таджикистана[Текст] / Х. У. Идиев. –Душанбе: «Ирфон», 2006. –118с.

[48]. Козер Л. А. Функции социального конфликта [Текст] / Л. А. Козер. – М.: Идея-пресс, 2000. – 208 с.

[49]. Комилов Р.С. Назаров М.А. Фалсафаи илм – Душанбе, 2008. – 541с.

[50]. Кузнецов М.Ф. Образовательная политика в условиях глобализации общества [Текст] / М.Ф.Кузнецов. – М.: Компания Спутник+Т, 2009. – 200 с.

[51]. Кумбс Ф.Г. Кризис образования в современном мире [Текст] / Ф.Г. Кумбс. Системный анализ. – М.: Прогресс, 1970. – 260 с.

[52]. Курбанов А.Ш. Образовательная политика в условиях государственной независимости Таджикистана [Текст] / А.Ш. Курбанов – Душанбе, 2003. – 118с.

[53]. Қурбонов А.Ш.Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикстон. (таҳлили иҷтимоӣ фалсафӣ) [Матн] / А. Ш. Қурбонов. – Душанбе, 2019. –220с.

[54]. Қурбонов А.Ш. Илм ва маориф: Тамоюлот, мушкилот, дурнамо [Матн] / А.Ш. Қурбонов. – Душанбе: «Ирфон», 2022. – 412с.

[55]. Қурбонов А.Ш. Вазъи маориф ва илм дар шароити истиқлоли давлатӣ[Матн] / А.Ш. Қурбонов. – Душанбе: Аржанг, 2021 – 354с.

[56]. Қурбонзода Х. Ташаккули соҳаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х. Қурбонзода. – Душанбе, 2016.–148с.

[57]. Қурбонзода Х., Бобоев Ҳ. Самтҳои аввалияи рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф [Матн] / Х. Қурбонзода., Ҳ. Бобоев. –Душанбе, 2016. – 180с.

[58]. Махмадов, А.Н. Инновация образования и проблемы преподавания общественных дисциплин (опыт Таджикистана) [Текст] / А.Н. Махмадов, С. Ш. Базарова. Монография. – Душанбе, 2009. –74 с.

[59]. Мирбобоев Р. Рушди маориф ва илм дар даврони истиклолияти давлатӣ [Матн] / Р. Мирбобоев., Х. Зиёев., С. Қосимӣ., Б. Бадалов. – Душанбе: «Маориф», 2016. – 192с.

[60]. Муҳабатов. А. Сиёсатшиносӣ [Матн] / А. Муҳабатов. – Душанбе: «Истеъдод», 2013. –392с.

[61]. Мухабатов А., Хасанова Ш. Основные формы и методы воспитания вузовской молодежи.[Текст] / А. Мухабатов, Ш. Хасанова. –Душанбе, 1993. –83с.

[62]. Назаров Р. Философия качества образования Таджикистана (социально-философский анализ) [Текст] / Р. Назаров. – Душанбе, 2011. – 320с.

[63]. Назурлои А., Умари Ш. Ваҳдатовар [Матн] / А. Назурлои., Ш. Умар. – Душанбе, 2014. – 188с.

[64]. Носирҷон С., Абдулфаттоҳ Ш. Тоҷики оламшумул [Матн] / С. Носирҷон. Ш. Абдулфаттоҳ. – Душанбе,2011. – 371с.

[65]. Обидов И.О. «История развития народного образования в Таджикской ССР».,(1917-1967). – Душанбе, 1968.–295с.

[66]. Парсонс Т. О структуре социального действия [Текст] / Т. Парсонс. – М.: Академический проект,2000. – 879 с.

[67]. Парсонс Т. Социальных системах [Текст] / Т. Парсонс. – М.:Академический проект, 2002. – 832 с.

[68]. Сайидзода З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992 – 2004гг.) [Текст] / З. Саидзода. – Душанбе: ООО «Контраст», 2010. –297с.

[69]. Саймон Б. Общество и образование [Текст] / Б. Саймон. – М.: Прогресс, 1989. – 198с.

[70]. Салимов Н., Шарифзода А. Тоҷики оламшумул [Матн] / Салимов Н., Шарифзода А.– Душанбе, 2015. – 371с.

[71]. Тоффлер Э. Третья волна [Текст] / Э. Тоффлер. – М.: Изд-во АСТ, 2004. – 781с.

[72]. Тоффлер Э. Шок будущего [Текст] / Э.Тоффлер. – М.: «Издательство АСТ», 2004.– 557 с.

[73]. Тощенко Ж.Т. Тезаурус сотсиологии [Текст] / Ж.Т. Тощенко. М.: «Юнити», 2009. – 490с.

[74]. Форрестер Д. Мировая динамика [Текст] / Д. Форрестер. – М.: Изд-во АСТ, 2003. – 379 с.

[75]. Фукуяма Ф. Великий разрыв [Текст] / Ф. Фукуяма. – М.: АСТ, 2008. – 474 с.

[76]. Хотамов Н.Б. «Бухарские джадиды и основные этапы их деятельности». [Текст] / Н. Б. Хотамов. –Душанбе, 2000.–57с.

[77]. Человеческое развитие. Под ред. Бабаджанова Р.М. [Текст] – Душанбе: ООО «Фарзин», 2014. – 433с.

[78]. Шаъбанов Н.Н. Особенности формирования политической культуры студенческой молодежи в процессе трансформации общества. (опыт Республики Таджикистан) Монография. [Текст] / Н. Н. Шаъбанов. – Душанбе, 2015. –184. с.

[79]. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений [Текст] / Ш. Шоисматуллоев.– Душанбе, 2006. – 317 с.

[80]. Шоисматуллоев Ш. Поколение в системе образования [Текст] / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе, 1999. – 143 с.

[81]. Ягофаров Д.А. Правовое регулирование системы образования учебное пособие [Текст] / Д. А. Ягофаров. – М., 2004. – 210 с.

Мақолаҳои илмӣ

[82]. Асмолов, А.Г. Как будем жить дальше? Социальные эффекты образовательной политики [Текст] / А.Г. Асмолов // Лидеры образования. – 2007. – № 6. – С. 4-10.

[83]. Асмолов, А.Г. Социальные эффекты образовательной политики [Текст] / А.Г. Асмолов // Национальный психологический журнал. – 2010. – № 2(4). – С. 100-106.

[84]. Атахонов Т. Традиции и новшества в школьном обучении [Текст] / Т. Атахонов. //Маорифи Тоҷикистан. – 2013. – № 3. – С.7.

[85]. Алимов И. А. Подушевое финансирование как важнейший механизм модернизации системы образования [Текст] / И. А. Алимов. //Вестник Педагогического университета.– 2014. – №4 (59). – С. 153-157.

[86]. Байханов, И.Б. Государственная политика как фактор развития национальной образовательной системы: базовые аспекты [Текст] / И.Б. Байханов // Этносоциум и межнациональная культура. – 2020. – № 1(139). – С. 69-76.

[87]. Беляков, С.А. Системные аспекты образовательной политики и управления образованием [Текст] / С.А. Беляков, В.Ж. Куклин // Университетское управление: практика и анализ. – 2003. – № 3. – С. 10-23.

[88]. Беляков, С.А. Образовательная политика и управление образованием [Текст] / С.А. Беляков // Университетское управление: практика и анализ. – 2008. – № 6(58). – С. 12-31.

[89]. Власова, В.Н. Международная образовательная политика по развитию непрерывного образования [Текст] / В.Н. Власова, Н.Ю. Таирова, Т.А. Цквитария // Международный журнал экспериментального образования. – 2017. – № 8. – С. 17-21.

[90]. Зиёӣ Х.М. Нақши сарчашма ва унсурҳои асосии сармояи иҷтимоӣ дар рушди неруи инсонӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / Х.М. Зиёӣ.

// Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ. –Душанбе, 2022. – №2. – С.21-27.

[91]. Ильинский, И.М. "Знание - понимание - умение" как формула перспективной научной и образовательной политики [Текст] / И.М. Ильинский // Знание. Понимание. Умение. – 2014. – № 1. – С. 5-17.

[92]. Кондракова, И.Э. Образовательная политика: содержание понятия [Текст] / И.Э. Кондракова // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. – 2010. – № 128. – С. 116-125.

[93]. Қурбонов А.Ш. Вазъ ва мушкилоти соҳаи маориф дар замони истиқлолият[Матн] / А.Ш. Қурбонов. // Маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конверенсияи илмӣ–амалӣ (ш. Душанбе, 2 майи соли 2014). –Душанбе: «Эр-граф», 2015. – С.6-21.

[94]. Лоуи Т. Дж. глобализация, государство, демократия [Текст] / Т. Лоуи // Политические исследования. – 1999. –№ 10. – С. 21-24.

[95]. Лутфуллоев М. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи маориф [Матн]/ М. Лутфуллоев // Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо (Маҷмӯи мақолаҳо). – Душанбе: «Адиб», 2015. – С. 233-247.

[96]. Маҳмадов А.Н. назаре ба вазъи илмҳои ҷомеашиносӣ дар партави Паёми навбатии Президенти кишвар[Матн] / А.Н. Маҳмадов. // Илм ва фановарӣ –2015. – №2 (6). – С.185-188.

[97]. Маслов В.И. «Роль образования в современном мире [Текст] / В.И. Маслов. // Журнал: Век глобализации. Выпускник – № 2 (12), 2013. – С. 13-16.

[98]. Муҳабатов А. Нақш ва мавқеи модернизатсияи сиёсӣ дар раванди тағийрёбии ҷомеа [Матн] / А. Муҳабатов. // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. –№2/7. – С. 280 - 283.

[99]. Назаров Р. Назария ва амалияи дастрасӣ ба сифати таҳсилот дар Тоҷикистони имрӯза: проблема ва мулоҳизот [Матн] / Р. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои илмҳои фалсафа. – 2018. –№1 –С.185-189.

[100]. Назаров Р. Фалсафа модели маорифи асри XXI [Матн] / Р. Назаров // Маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. маводи конверенсияи илмӣ–амалӣ (ш. Душанбе, 2 майи соли 2014). – Душанбе: «Эр-граф», 2015. – С.22-34.

[101]. Нодирхонов Г.Г. Иттилоот ва гуногунии системаҳои иҷтимоӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –№10. – Душанбе, 2019. – С. 143-145.

[102]. Нуралиев А. Беседа министра с главным редактором[Текст] / А. Нуралиев//Маорифи Тоҷикистон. – 2013. – № 6. – С. 9.

[103]. Плаксий С.И. Болонский процесс в России: плюсы и минусы (Национальный институт бизнеса) [Текст] / С.И. Плаский. – Российское общество.– №1, 2012. – С. 10-14.

[104]. Пулатова М.Ш. Особенности рынка труда в регионе Центральной Азии Таджикистан [Текст] / М.Ш. Пулатова // Тенденции развития экономики и высшего образования в условиях глобализации: материалы практической конфренции (г.Душанбе, 16-17 мая 2014 г.). – Душанбе: «Сумани Қудрат», 2014. –С. 276-280.

[105]. Раджабова И.Р. Пути направления реализации концепции человеческого развития в сфере образования [Текст] / И.Р. Раджабова. // Маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе: «Эр-граф», 2015. – С. 91-96.

[106]. Раҳмонов Э.Ш. Низоми соҳаи маориф асоси рушди ҷомеа аст. [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. Маҷмуи мақолаҳо. (Мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар, Душанбе, 22 декабри соли 2005). – Душанбе, 2006.–С. 3-35.

[107]. Рустамова Х.Р. Переход к информационному обществу в Республики Таджикистан [Текст] / Р.Х. Рустамова. // Вестник Таджикский Национальный Университет.– №2/(175). –Душанбе, 2015.– С. 36-39.

[108]. Рогачевский С.В., Байбардин Т.Н., Нищенко Л.В. Приоритеты развития высшего образования республики Беларусь в современных условиях глобализации. Актуальные проблемы развития экономики и образования [Текст] / С.В. Рогачевский, Т.Н. Байбардин, Л.В. Нищенко //Материалы третьей международной научно-практической конференции (19-20 июня 2015 г.). –Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 101-104.

[109]. Сангинов Н. Совершенствование механизма обеспечение качества образования - требование времени [Текст]/ Н. Сангинов // Материалы второе международной научно практической конференции – Душанбе, 2014. –С.16-20.

[110]. Сидорова, А.А. Доказательная образовательная политика: методологические основы [Текст] / А.А. Сидорова // Государственное управление. Электронный вестник. – 2016. – № 57. – С. 322-339.

[111]. Султонова М.М. К вопросу об устойчивом развитие национальной экономики и инвестиции в человеческий капитал. [Текст] / М.М. Султонова. // Тенденции развития экономики и высшего образования в условиях глобализации. (Практической конфренции 16-17 мая 2014). – Душанбе: «Сумани Қудрат», 2014. – С. 280-284.

[112]. Термизов С.Ш. Процесс глобализации в системе образования [Текст] / С.Ш. Термизов. // Илм ва фанноварӣ. –2015. – №3 (7). – С. 170-173.

[113]. Типенко, Н.Г. Экономика образования и образовательная политика [Текст] / Н.Г. Типенко // Общественные науки и современность. – 2003. – № 4. – С. 29.

[114]. Файзуллоев М.К. Инновационная деятельность высшей школы: Методологические разработки Материалы второй [Текст] / М.К. Файзуллоев//Международной научное практическое конференции

(г.Душанбе 16 -17 мая , 2014 г.). – Душанбе, 2014. – С. 36-40.

[115]. Хидирова М. Таҳсили духтарон ва таъсири он ба вазъи гендерӣ[Матн] / М. Хидирова. // Маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: (Маводи конверенсияи илмӣ–амалӣ, ш. Душанбе, 2 майи соли 2014). - Душанбе: «Эр-граф», 2015. –С.34-38.

[116]. Чубайс А. Инновационная экономика в России: что делать? [Текст] / А. Чубайс // Вопросы экономики 2011. –№1. – С. 120-126.

[117]. Шпаковская, Л.Л. Советская образовательная политика: социальная инженерия и классовая борьба [Текст] / Л.Л. Шпаковская // Журнал исследований социальной политики. – 2009. – Т. 7, № 1. – С. 39-64.

Диссертатсияҳо ва авторефератҳо

[118]. Алимов И.А. Тенденции развития образования Таджикистана в условиях демократизации общества[Текст]: дисс. канд. пед. наук: 13.00.01 / И.А. Алимов. – Душанбе, 2015. – 160с.

[119]. Атакуллаев У. Развитие образование в Республике Таджикистан в период независимости [Текст]: дисс… канд. пед. наук: 13.00.01/ У.Атакуллаев. – Душанбе, 2010. –146с.

[120]. Базарова С.Ш. Процессы и перспективы инновационной деятельности национальной политики в области образования (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. дисс… канд. полит.наук:23.00.02 / С.Ш. Базарова. – Душанбе, 2009. – 22с.

[121]. Бахтовари Нуралӣ. Политические, экономические и культурные связи республики Таджикистан и Туркменистан в годы независимости (1991-2016гг.)[Текст]: автореф. дисс… канд. ист. наук:07.00.15 / Нуралӣ Бахтовар. – Душанбе, 2019. – 26с.

[122]. Бермус А.Г. Управление качеством профессионально -педагогического образования[Текст]: автореф. дисс…. д-ра. пед. наук:13.00.08/ А.Г. Бермус. – Ростов-на-Дону, 2003.– 45с.

[123]. Гафаров Н.У. Джадидизм в средней Азии в конце XIX – начале XX вв.[Текст]: автореф. дисс… д-ра…ист… наук:07.00.02 /Н.У.Гафаров. – Душанбе 2013. 46с.

[124]. Имомалиева Р.М. Трансформация института образования в современном таджикистанском обществе (социально - философский анализ) [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук: 09.00.11 / Р.М. Имомалиева. – Душанбе, 2018. – 24с.

[125]. Каримов Т.Г. Состояние и проблемы управления образованием в республике Таджикистан в условиях демократизации общества[Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук:13.00.01 / Т.Г. Каримов. – Душанбе, 2011.27с.

[126]. Кузьмин А.Е. Государственная политика в области образования в современной России: перспективы развития и методы разработки [Текст]: автореф. дисс… канд. полит. наук: 23.00.02. / А.Е. Кузьмин.– Ярославль, 2012. –28 с.

[127]. Мирганова Н.Р. История становления и развития системы высшего образования Таджикистана в условиях трансформации общества [Текст]: дисс. канд. пед. наук:13.00.01/ Н.Р. Мирганов.– Душанбе, 2007. 153с.

[128]. Мирзоев Р. Р. Педагогические аспекты подготовки преподавателей к работе в условиях кредитной системы образования [Текст]: дис. … канд. пед. наук:13.00.08/ Р. Р. Мирзоев.– Курган-Тюбе, 2010. – 168 с.

[129]. Муҳамадҷони Т.Р. Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII [Матн]автореф. дисс. д-ри фалсафа (PhD): 6D02.01.00./Т.Р.Муҳамадҷон. – Душанбе, 2020. –23 с.;

[130]. Сангинова Д.У. Теоритические основы и тенденции развития кредитной системы обучения в Республики Таджикистан.[Текст]: дисс… канд. пед. наук: 13.00.08/ Д.У. Сангинов. – Душанбе, 2015. 161 с.

[131]. Фархудинов И. Проблемы реформирования и перспективы развития системы образования Таджикистана после обретения

независимости[Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / И. Фархудинов. – Душанбе, 2013. – 24с.

[132]. Файзов Н.Н. Ҳамкориҳои илмӣ - фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият [Матн]: автореф.дисс. н.и.т:07.00.15 / Н.Н. Файзов. – Душанбе, 2019. 48с.

[133]. Хаким-заде С.К. Образование как сфера государственной политики Таджикистана. [Текст]: автореф. дисс... канд. полит. наук: 23.00.02./ С.К. Хаким-заде. – Душанбе, 2004 – 22 с.

[134]. Хусейнзода М. Народное образование Республики Таджикистан в период суверенитета (1991 - 2000 гг.). [Текст]: дисс… канд… ист… наук:07.00.02 / М. Хусейнзода. – Душанбе, 2002. – 176 с.

Манбаҳои электронӣ

[135]. Докучаев И.И. Шесть принципов Болонской декларации и российское образование [Электронный ресурс] / И.И. Докучаев. htt/www.teacher-edu.ru/./wmc/bol (дата оборощения: 01.04.2019).

Адабиёт бо забони англисӣ

[136]. Merton R. Social Theory and Social Structure. [Text] / R. Merton. – Glencoe, 1957.

[137]. March J. G., Olsen J. P. Rediscovering Institutions: the Organizational Basis of Politics [Text] / J.G. March, J. P. Olsen. –N.Y.: Free Press, 1989.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

[1 - М]. Гадоев Н.З. Теоретико – методологические основы государственной политики в области образования [Текст] / Н.З. Гадоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – №2/6 (175). – С. 215-220.ISSN 2413-5151

[2 - М]. Гадоев Н.З. Модернизационный процесс образования в условиях государственной независимости [Текст] / Н.З. Гадоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/5 (207). –С.264-268.ISSN 2413-5151

[3 - М]. Гадоев Н.З. Образование – приоритетное направление государственной политики в условиях демократизации общества [Текст] Н.З. Гадоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/7. – С.291-296.ISSN 2413-5151

[4 - М]. Гадоев Н.З. Роль общественных дисциплин как приоритетное направление воспитания высококвалифицированных кадров [Текст] Н.З. Гадоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – №1. – С.265-270.ISSN 2413-5151

[5 - М]. Гадоев Н.З. Раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф[Матн] / А. Муҳаббатов, Н.З. Гадоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №5. – С. 310-314.ISSN 2413-5151

Маърӯзаҳои илмӣ

[6 – М] Гадоев Н.З. Раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули сиёсати навин дар соҳаи маориф //Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир: маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ (ш. Душанбе, 05 декабри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 156 - 165.

[7 – М] Гадоев Н.З. Ташаккули инсонияти инсон – ҳадафи асосии маориф дар асри XXI //Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд: маводҳои семаинарӣ илмию амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 24 феврали соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 319-324.

[8 – М] Гадоев Н.З. Системаи маориф ҳамчун воситаи муҳими пешгирии амалҳои манфӣ дар ҷомеаи муосир //Нақши маориф дар мубориза бо ифротгароии сиёсӣ ва терроризм: маводи конференсияи илмӣ- назариявии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 22 феврали соли 2022). – Душанбе, 2022. –С. 166-175.

[9 – М] Гадоев Н.З. Маориф ҳамчун омили асосии ташаккули маданияти иттилоотӣ дар замони муосир // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи илмӣ- назариявӣ (ш. Душанбе, 29 ноябри соли 2022). – Душанбе: ДМТ, 2022. – С. 130 – 137.